**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**
**Факултети таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ**
**Кафедраи забон ва адабиёт**

**Ба истиқболи 700-солагии Шайх Камоли Хуҷандӣ**

# ШАРҲИ БИСТ ҒАЗАЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

**(Дастури таълимӣ – методӣ)**

**ДУШАНБЕ**
**2020**

**ББК**
**Ш –**

Муфассирон:
**Равшани ҲАМРОҲ ва Тоҷибой СУЛТОНӢ**

Хаттот:
**Иброҳими НАҚҚОШ**

Муҳаррир:
**Ҳамза БОҚИЕВ**

Мусаҳҳеҳ:
**Миҷгона АЮБЗОДА**

**Шарҳи бист ғазали Камоли Хуҷандӣ. – Душанбе: 2020, 120 саҳ.**

*Дар ин маҷмӯа шарҳу тафсири бист ғазали шоири ориф ва солики покбози роҳи Ҳақ – Шайх Камоли Хуҷандӣ (раҳ) аз тарафи олимони суханшинос Равшани Ҳамроҳ ва Тоҷибой Султонӣ сурат гирифта, он ғазалҳо бо қалами хаттоти намоён Иброҳими Наққош ба хати форсӣ хушнависӣ карда шудааст. Муфассирон аз рӯйи завқу идроки худ ғазалҳоро шарҳ додаанд. Умед аст, ки хонандагони заковатманд ин маҷмӯаро чун армуғоне ба 700-солагии шоир пазироӣ мекунанд.*

**© Иброҳими Наққош, 2020**

## ТАФСИРИ ДАҲ ҒАЗАЛИ ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ БО ҚАЛАМИ РАВШАНИ ҲАМРОҲ

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, тирамоҳи соли ҷорӣ дар ҷумҳурии мо ва соири кишварҳои ҳамзабонамон 700- солагии шоири ориф ва шуҳратёри тоҷик Шайх Камоли Хуҷандӣ бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил карда мешавад. Аз ин ваҷҳ, мо тасмим гирифтем, ки интихобан даҳ ғазали маъруфи ӯро мавриди тафсир ва баррасӣ қарор бидиҳем. Камоли Хуҷандӣ дар ғазалсароӣ дар радифи Саъдиву Ҳофиз қарор дорад. Мо ин пояи истеъдоди ӯро ба мушоҳида гирифтаем. Доктори илмҳои филологӣ, профессори зиндаёд устод Абдулманнон Насриддинов низ ба ин нукта ишораи ҷолибе кардааст: “Лафз дар таҳти қалами муъҷизаофари шоир (Камоли Хуҷандӣ- Ҳ.Р.) бо ҳазор карашмаи маънавию суварӣ таҷаллӣ мекунад. Иҳому лутфи зарифона, суханбозиҳои қашанг, савтиёти дилангез, маъниҳои рехта тору пуди шеъри ӯро зиннат додаанд, рӯҳи ирфонӣ ба он равони рӯшан бахшидааст” (1, 21).

Шайх Камоли Хуҷандӣ дар радифи бузургтарин шуарои ориф қарор дошт. Аз ин рӯ, вай чун дигар орифон ҳар маъниро ба сурате бознамудааст ва аз ҳар сурате маънии хосе ҷустааст. Ашъораш ба ин васила маъниҳои мармузе касб кардаанд ва бар замми маъниҳои қашанги зоҳирӣ маъниҳои баланди ботиниро аз онҳо метавон ба даст овард. Мо то ҷое ки имкон доштем, ба қадри фаҳмиши худ бо истифода аз истилоҳоти ирфонӣ ба шарҳу тафсири даҳ ғазали ин шоири ориф камар бастем. Ва агар дар ин иқдом аз тарафи мо тақсире сар зада бошад, аз рӯҳи мутаҳҳари эшон пӯзиш металабем.

از تو یک ساعت جدای خوش نمی آید مرا
با دگر کس آشنای خوش نمی آید مرا

گویم روزی در سلطان وقت خویش باش — بعد سلطانی گدای خوش نمی آید مرا
چاکرانت را میگویم که خاک آن درم — با بزرگان خودستای خوش نمی آید مرا
گفتمش در آب عارض عکس جان با ما نمای — گفت هردم خودنمای خوش نمی آید مرا
از لب لعلت نپرهیزم به دور آن دو چشم — پیش مستان پارسای خوش نمی آید مرا
منکر زهدم به رویت تا نظرباز آمدم — پاکبازم من دعای خوش نمی آید مرا

صوفیان گویند چون ما خیز در رقص آ کمال
حالت وجد ریای خوش نمی آید مرا

## ҒАЗАЛИ 1

Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,
Бо дигар кас ошноӣ хуш намеояд маро.
Гӯиям: Рав з- ин дару султони вақти хеш бош,
Баъди султонӣ гадоӣ хуш намеояд маро.
Чокаронатро намегӯям, ки хоки он дарам,
Бо бузургон худситоӣ хуш намеояд маро.
Гуфтамаш: Дар оби ораз акси ҷон бо мо намой,
Гуфт: Ҳар дам худнамоӣ хуш намеояд маро.
Аз лаби лаълат напарҳезам ба даврони ду чашм,
Пеши мастон порсоӣ хуш намеояд маро.
Мункири зуҳдам ба рӯят, то назарбоз омадам,
Покбозам ман, дағоӣ хуш намеояд маро.
Сӯфиён гӯянд: Чун мо хезу дар рақс о, Камол,
Ҳолату ваҷди риёӣ хуш намеояд маро. (1, 36)

**Луғот:**

**1. Султон** – а.1.ҳоким , фармонраво, подшоҳ. 2.*таър.*унвони подшоҳон дар баъзе мамлакатҳои Шарқ.

**2. Чокар** – навкар, хизматгор, фармонбардор.

**3. Худситоӣ** – худтаърифкунӣ, ғуруру такаббур ба худ, фахркунии беҳуда.

**4. Ораз** – *а.*рухсора, ду бари рӯй, рӯй, чеҳра.

**5. Лаъл** – (*муарраби* **лол**). 1.*маъд.* яке аз сангҳои қиматбаҳои сурх аз ҷинси ёқут; **лаъли Бадахшон** яке аз навъҳои аълои лаъл, ки дар кӯҳистони Бадахшон ёфт мешавад. 2.*маҷ.* сурх, ба ранги сурх. 3.*маҷ.* лаби лаългуни маъшуқа: **ба таври истиора: лаъли лаб, лаъли сухангӯ, лаъли рӯҳафзо, лаъли хандон, лаъли ҷонбахш, лаъли шакарбор..., ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад.** *(зарб.); **лаъл ба даст омадан*** комёб шудан, ба мақсад расидан.

**6. Порсоӣ** – 1.покӣ, покизагӣ, покдоманӣ. 2.диндорӣ, парҳезгорӣ, зоҳидӣ.

**7. Мункир** – *а.* инкоркунанда, эътирофнакунандаи коре ё касе; **мункир шудан** а) иқрор нашудан, эътироф накардан; б) рад кардан, инкор кардан.

**8. Зуҳд** – *а.* парҳезгорӣ, беэътиноӣ ба ҳавову ҳавас, зоҳидӣ, порсоӣ.

**9. Даға** – 1.макру фиреб, ҳила. 2.*маҷ.*одами каҷбоз, қаллоб, фиребгар; **дӯғу даға** таҳдид, дӯғу пӯписа.

**10. Сӯфӣ** – 1.пайрави тариқати тасаввуф.

**11. Ваҷд** – *а.* бехудӣ ва хурсандӣ, ғояти шавқу шодӣ, завқ; **бо ваҷди тамом** бо шавқу завқи бениҳоят, бо эҳсосоти баланд; **ба ваҷд омадан** худро гум кардан аз ғояти шавқу завқ, ба ҳаяҷон омадан, рӯҳбаланд шудан.

**12. Риё** – *а.*худро некукор ва покдоман нишон додан, ба ҷо овардани коре барои худнамоӣ ва намуди зоҳирӣ, дурӯягӣ, мунофиқӣ.

Ин ғазали Хоҷа Камоли Хуҷандӣ тобиши ирфонӣ дошта, дар он сухан аз ишқи илоҳӣ меравад. Муҳимтарин санъатҳои бадеие, ки шоир дар ин ғазал мавриди корбурди худ қарор додааст, санъатҳои маҷоз, истиора, киноя ва тазод аст. Агар мо чун анъана ҳар байти ғазалро дар алоҳидагӣ мавриди тафсир қарор бидиҳем, аз фоида холӣ нахоҳад буд. Дар матлаи ғазал шоир ба маҳбуби худ, ки Худост, муроҷиат карда хитоб мекунад, ки ман соате аз ту ҷудо будан ва бо каси дигар ошноӣ кардан намехоҳам. Дар ин ифода қазияи иҷтиноб варзидани шоир аз ширк ва иродати ӯ дар ишқи илоҳӣ ифода ёфтааст. Масъалаи матраҳи ирфонӣ дар матлаъ **ошноӣ** буда, чун истилоҳи ирфонӣ таалluқи дақиқи рабубият мебошад, ки бо ҳама мавҷудот пайваста аст, амсоли таалluқи холиқият ба махлуқият аст:

**Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,**
**Бо дигар кас ошноӣ хуш намеояд маро.**

Дар байти дуюм шоир зоҳиран таъкид менамояд, ки эй маҳбуби ман, маро мегӯӣ, ки аз дари ман рав ва султони вақти худ бош, аммо баъди султонӣ ба ман гадоӣ хуш намеояд. Вожаи **дар** чун истилоҳи сӯфиёна дар ин байт ба маънои мутовиат омадааст, ки шоир аз он даст кашиданӣ нест. Истилоҳи **султонӣ** ифодагари ҷараёни амалҳо ва аҳволи ошиқ аст, ки тибқи илм ва иродати илоҳӣ сурат мегирад. Ва шоир аз чунин салтанат даст кашиданӣ нест. Дар акси ҳол, хавфи он аст, ки ӯ аз арш ба фарш фарояд. Ин аз масоили мураккаб ва печидаи ирфонист:

**Гӯиям: Рав з- ин дару султони вақти хеш бош,**
**Баъди султонӣ гадоӣ хуш намеояд маро.**

Дар байти сеюм масъалаи аҷз матраҳ шудааст. Дар маънои зоҳирии байт аз тарафи шоир таъкид мешавад, ки ман ба хизматгорону фармонбардорони ту намегӯям, ки хоки он дар ҳастам. Зеро бо бузургон, яъне навкарони дари ту худтаърифкуниам писанд нест. Шоир чокарони даргоҳи Ҳақро бузург медонад ва бо инкисору шикастанафсӣ хоксории худро оҷизона ба қалам медиҳад, худро аз хоки он дар ҳам ҳақиртар меҳисобад. Камол аз зумраи он орифонест, ки тору пудашон аз хоксорию фурӯтанӣ сиришта буд ва дар ин роҳ хоксориро чораи расидан ба ҳадафи худ медонист. Чунин аъмол аз тарафи орифони дигаре ҳам сар мезад. Чунончи шоире чунин фармудааст:

*Дар баҳорон кай шавад сарсабз санг,*
*Хок шав, то гул бирӯяд ранг-ранг.*

Ҳоло ба байти Хоҷа Камол мутаваҷҷеҳ мешавем:

**Чокаронатро намегӯям, ки хоки он дарам,**
**Бо бузургон худситоӣ хуш намеояд маро.**

Шоир дар байти чорум аз санъатҳои муколама ва ҳисомезӣ суд ҷуста, андешаи худро шоирона ва орифона баён намудааст. Албатта ба наср баргардон намудани чунин абёт кӯшиши беҳуда аст, аммо барои ифодаи мазмуни зоҳирии байт мо ночор ҳастем, ки ба чунин кор даст занем. Шоир таъкид менамояд, ки ба дилбари худ гуфтам, ки дар оби ораз акси ҷонро оинасон ба мо намоиш деҳ. Ӯ гуфт, ки ҳар дам худнамоӣ ба ман хуш нест. Ин мазмун ишора ба он аст, ки дар кӯҳи Тур Ҳазрати Мӯсо (а.) аз Худо талаб карда буд, ки ҷамоли худро нишон диҳад, аммо Ҳақ таоло ин хоҳишро ба ҷо наоварда буд. Илова бар ин, маънии ботинии ин байт хеле жарфтар буда, худи истилоҳи **гуфтугӯ** ба маънии итоби муҳаббатомез меояд. Истилоҳи **оби равон** ба маънии фараҳи дил меояд. **Рух,** ки муродифи ораз аст, ба маънии таҷаллиёте меояд, ки дар модда сурат мегирад. Инчунин **лиқо** тибқи истилоҳоти сӯфия зуҳури маъшуқ аст, чунонки ошиқро яқин ҳосил шавад, ки худи ӯст. Ба андешаи худоҷӯён Аллоҳ таоло ҷамолашро ба ошиқону муҳибонаш танҳо рӯзи қиёмат нишон хоҳад дод:

**Гуфтамаш: Дар оби ораз акси ҷон бо мо намой,**
**Гуфт: Ҳар дам худнамоӣ хуш намеояд маро.**

Маънии зоҳирии байти панҷум он аст, ки шоир аз лаби лаъли маъшуқ ба даврони ду чашм парҳез намекунад, зеро ӯ дар назди мастон, ки маҷозан чашмони маъшуқаанд, парҳезгорӣ карданро хуш надорад. Акнун аз рӯи истилоҳоти ирфонӣ маънии ботинии байтро тафсир мекунем. **Лаб** ба маънои каломи маъшуқ меояд, **лаби лаъл** ифодагари маънои яклухтии каломи маъшуқ аст. **Чашми маст** сатр кардани илоҳиро ифода мекунад, ки аз тақсир ва хурдае, ки аз солик дар вуҷуд ояд ва ғайри ӯ низ, чунонки ҳеҷ кас аз он хабар наёбад:

**Аз лаби лаълат напарҳезам ба даврони ду чашм,**
**Пеши мастон порсоӣ хуш намеояд маро.**

Шоир дар байти шашум инкоркунандаи зуҳд будани худро иброз дошта, сабаби онро дар дилбастагиаш ба рӯи маъшуқ медонад. Ва меафзояд, ки ӯ покбоз буда, макру фиребро намеписандад. **Покбозӣ** таваҷҷуҳи холис аст, ки дар амал савобе нахоҳанд, аммо холисан аз барои Худо ба ҷо оварда мешавад. **Зуҳд** вожаи калидии ин байт аст. Илова бар он ки дар луғат овардем, он тибқи маънидоди баъзе муфассирон аз се ҳарфи ҳамсадо: **з, ҳ, д** таркиб ёфта, **з -** тарки зинат, **ҳ -** тарки ҳаво ва **д -** тарки дунёст. Илова бар ин, тибқи истилоҳи урафо **зуҳд** гуфта эърозро мегӯянд, ки аз касрати фузули дунявӣ сар мезанад, ки нафсро дар он шавқе бошад. Албатта, муроди шоир дар ин байт накӯҳиши зуҳди хушк мебошад, ки бо назарфиребӣ марбут аст:

**Мункири зуҳдам ба рӯят, то назарбоз омадам,**
**Покбозам ман, дағоӣ хуш намеояд маро.**

Дар мақтаи ғазали мавриди назар шоир иброз медорад, ки сӯфиён мегӯянд, ки эй Камол, чун мо хезу дар рақс о! Аммо тоату ваҷде, ки аз рӯи риёст, ба ман писанд нест. Агар ба ин байт аз нигоҳи истилоҳ назар афканем, дар батни он маъниҳои дигар низ нуҳуфтаанд. Мусаллам аст, ки сӯфиён аз рӯи анъана маҷлиси рақсу самоъро доир менамуданд, ки баъзан он ба мунофиқӣ мепечид. **Самоъ -** тибқи истилоҳ маҷлиси унс аст, ки дар он амалҳои дар рақс дастафшониву пойкӯбӣ, ки ҳар кадоме дорои ҳадафи муайян буданд, сурат мегирифт. Аммо вожаи **риё** дар истилоҳи орифон ба маънои сифати муҷоҳида низ меояд. Лозим ба тазаккур аст, ки

дар ин ҷо Хоҷа Камол маънии истилоҳии **риё**ро сарфи назар карда, аз маънии луғавии он суд ҷустааст:

> **Сӯфиён гӯянд: Чун мо хезу дар рақс о, Камол,**
> **Ҳолату ваҷди риёӣ хуш намеояд маро.**

دل مقیم کوی جانانست تن اینجا غریب
چون کند بیچاره مسکین تن تنها غریب

آرزومند دیار خویشم و یاران خویش
در جهان تا چند گردم بی سر و پا غریب

چون تو در غربت نیفتادی چه دانی حال من
محنت غربت نداند هیچ کس الا غریب

هرگز از راه کرم روزی نپرسیدی که چیست
حال زار مستمند مانده دور از ما غریب

چون درین دوران نمی‌افتد کسی بر حال خود
در چنین شهری که می‌بینی که افتد با غریب

در غریبی جان به سختی میدهد مسکین کمال
وا غریبی وا غریبی وا غریبی وا غریب

## ҒАЗАЛИ 2

Дил муқими кӯи ҷонон асту тан ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб?!
Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?
Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли ман?
Меҳнати ғурбат надонад ҳеч кас, илло ғариб.
Ҳаргиз аз рӯи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист
Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб?
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли худ,
Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб! (1, 65)

**Луғот:**

1.Муқим- *а.*1.бошанда, сокин; **муқими ҷое будан** ҷой гирифтан дар маҳалле, сукунат кардан. 2.истиқоматкунандаи доимӣ, таҳҷоӣ; **муқим шудан** ҷо гирифтан; сокини ҷое шудан ба таври доимӣ, сукунат.

2.Ғариб- *а.* 1.аҷиб, бадеъ, ғалатӣ; чизи нав ва нодир; **аҷибу ғариб** шигифтовар, аҷоиб. 2.мусофир; дурафтода аз ватан, аз хонумон ҷудо, бе ёру диёр. 3.*маҷ.*бекас; бечора; **шоми ғарибон** а) *кит.* аввалин шаби мотам баъди дафн; б) шаби пурғаму андуҳи ҳиҷрон ва танҳоӣ.

3.Мискин- *а.*1.фақир, бенаво, бечиз, қашшоқ; **мунъиму мискин** дорою камбағал. 2.тамоман аз тобу тавонмонда, нотавон, оҷиз; бечора.

4.Ғурбат- *а.*1.ҷудоӣ аз ватан, дурӣ аз ёру диёр, ғарибӣ, мусофирӣ; **ғурбат ихтиёр кардан** тарки ватан кардан. 2.он ҷо, ки ватани кас нест, ҷои дур аз хонумон; **дар ғурбат** дар дурӣ аз ватан, дар мусофирӣ; **диёри ғурбат** ҷое, ки кас дар он ғарибу мусофир аст; ғарибӣ. 2.*гуфт.,маҷ.*ҷанҷол, ҳархаша; **ғурбат кардан** ҷанҷол кардан, мағал бардоштан; **сари беғурбати худро ба ғурбат мондан** ба коре иқдом карда, худро ба ташвиш

андохтан, ба коре ҳамроҳ шуда худро гирифтори дарди сар кардан.

5.Илло- *а.*ба ҷуз, ғайр аз, магар, магар ин ки; **ва илло** агар не, вагар на; **илло ту** ғайр аз ту.

6.Карам.-*а.*марҳамат, иноят; саховат, ҳиммат, кушодадастӣ, ҷавонмардӣ; **лутфу карам** меҳрубонӣ ва мурувват.

7.Мустаманд- *а.*1.ғамгин, андуҳгин, 2.муҳтоҷ, ҳоҷатманд, бечора. 3.*маҷ.* ошиқ, гирифтор.

Мавзӯи марказии ин ғазали риққатангез ғарибист. **Ғарибӣ** ба маънои дуюми луғавиаш, яъне мусофирӣ; дурафтодагӣ аз ватан, аз хонумон, ҷудоӣ аз ёру диёр ва инчунин ба маънои сеюмаш *маҷозан* бекасӣ; бечорагӣ; мавриди корбурди шоир қарор гирифтааст. Дар ин ғазал шоир аз санъатҳои бадеии маҷоз, истиора, таҷоҳули ориф, ҳисомезӣ, такрор ва тазод истифода бурдааст. Он чи ки мавриди таваҷҷуҳи мо қарор дорад, пеш аз ҳама баёни интизоии матлаби шоир мебошад, ки аз афкори орифонаи ӯ бармеояд.

Нолаи Камол дар ин ғазал чун нолаи Мавлавист, ки дар “Маснавии маънавӣ”, алалхусус дар қисмати “Найнома” ба гӯши ҷони хонандагони дилогоҳ мерасад. Аз байти матлаъ зоҳиран чунин маънӣ бармеояд, ки шоир аз муқими кӯи ҷонон будани дили худ ва тани танҳо мондани хеш шиква мекунад. Аммо ин хулосаи зоҳирӣ аз ҳадафи Шайх Камоли ориф хеле дур аст. Вожаҳои **дил** ва **рӯҳ** бисёр воқеъ шудааст, ки чун муродифи якдигар дар ашъори орифона мавриди корбурд қарор гирифтаанд. **Ҷонон** тибқи истилоҳоти тасаввуф сифати қайюмист, ки қиёми ҷумла мавҷудот ба ӯст, ки агар он дақиқа пайваста мавҷудотро намебуд, ҳеҷ чиз вуҷуд ва бақо намеёфт. Шояд шоир дар ин байт гуфтанӣ бошад, ки дилу рӯҳи ман дар боргоҳи Кибриё иқомат дорад ва тани ман дар олами сифлӣ ғарибона умр ба сар мебарад. Ин тани бечораи нотавон дигар

илоҷи раҳоӣ аз ин зиндони махуф надорад. Хешро дар фироқи наздиктарин каси худ, ки дил аст, танҳову бекас ва ғариб эҳсос мекунам:

**Дил муқими кӯи ҷонон асту тан ин ҷо ғариб,**
**Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб?!**

Байти дуюм давоми мантиқии байти аввал буда, зоҳиран таъкид мегардад, ки ман орзуманди диёри худ ва ёрони худ ҳастам. Дар ҷаҳон то кай чунин бесару бепо ва ғарибона умр ба сар мебарам? Диёре, ки шоир орзуманди он аст, аз диёри воқеии ӯ фарсаххо дур ва дастнорас аст. Он диёр дар олами улвӣ ва кишвари малакутӣ мавҷуд аст, ки дар орзуи он Ҳоҷа Ҳофиз низ умре месӯхт:

*Ман малак будаму фирдавси барин ҷоям буд,*
*Одам овард дар ин дайри харобободам.*

Ин қазияи мушкил дар ашъори мансуб ба Мавлоно низ бо оҳанги ҳайрату армон бозтоби худро ёфтааст:

*Рӯзҳо фикри ман ин асту ҳама шаб суханам,*
*Ки чаро гофил аз аҳволи дили хештанам?!*
*Аз куҷо омадаам, омаданам баҳри чӣ буд?*
*Ба куҷо меравам охир? Нанамоӣ ватанам?*

Дар байти мавриди назари мо Шайх Камол низ чун Хоҷа Ҳофизу Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ орзуи расидан ба он диёри ормонии худро мекунад, ки дар он ҷо ёрону ҳаммаслаконаш қарор доранд. Муфориқати эшон ҳушу зеҳни шоирро аз олами носут ба сӯи олами лоҳут кашон- кашон мебарад. **Орзу** дар истилоҳоти сӯфия майл аст ба асли худ, бо андак огоҳӣ ва илм ба баъзе аз аслу мақсад:

**Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,**
**Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?**

Дар байти сеюм шоир таъкид менамояд, ки аз сабаби дучори ғарибӣ нашуданат ҳоли маро аз куҷо медонӣ? Ранҷу азоби ғарибиро танҳо ғарибон медонанд. Маънии ирфонии байт дар вожаи **меҳнат** ифода ёфтааст, ки маънои заҳмат ва алами ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрии аз сабаби маъшуқ ба ошиқ расидаро ифода мекунад. Онҳое, ки солики ин сулук нестанд, аз ин ранҷ ғофиланд:

**Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли ман?**
**Меҳнати ғурбат надонад ҳеч кас, илло ғариб.**

Байти чоруми ғазал зоҳиран оҳанги шикоятӣ дошта, шоир гила мекунад, ки ту ҳаргиз аз рӯи лутфу меҳрубонӣ напурсидӣ, ки мани муҳтоҷ ва дармонда дар ғарибӣ чӣ ҳол дорам? Вожаи калидии ин байт **карам** буда, муродифи **лутф** аст, ки дар истилоҳ парвариш додани ошиқро мегӯянд, ба тариқи мувосот ва мувофиқат, ки ҳадафи шоир низ дар ҳамин маънӣ ифода меёбад:

**Ҳаргиз аз рӯи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист**
**Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб?**

Дар байти панҷум шоир таъкид мекунад, ки дар ин даврон касе бар ҳоли худ дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, бо ғариб ҳамдам намешавад. Ин маънои зоҳирии байт аст. **Ҳол** дар ин байт маҷозан ба маънии ихтиёр низ омадааст. Мухтор набудани банда дар мадди назари шоир аст. Орифе сароҳатан иброз доштааст, ки бандаро ба ихтиёр чӣ кор?! Шоири ориф дар ин ҷодаи пур аз мушкилот рӯҳан худро танҳо эҳсос мекунад:

**Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли худ,**
**Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?**

Дар мақтаи ғазал шоир зоҳиран таъкид менамояд, ки дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ месупорад. Истифодаи санъати такрор ин хабари риққатангезро даҳчанд муассиртар кардааст. Аммо чунончи дар боло зикр намудем, ин ғазал дорои ифодаҳои links мармуз буда, **ҷон додан** киноя аз фонӣ шудан аст, ки василаест барои ворид шудан ба олами бақо. Инчунин **мурдан** тибқи истилоҳ тард ва рондагиро гӯянд аз ҳазрати Ҳақ субҳона ва аз ҳақиқат баид нест, ки шояд шоир ҳамин маъниро дар назар дошта бошад:

**Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,**
**Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб!**

Албатта, хонандагони нисбатан ноогоҳ аз ин ғазали мармуз хулосаи сатҳӣ мебароранд ва гумон мекунанд, ки шоир дар ғарибиву бекасӣ ва бечорагиву маҳрумиятҳои моддиву маънавӣ хориҳо дидаву азиятҳо кашида умри азизи хешро барбод дода бошад. Дар асл чунин набуд, зеро Шайх Камол дар муҳоҷирати худ аз зодгоҳаш дучори хориву зориҳо нашудааст. Зеро ӯ дар мулки бегона ҳам соҳиби мартабаи баланд буд ва ҷоҳу ҷалолу мартабаи воло дошт, пири ихлосмандону пайравон ва иродатмандону муридони ниҳоят зиёде буд. Ба қавли шоире:

*Хории гурбат набинад, ҳар киро ҷавҳар накӯст,*
*Лаъл чун аз кон баромад, дар миёни зар нишаст.*

جانا بجز لبان تو آب حیات نیست
شیرین تر از خط تو به عالم نبات نیست

روز نخست ای شه خوبان به عاشقان
رخ را چرا نمودی اگر میل مات نیست

گفتم دوای درد دلم را خطی نویس
گفتا دوات چون بنویسم دوات نیست

داغ جفا به جان من خسته دل منه
روزی که در وفات بمیرم وفات نیست

گفتم زکات لعل لبت بوسه‌ای بده
گفتا برو کمال که وقت زکات نیست

## ҒАЗАЛИ 3

Ҷоно, ба ҷуз лабони ту оби ҳаёт нест,
Ширинтар аз лаби ту ба олам набот нест.
Рӯзи нахуст, эй шаҳи хубон, ба ошиқон
Рухро чаро намудӣ, агар майли мот нест?
Гуфтам: Давои дарди диламро хате навис,
Гуфто: Давот чун бинависам, давот нест.
Доғи ҷафо ба ҷони мани хастадил манеҳ,
Рӯзе, ки дар вафот бимирам, вафот нест.
Гуфтам: Закоти лаъли лабат бӯсае бидеҳ,
Гуфто: Бирав, Камол, ки вақти закот нест. (1, 95)

**Луғот:**

1.Рух- 1.рӯй, ҳар як аз барҷастагиҳои ду ҷониби рӯй, гуна, чеҳра, ораз, рухсора. 2.*варз.*муҳрае аз муҳраҳои шоҳмот, ки ба шакли бурҷ аст. 3.парандаи афсонавии мавҳум ва бисёр бузург.

2.Мот- 1.*варз.*ҷои гурез наёфтани шоҳи шатранҷ, ки аломати аз ҳариф мағлуб шудан аст, бохт дар бозии шоҳмот. 2.*маҷ.*ҳайрон, оҷиз; **моту мабҳут** ҳолати ҳайрон шуда хомӯш мондан; сахт дарҳайратмонда; **маҳву мот шудан** шефта шудан, волаву шайдо шудан; ақлу ҳуши худро ба чизе бохтан.

3.Давот- *а.*1.зарфи хурди дорои ранг, ки қаламро барои навиштан бар он фурӯ мебаранд; рангдон, сиёҳидон. 2.ҷаъба ё қуттие, ки дар он қалам ва дигар абзори навиштро мегузоранд; қаламдон.

4.Закот- *а.*1.*кит.* покӣ, покизагӣ. 2.*д.*ҳиссаи маълуме, ки ҳар як мусулмон мувофиқи фармудаи шариат аз даромад ва дороии худ бояд ҳар сол ба фақирон ва муҳтоҷон бидиҳад.

Ин ғазали Шайх Камоли Хуҷандӣ саршори санъатҳои бадеии маҷозу киноя ва таҷнис аст. Маҳорати суханбозӣ ва лутфи сухани шоир дар ин

ғазал равшан ҳувайдост. Шоир дар матлаи ғазал ба маҳбуби худ хитоб мекунад, ки ба ғайр аз лабони ту оби ҳаёт вуҷуд надорад ва ширинтар аз лаби ту дар олам набот мавҷуд нест. Аммо ин маънии сатҳии байт буда, мо муваззафем, ки ба дарки маънои ирфонии он иқдом намоем. Мухотаби шоир **ҷонон** буда, дар шакли **ҷоно** ифода ёфтааст. Тавре ки дар ғазали дигар дидем, он сифати қайюмист, қиёми ҷумла мавҷудот ба ӯст ва бе он ҳеч чиз дар вуҷуд бақо намеёбад. **Лаб** ба маънои каломи маъшуқ меояд. **Оби ҳаёт** дар адабиёти форсӣ бо унвони нӯш, анӯш ва анӯша низ ёдовар мешавад ва онро оби зиндагонӣ низ меноманд. Об ё чашмаест, ки ошомидани он ба кас умри ҷовидонӣ мебахшад. Дар эътиқодоти исломӣ низ ин масъала мақоми вижа дорад ва дар эҷодиёти лафзии мардуми мо ҳам ба он таваҷҷуҳи хос зоҳир намудаанд. Искандар ба ҷустуҷӯи ин об рафт, аммо ба нӯшиданаш комёб нашуд. Хизр аз ин об ошомид ва умри ҷовидонӣ ёфт. Аз ин сабаб чашмаи оби ҳаётро “оби Хизр” ва “чашмаи Хизр” ҳам меноманд. Корбурди ин ибора дар адабиёт ба дараҷаест, ки он ба намод ва устура табдил ёфтааст. (3, 391). Соиби Табрезӣ низ ба ҳамин маънӣ ишорате дорад:

*Хизр агар огоҳ мебуд аз азоби зиндагӣ,*
*Зинда мемурду наменӯшид оби зиндагӣ.*

Шайх Камол таъкид менамояд, ки ширинтар аз каломи маъшуқ (Аллоҳ), ки дар Қуръони маҷид ифода ёфтааст, дар олам наботе мавҷуд нест. Инчунин ибораи **лаби ширин** дар истилоҳот ба маънои каломи бевосита меояд, ки Худои таборак ва таоло бо Ҳазрати Мӯсо (а) сухан мекард:

**Ҷоно, ба ҷуз лабони ту оби ҳаёт нест,**
**Ширинтар аз лаби ту ба олам набот нест.**

Аз маънои сатҳии байти дуюм бармеояд, ки шоир аз маъшуқи худ, ки шаҳи хубон аст, гила мекунад, ки чаро рӯзи нахуст рӯятро ба ошиқон намудӣ, модоме ки ба мо майл надоштаӣ? Аммо вожаи **рӯз** дар истилоҳоти сӯфия ба маънои татобеи анвор меояд. Зумрае аз алоқамандони шеър дар асоси истилоҳоти **шаҳ, рух** ва **мот** хулосаи дигаре ҳам мебароранд, ки ба бозии шаҳмот иртибот дорад ва он аз истилоҳоти ирфонӣ бегона аст. Ҳол он ки **шаҳи хубон** маҳбуби лоязол, яъне Худовандист. **Ошиқ** ҷӯяндаи Ҳақро гӯянд, вуҷуди дӯстии тамом ва ҷидди балеғ. **Рух**-таҷаллиёти маҳз аст. Ба маънои дигар рӯзи нахуст ҳамон рӯзест, ки Парвардгор Ҳазрати Одам (а)-ро халқ кард ва таҷаллиёти маҳзи Худро арза дошт. Он гоҳ тамоми ошиқон дар пушти камари падари худ ин таҷаллиётро мушоҳида мекарданд:

**Рӯзи нахуст, эй шаҳи хубон, ба ошиқон**
**Рухро чаро намудӣ, агар майли мот нест?**

Дар байти сеюм шоир бо истифода аз санъатҳои таҷнис ва тазод зимни муколама мақсади худро ифода намудааст. Дар мисраи дуюми ин байт калимаи **давот** таҷнис буда, ба ду маънӣ омадааст: 1.давоят; 2.рангдон. Дар мазмуни сатҳӣ шоир иброз медорад, ки маъшуқро гуфтам, ки барои давои дарди дили ман хате навис, аммо ӯ гуфт, ки чӣ гуна давоятро нависам, ки давот мавҷуд нест. Ё ин ки дарди ту даво надорад. Маънои мармузи ин байт тибқи истилоҳоти ирфонӣ ҷилои дигаре низ дорад. Вожаҳои калидии ин байт **дард** ва **хат** мебошанд. **Дард** ҳолатест, ки аз маҳбуб тории шавад ва муҳиб тоқати ҳамли онро надорад. Модоме ки сухан дар бораи хат ва сиёҳидон меравад, маҳсули он хати сиёҳ аст. Дар истилоҳ **хати сиёҳ** ба маънои олами ғайб-ул- ғайб меояд, ки касеро ба он олам роҳ нест:

**Гуфтам: Давои дарди диламро хате навис,**
**Гуфто: Давот чун бинависам, давот нест.**

Дар байти чорум низ шоир аз санъати таҷнис моҳирона ва огоҳона истифода бурдааст. Вожаи **вафот** ба ду маънӣ омадааст: 1.вафоят; 2.фавтидан. Ҳосили маънои сатҳии байт он аст, ки шоир бо изҳори отифаву аҷз, ки хоси ошиқон аст, аз маҳбуби худ хоҳиш мекунад, ки ба ҷони мани хастадил доғи ҷафо манеҳ. Рӯзе, ки ман дар вафои ту бимирам, он фавт нест, ошиқони вафодор намирандаанд. Маънои мармузи ин байт тибқи истилоҳоти орифона дигар аст. **Ҷафо** пӯшидани дили соликро гӯянд аз маориф ва мушоҳидот, ки ӯро бад-онҳо тарбият мекардаанд. **Вафо** инояти азалист, бе воситаи амали хайр ва иҷтиноб аз шар(р). Умеди шоир ба кушоиши дил ва инояти азалист:

**Доғи ҷафо ба ҷони мани хастадил манеҳ,**
**Рӯзе, ки дар вафот бимирам, вафот нест.**

Дар мақтаи ғазал шоир зимни истифода аз муколама зоҳиран иброз медорад, ки гуфтам, ки аз лаъли лабат бӯсае закот бидеҳ, аммо маъшуқ гуфт, ки бирав, эй Камол, ки вақти закот нест. Тибқи истилоҳоти ирфонӣ аз ин байт маънии дигар бармеояд. **Закот** тарк ва исорро гӯянд ва тасфияро низ номанд. **Лаби лаъл** гуфта бутуни каломи маъшуқро дар назар доранд. **Бӯса** файзу ҷазабаи ботинист, ки нисбати солик воқеъ шавад. Инчунин тибқи истилоҳи дигар истеъдоди қабули каломро гӯянд, ки илмӣ ва амалӣ, суварӣ ва маънавист:

**Гуфтам: Закоти лаъли лабат бӯсае бидеҳ,**
**Гуфто: Бирав, Камол, ки вақти закот нест.**

نیست غیر از تو دستگیر ای دوست
دست افتادگان بگیر ای دوست

آفتابی تو ما چو ذره همه
تو بزرگی و ما حقیر ای دوست

از کریمان شود فقیر غنی
تو کریمی و ما فقیر ای دوست

هر دلی را کجا خبر زین راز
که تویی واقف ضمیر ای دوست

گرچه نقدست قلب دل بپذیر
که تویی یار دلپذیر ای دوست

با که گویم ترا که مانندت
چون نبینم بقیمت نظیر ای دوست

در همه ملک پادشاست کمال
تا که در دست تست اسیر ای دوست

## ҒАЗАЛИ 4

Нест ғайр аз ту дастгир, эй дӯст!
Дасти афтодагон бигир, эй дӯст!
Офтобӣ ту, мо чу зарра ҳама,
Ту бузургию мо ҳақир, эй дӯст!
Аз каримон шавад фақир ғанӣ,
Ту карımиву мо фақир, эй дӯст!
Гарчи нақд аст қалби дил, бипазир,
Ки туӣ ёри дилпазир, эй дӯст!
Бо кӣ гӯям туро, ки монандӣ,
Чун намебинамат назир, эй дӯст!
Дар ҳама мулк подшост Камол,
То ки дар дасти туст асир, эй дӯст! (1, 171)

**Луғот:**

1.Ҳақир- *а.* 1.залил, хор, забун, паст; назарногир. 2.дар мавриди худро камтар шуморидан нисбат ба худ гуфта мешавад; *муқ.**банда, камина.***

2.Карим- *а.*1.босаховат, ҷавонмард, соҳибэҳсон. 2.*д.*бахшандаи гуноҳ (*сифати Худо).*

3.Фақир- *а.*1.камбағал, бенаво, қашшоқ, тиҳидаст, нодор. 2.аз рӯи хоксорӣ аз тарафи шахси аввал нисбати худ гуфта мешавад, камина; шахси якуми шумораи танҳо.

4.Нақд- *а.*1.пули мавҷуд, пул. 2.харидуфурӯш бо супурдани маблағ вақти гирифтани мол, *муқоб.**насия.*** 3.тайёр, мавҷуда. 4.бечуну чаро. 5.*кит.сара кардани тиллову танга*

5.Назир- *а.*мисл, монанд.

6.Асир- *а.*1.дастгиршуда дар ҷанг ё тохтутоз, бандӣ. 2.гирифтор, побанд; мутеъ. 3.*маҷ.* ошиқ, дилдода, мафтун. 4.мушкил, душвор, сахт. 5.шира, ширааи ангур.

Дар ин ғазал қаҳрамони марказӣ **дӯст** аст, ки аз ибтидо то интиҳо шоир ӯро мухотаби худ қарор

додааст ва ҳама масоили матраҳ перомуни он давр мезананд. Хоҷа Камол ягонагии ин дӯст ва дастгирии ӯро таъкид мекунад ва бо ишқу алоқа умедвориҳои афтодагонро аз ӯ бозгӯ менамояд. Тибқи истилоҳоти ирфонӣ **дӯстӣ** ба маънои сабақи муҳаббати илоҳӣ меояд. Самимияту дилбастагии банда ба Холиқ бо ин вожаи **дӯст** ифода меёбад. Тибқи истилоҳ **афтодагӣ** зуҳури ҳолоти илоҳиро гӯянд ва руъяти адами қудрат аз адои убудият, ба сазои он Ҳазрат:

**Нест ғайр аз ту дастгир, эй дӯст!**
**Дасти афтодагон бигир, эй дӯст!**

Дар байти дуюм дӯстро ба офтобу ҳама соликонро ба зарра ташбеҳ дода, бузургии дӯсту ҳақирии бандагонро қайд намудааст. Вожаи калидии ин байт **офтоб** аст. Дар адабиёти тасаввуф маъмулан Худоро ба офтоб ва соликону бандагонро ба зарраҳои он ташбеҳ медоданд. Чунин тасвир дар абёти шуарои ориф бисёр ба назар мерасад. Шояд бузургии бечуну чарои Ҳақ таоло ва ягонагии ӯ ба чунин андеша сабаб шуда бошад. Шоири ориф Низории Кӯҳистонӣ чунин байти зебое дорад:

*Осмони орифонро офтоби дигар аст,*
*Мастии хилватнишинонро шароби дигар аст.*

Шайх Камол зимни чунин тасвир инкисору аҷзи соликро бо ҳусни отифӣ ба қалам додааст:

**Офтобӣ ту, мо чу зарра ҳама,**
**Ту бузургию мо ҳақир, эй дӯст!**

Дар байти сеюми ғазал шоир таъкид мекунад, ки саховатмандон ба бой шудани бенавоён мусоидат мекунанд. Эй дӯст, ту соҳибэҳсон ҳастиву мо тиҳидаст. Ба ин васила Камол фурӯтаниву умедвории худро ошкоро баён менамояд. **Фақирӣ** дар ин байт вожаи

калидӣ буда, тибқи истилоҳоти сӯфия адами ихтиёр аст, ки илму амал аз ӯ маслуб шуда бошад ва шоир аз Ҳақ таоло, ки каримӣ сифати ӯст, чораи ҳалли ин қазияро хоҳиш дорад:

**Аз каримон шавад фақир ғанӣ,**
**Ту кариміву мо фақир, эй дӯст!**

Дар байти чоруми ғазал Хоҷа Камол зимни муроҷиат ба дӯст ӯро ёри дилпазир дониста холисона хоҳиш менамояд, ки агарчи накд бошад ҳам, қалби дили ӯро бипазирад. Дар муомилоти савдо истилоҳи сими қалб роиҷ буда, шоир зимни чунин муроҷиат инкисору шикастадилии худро арза медорад, ки ин аз оини хавфу риҷо сарчашма мегирад:

**Гарчи накд аст қалби дил, бипазир,**
**Ки туӣ ёри дилпазир, эй дӯст!**

Шоир дар байти панҷуми ғазал бемислу монандӣ ва беназирии Худои таолоро ба қалам додааст, ки он аз таълимоти Қуръони азимушшаън сарчашма мегирад. Дар ояи сеюми сураи “Ҳадид” чунин омадааст: “Ӯст аввалу охир ва зоҳиру ботин ва Ӯ ба ҳар чизе доност” (2, 538):

**Бо кӣ гӯям туро, ки монандӣ,**
**Чун намебинамат назир, эй дӯст!**

Дар мақтаи ғазал шоир дар дасти дӯст асир буданро ба подшоҳии рӯи олам баробар медонад. Тибқи истилоҳ **даст** гуфта сифати қудрати Ҳақро мегӯянд, ки бо сидқу ихлос дар ин ҷо ба он ишора шудааст:

**Дар ҳама мулк подшост Камол,**

**То ки дар дасти туст асир, эй дӯст!**

ره گشودند بار بربندید
خویشتن زیر بار مپسندید

این جهان درد خورده دندانی ست — وارهیدید از و چو برکندید
برگ ریزانِ عمر شد نزدیک — خیره خیره چو گل چه می خندید
شاخ بی میوه گر همه طوبی ست — ببریدش به میوه پیوندید
رهنمایانِ عشق آیینه اند — پیش آیینه دم فروبندید
تا نماید رخ شما به شما — گر همه طوطی و همه قندید

به فلک رهبر شماست کمال
گر جهان زیر پای افکندید

## ҒАЗАЛИ 5

Раҳ кушуданд, бор барбандед,
Хештан зери бор мапсандед!
Ин ҷаҳон дардхурда дандонест,
Вораҳидед аз ӯ, чу баркандед!
Баргрезони умр шуд наздик,
Хира- хира чу гул чӣ механдед?
Шохи бемева гар ҳама Тӯбост,
Бибуредаш, ба мева пайвандед!
Раҳнамоёни ишқ оинаанд,
Пеши оина дам фурӯ бандед.
То намояд рухи шумо бар шумо,
Гар ҳама тӯтиву ҳама қандед.
Ба фалак раҳбари шумост Камол,
Гар ҷаҳон зери пой афкандед. (1, 251)

**Луғот:**

1.Вораҳидан- раҳоӣ ёфтан, халос шудан, озод шудан.

2.Тӯбо- *а.* дарахти серсоя дар ҷаннат, ки меваҳои гуногун ва хушбӯй дорад.

Дар ин ғазал масъалаи зуҳду вараъ матраҳ шуда, шоир дар матлаъ аз фатҳу кушоиш дар кори соликон паём мерасонад. Он роҳ ҳамон роҳест, ки соликонро ба манзил мерасонад ва дар ин роҳ мурод ҳосил мешавад. Ин роҳ ҳамон роҳест, ки Хоҷа Ҳофиз ҳам ба мусофирони водии ишқ чунин паём медод:

*Маро дар манзили ҷонон чӣ амну айш, чун ҳар дам*
*Ҷарас фарёд медорад, ки барбандед маҳмилҳо!*

Ин роҳ ҳамон роҳест, ки Назирии Нишопурӣ дар он як лаҳза ғафлат ва таваққуфро раво намедид ва бонги изтироб мезад:

*Гуфтам, ки хор аз по кашам, маҳмил ниҳон шуд*
*аз назар,*
*Як лаҳза ғофил будаму садсола роҳам дур шуд.*

Ибораи **бор бастан** киноя аз ба сафар баромадан аст. Вожаи **бор** дар ин байт ба маънои маҷозӣ истифода шуда, киноя аз майлу ишқу алоқа ба молу мулки дунёст, ки он садди роҳи соликон аст. Чуноне ки як сӯзан аз моли дунё садди роҳи Ҳазрати Исо (а) шуда буд, ки Сайидо ба ин масъала ишораи малеҳе дорад:

*Ҳамин як сӯзани беришта хоре гашт Исоро,*
*Балое бадтар аз ҳамроҳи ноқобил намебошад.*

Мо ин мисолҳоро ба он мақсад овардем, ки ба моҳияти масъала равшанӣ андозем. Инак, байти мавриди назари мо аз Хоҷа Камол:

**Раҳ кушуданд, бор барбандед,**
**Хештан зери бор мапсандед!**

Дар байти дуюми ғазал шоир ҷаҳонро ба дандони дардманд шабоҳат додааст, ки то онро наканед, аз дарди он халосӣ намеёбед. Масъалаи тарки дунё сароҳатан матраҳ шудааст. Зеро дунё ва ҷамъи амволи он дар назари Худованди таборак ва таоло чун пари пашша ҳам арзиш надорад ва соликон низ онро ба пашизе баробар накардаанд:

**Ин ҷаҳон дардхурда дандонест,**
**Вораҳидед аз ӯ, чу баркандед!**

Шоир дар байти сеюми ғазал аз санъатҳои киноя ва ташбеҳу таъриз истифода карда, бо эътироз таъкид мекунад, ки баргрезони умр, яъне тирамоҳи умр, ки киноя аз пирист, наздик омад. Шумо чаро хира- хира

монанди гул механдед? Ҳар фасл дар истилоҳоти ирфонӣ маънии хоси худро дорад ва **тирамоҳ (пойиз)** мақоми хумуд (хомӯшӣ, сукут) буда, **гул** натиҷаи амал аст, ки дар дил пайдо шавад. Ҳадафи шоир низ дар ин байт баёни ҳамин маънист:

**Баргрезони умр шуд наздик,**
**Хира- хира чу гул чӣ механдед?**

**Шохи бемева** дар байти чорум киноя аз дили ғафлатзада, ки аз илми Ҳақ бебаҳра аст. Шоир зоҳиран таъкид менамояд, ки шохи бемева аз дарахти Тӯбо бошад ҳам, онро бурида бо дарахти мевадиҳанда пайванд кунед. Зеро чунин шохи беҳосил ба парвариши тан машғул шуда ба касе нафъе намерасонад. Дар ин ҷо барои тақвияти фикр мисол овардани як байти Муҳаммадалии Соиброро зарур медонем:

*Дил чу ғофил шуд зи Ҳақ, фармонпазири тан шавад,*
*Мебарад ҳар ҷо, ки хоҳад, асп хоболудро.*

**Тӯбо** номи дигари биҳишт ва ё номи дарахтест, ки шоху барги он тамоми боғи биҳиштро мепӯшонад. Шайхи Ишроқ дар рисолаи “Ақли сурх” мегӯяд: “Дарахти Тӯбо дарахти азим аст ва ҳар кас, ки биҳиштӣ бувад, чун ба биҳишт равад, он дарахтро дар биҳишт бубинад. Ҳар мевае, ки дар ҷаҳон мебинӣ, бар он дарахт бошад ва агар он дарахт набуд, ҳаргиз на мева буду на дарахт ва на раёҳину на набот. Симурғ ошёна бар сари Тӯбо дорад...” (3, 547-548). Сӯфиён Тӯборо ба маънии вақт ва ҳолати хуш низ ифода намудаанд:

**Шохи бемева гар ҳама Тӯбост,**
**Бибуредаш, ба мева пайвандед!**

Дар ирфони исломӣ **оина** мазҳари зоту сифоту асмои Ҳақ аст.Дар баъзе ҳолат ишқ низ ҳукми оинаро дорад. Шаффофият ва сидқу сафои оина мавриди истиқболи бисёр шоирон, аз он ҷумла “Шоири оинаҳо”- Мирзо Бедил низ қарор гирифтааст:

*Ҳамчу оина агар соф шавӣ,*
*Ҳама ҷо анҷумани дидор аст.*

Ошиқ оинаи қудрату тасарруф ва ҷилваи ҷамоли маъшуқ аст (3, 409). Хоҷа Камол дар байти панҷум, ки мавриди назари мост, зимни тасвири оина матлаберо ба қалам додааст, ки замири мусаффои муршидон ҳадафи ӯст:

**Раҳнамоёни ишқ оинаанд,**
**Пеши оина дам фурӯ бандед.**

Байти шашум давоми мантиқии байти панҷум аст. Вожаи калидии ин байт **тӯтӣ** буда, он бо оина иртиботе дорад, аз он хусус, ки тӯтиро дар муқобили оина медоштаанду дар паси оина шахсе сухан мегуфтааст ва ӯ гумон мекардааст, ки тӯтии дигаре дар муқобили ӯ сухан мегӯяд, дар тақлиди ӯ ба сухан медаромадааст. Вожаҳои **тӯтӣ, шакар, қанд** ва **оина** дар адабиёти классикӣ ба образҳои маъмул табдил ёфтаанд. Сайидои Насафӣ низ дар ин мавзӯъ байти ҷолибе дорад:

*Бештар аҳли сухан ноком рафтанд аз ҷаҳон,*
*Тӯтиёнро хушклаб аз шаккаристон бурдаанд.*

Хоҷа Камол дар байти мавриди назари мо соликонро аз тақлиди маҳз бозмедорад ва хомӯширо дар муқобили оина, ки дар боло оид ба он сухан рафт, ба эшон талқин мекунад, то суханҳои бемаврид ба онҳо ҳиҷоб нагардад:

**То намояд рухи шумо бар шумо,**
**Гар ҳама тӯтиву ҳама қандед.**

Шоир дар мақтаи ғазал чун муршид дар назди соликону муридонаш шарт мегузорад, ки агар шумо дунёро пушти по занед, ман роҳи расидан ба фалакро, ки он киноя аз мақоми Кибриёст, ба шумо нишон медиҳам:

**Ба фалак раҳбари шумост Камол,**
**Гар ҷаҳон зери пой афкандед.**

عندلیبی میزند بر گل نوایی بشنوید
بوی یار آشنا از آشنایی بشنوید

از لب لیلی و مجنون نکته‌ای دارید گوش
وز زبان بلبل و گل ماجرایی بشنوید

جانب میخانه مخمورانه جام عشق را
میزند هر خم به زیر لب صلایی بشنوید

کوه‌ها در ناله اند از رقت مستان طور
زین همه شور و شغب باری صدایی بشنوید

نوبت قیصر گذشت آن سلطنت در قصر ماست
نوبت شاهی ز ایوان گدایی بشنوید

کارها در بند وقت آمد نگه دارید وقت
وقت باشد کز لب او مرحبایی بشنوید

از خدا در هر دعای وصل میخواهد کمال
گر نمیگوید آمینی دعایی بشنوید

## ҒАЗАЛИ 6

Андалебе мезанад бар гул навое, бишнавед,
Бӯи ёри ошно аз ошное бишнавед.
Аз лаби Лайливу Маҷнун нуктае доред гӯш
В- аз забони булбулу гул моҷарое бишнавед.
Ҷониби майхона махмурони ҷоми ишқро
Мезанад ҳар хум ба зери лаб салое, бишнавед.
Кӯҳҳо дар нолаанд аз риққати мастони Тур,
З-ин ҳама шӯру шағаб боре садое бишнавед.
Навбати Қайсар гузашт, он салтанат дар қасри мост,
Навбати шоҳӣ зи айвони гадое бишнавед.
Корҳо дар банди вақт омад, нигаҳ доред вақт,
Вақт бошад, к-аз лаби ӯ марҳабое бишнавед.
Аз Худо дар ҳар дуое васл мехоҳад Камол,
Гар намегӯед омине, дуое бишнавед. (1, 269)

**Луғот:**

1.Махмур- *а.* 1. хамрхӯрда, майнӯшида, ниммаст. 2. *маҷ.* хуморолуд, пурхумор; бо нозу ишва, дилфиреб

2.Сало- *а.* калимаест, ки вақти даъвати ҷамоа барои зиёфат, тӯй ё анҷоми коре гуфта мешавад; ҷеғ, нидо, даъват

3.Риққат- *а.* меҳрубонӣ, нармдилӣ, шафқат

4.Тур- номи кӯҳест, ки Мӯсо (а) дар он ҷо бо Худо гуфтугӯ кард ва дар шохи дарахте таҷаллии нури Ҳақро ба мушоҳида гирифт

5.Қайсар- *лот.* 1. *таър.* лақаби подшоҳони Рум дар замонҳои пеш. 2. *гуфт.* , *маҷ.* якрав, якраҳа, саркаш, гарданшах (дар ин ғазал ба маънии аввал корбурд шудааст)

6.Шағаб- *кит.* 1. овози баланди ғулғуладори шӯрангез, мағал, шӯру ғавғо. 2. фитна ва фасод; ҷидол, хархаша (дар ин ғазал ба маънии аввал корбурд шудааст)

7.Салтанат- *а.* подшоҳӣ, фармонравоӣ, ҳукмронӣ; подшоҳӣ кардан.

Ин ғазали ирфонии Шайх Камол бо сабки ироқӣ эҷод шудааст. Зеро дар он истилоҳоти зиёди сӯфиёна ба назар мерасад: аз қабили андалеб, гул, Лайливу Маҷнун, майхона, махмурон, ҷоми ишқ, хум, сало, мастони Тур, васл ва ғайра. Илова бар ин, шоир дар эҷоди ин ғазал аз санъатҳои бадеии маҷоз, истиора, талмеҳ, ташхис ва киноя истифода бурдааст. Аз ҳамин лиҳоз, дарки маънои ботинии ғазал ба хонандаи воқеӣ мушкилот эҷод мекунад. Яъне, агар хонанда маъниҳои маҷозии истилоҳотро дарк накунад, ба ҳадафи аслии шоир пай намебарад.

Акнун ба тафсири пурраи ғазал мепардозем. Дар мисраи аввали матлаи ғазал шоир ба тасвири навои андалеб (булбул) бар гул пардохта, дар мисраи дуюм хонандагонро даъват мекунад, ки бӯи ёри ошноро аз ошное шунаванд (бишаманд). Ин маънии зоҳирии байти матлаъ аст. Аммо ҳадафи шоир дигар аст. Ӯ ба муридонаш хондани Қуръонро тавсия медиҳад. Ба маънии аввал **андалеб** истиораи Расули акрам (с.) буда, **гул** истиораи Қуръон аст. **Бӯй** тибқи истилоҳоти ирфонӣ огоҳӣ аз алоқа ва пайвастагии дил аст, ки дар асл будааст, дар мақоми ҷамъи аввал, акнун дар ҳолати тафриқа афтодааст. **Ёри ошно** сифати илоҳиро гӯянд, ки зарурист кофаи махлуқотро ва ҳеч исм мувофиқтар аз ин нест соликро, зеро калимаи тавҳид бар ин исм доир аст. Вожаи **ошно** ба як маънӣ истиораи пайғамбар аст. Инчунин аз ҳақиқат чандон дур нест, ки шояд шоир дар ин имож дар симои **андалеб** қории Қуръон ё муршид, ки худи Камол аст ва дар симои **гул** натиҷаи амалеро дар назар доштааст, ки дар дил пайдо шавад:

**Андалебе мезанад бар гул навое, бишнавед,**<br>**Бӯи ёри ошно аз ошное бишнавед.**

Дар байти дуюм шоир таъкид менамояд, ки суханеро аз лаби Лайливу Маҷнун гӯш кунед ва моҷароеро аз забони булбулу гул шунавед. Ишора ба образҳои машҳури Лайлӣ ва Маҷнун натиҷаи корбурди шоир аз санъати талмеҳ буда, шунидани моҷаро аз забони булбулу гул маҳсули санъати ташхис аст. Аммо маънои ботинии байт комилан дигар аст. Дар адабиёти ирфонии мо истилоҳи **лаб** ба маънии каломи маъшуқ мустаъмал будааст. **Лайлӣ** мазҳари ишқи илоҳӣ буда, **Маҷнун** мазҳари рӯҳи ноороми инсоният аст, ки ҳамеша дар талошу такопӯст. Тавре ки Маҷнун бо ҳама девонагиҳо, бо ҳама маҳрумиятҳо ва ранҷу азоб дар иштиёқи васли Лайлӣ буд, дар зиндагӣ ба висоли маъшуқааш нарасид, орифон низ чунин азоби рӯҳӣ мекашанд ва илоҷи ба Худо восил шуданро танҳо дар фано шудан мебинанд. Истиораи булбулу гулро дар боло таъкид намудем:

**Аз лаби Лайливу Маҷнун нуктае доред гӯш**
**В-аз забони булбулу гул моҷарое бишнавед.**

Шоир дар байти сеюм зоҳиран иброз менамояд, ки ҳар хум хуморолудагони ҷоми ишқро ба ҷониби майхона даъват мекунад. Аммо **майхона** дар ин байт намоди олами лоҳут аст ва **махмурони ҷоми ишқ** орифон ва шефтагони ишқи илоҳианд. **Хум** мавқуф аст чун истиораи дили ориф. Яъне, дилҳои орифон эшонро ба сӯйи олами лоҳут, ба олами боло даъват менамоянд:

**Ҷониби майхона махмурони ҷоми ишқро**
**Мезанад ҳар хум ба зери лаб салое, бишнавед.**

Дар байти чорум Камоли Хуҷандӣ бо истифода аз санъати талмеҳ зоҳиран таъкид менамояд, ки кӯҳҳо ба шафқату отифаи мастони Тур ба нола омадаанд ва шумо аз ин шӯру ғавғо боре садоеро шунавед, худро ба

ғафлат наандозед. Ҳосили аслии байт он аст, ки вожаи **маст** ба маънии шарри илоҳӣ меояд ба гуноҳе, ки аз ҷониби солик сар задааст. **Мастони Тур** ҳафтод тан марде буданд, ки ҳамроҳи Ҳазрати Мусо (а.) ба кӯҳи Тур (Байтулмуқаддас) рафтанд ва барои кафорати гуноҳонашон як моҳ дар он ҷо рӯза доштанд ва Худованд даҳ рӯзи дигар бар он мазид кард (сураи Аъроф: 142). Дар ояти 143 Худованд чунин мефармояд: "Чун Мӯсо ба меодгоҳи [ваъдагоҳи] Мо омад ва Парвардигораш бо ӯ сухан гуфт, гуфт: "Эй Парвардигори ман, бинамой, то дар Ту назар кунам". Гуфт: "Ҳаргиз Маро нахоҳӣ дид. Ба он кӯҳ бинигар. Агар бар ҷои худ қарор ёфт, ту низ Маро хоҳӣ дид". Чун Парвардигораш бар кӯҳ таҷаллӣ кард, кӯҳро хурд кард ва Мӯсо беҳуш бияфтод. Чун ба ҳуш омад, гуфт: "Ту муназзаҳӣ, ба Ту бозгаштам ва ман нахустини муъминонам" (2, 168).

Бояд илова намуд, ки Пайғамбари ислом (с.) кӯҳи Тури синоро саййиди ҳамаи кӯҳҳо арзёбӣ кардаанд. Панҷоҳу дувумин сураи Қуръон "Тур" ном дорад ва даҳ бор низ Қуръон аз кӯҳи Тур ном бурда ва ду бор (Тур: 1 ва Тин: 2) ба он савганд ёд кардааст (2, 545). Мутаваҷҷеҳ мешавем ба байт:

**Кӯҳҳо дар нолаанд аз риққати мастони Тур,**
**З-ин ҳама шӯру шағаб боре садое бишнавед.**

Шоир дар байти панҷум таъкид мекунад, ки навбати подшоҳии Қайсари Рум сипарӣ шуд ва акнун ҳукмронӣ навбати мост. Мо бо ҳама гадоӣ шоҳ ҳастем. Ин маънии зоҳирии байт аст. Аммо маънии ботинии байт он аст, ки дигар вақти қайсарӣ, ки киноя аз худобехабарӣ ва худпарастист, гузаштааст ва вақти он расидааст, ки мо дарвешон, ки аз фақри худ ифтихор мекунем, даври худро ронем ва хешро сарбаландона дар мулки ишқи илоҳӣ шоҳ эълон кунем. Ногуфта

намонад, ки дар истилоҳоти сӯфия вожаҳои **султон** ва **амирӣ**, ки мазмунан дар байти мавриди таваҷҷуҳи мо ба вожаҳои **Қайсар**у **салтанат** ва шоҳӣ қаробате доранд, дорои маъниҳои дигаре низ ҳастанд. **Султон** –ҷараёни илм ва аҳвол аст бар ошиқ, чунонки илм ва иродоти илоҳӣ бувад; **амирӣ-** иродати худро ҷорӣ кардан аст бар солик. Аз ҳақиқат баид нест, ки Шайх Камол, ки худ ҳамчун муршиди комил соҳиби хонақоҳ ва пири муридони зиёде буд, ба ҳамин мазмун, яъне бар соликони роҳи Ҳақ ҷорӣ кардани иродати худ ишора карда бошад:

**Навбати Қайсар гузашт, он салтанат дар қасри мост,**
**Навбати шоҳӣ зи айвони гадое бишнавед.**

Дар байти шашум шоир таъкид менамояд, ки корҳо дар қайди вақт гирифторанд, вақтро ғанимат шуморед. Вақташ меояд, ки аз лаби ӯ марҳабое ба гӯшатон мерасад, яъне нияти шумо иҷобат мешавад. Дар байти мавриди назар калимаи **вақт** се маротиба омадааст. Ва он бар замми маҳсули санъати такрор буданаш вожаи калидист. **Вақт** аз нигоҳи орифон шамшерест, ки ҳама маҳҷуриҳо ва ҳиҷобҳоро бурида ба олами висол роҳ мекушояд. Калимаи **лаб** дар истилоҳоти сӯфия ба маънии каломи маъшуқ меояд. **Шунидани марҳабо** ишора мекунад ба самоъи "лаббайка". Орифон фарзанди вақтанд, ки дар ин байти Камол сароҳатан ба ҳамин маънӣ ишора шудааст:

**Корҳо дар банди вақт омад, нигаҳ доред вақт,**
**Вақт бошад, к-аз лаби ӯ марҳабое бишнавед.**

Дар охири ғазал шоир бо овардани ҳусни тахаллуси худ дар ҳар дуо аз Худо хостани васлро ифода карда, аз хонанда дар сурати омин нагуфтан ҳам шунидани он дуоро дархост кардааст, зеро омин гуфтан дар ҳузур

сурат мегирад, ки ин маънии зоҳирии байт аст. Вожаи калидии байти мақтаъ **васл** мебошад, ки он дар истилоҳоти орифон ба маънии мақоми ваҳдат низ меояд ва ҳадафи шоир низ дар байти охири ғазал ҳамин аст:

**Аз Худо дар ҳар дуое васл мехоҳад Камол,**
**Гар намегӯед омине, дуое бишнавед.**

سر بر در توام نگر از سر بلندیم

ای من سگی تو عفو کن این خود پسندیم

بر پیش تن غمزه تیغ

گر هندوی دو چشم تو بر تیغ نشنیدیم

من آن نیم که از تو ببرد

خوش گفت زلف یا لب جانبخش تو عجب

خونی توئی چه سر ز من افتاده بندیم

گفتی به پیش تو ایم چه آرمیست

گفتی به پیش من به پستمندیم

رحمی بیار بر من

یکن ز زبان درمان

خیز ای طبیب مرهم درمان

کاین درد اوست داغ کند سودمندیم

از من بجست چشم به نیگاهم ناز دگر گفت

پاروت گویا و بسین چشم بندیم

بالطف طبع مردم شیراز از کمال

باور نمی‌کنند که گویم خجندیم

[illegible]

[illegible]

## ҒАЗАЛИ 7

Сар бар дари туам, бинигар сарбаландиям,
Эй ман саги ту, афв кун ин худписандиям.
Гӯ, ҳиндуи ду чашми ту баркаш зи ғамза теғ,
Ман он наям, ки аз ту бурад теғи ҳиндиям.
Хуш гуфт зулф бо лаби ҷонбахши ту шабе:
Хунӣ туӣ, чаро мани афтода бандиям?
Гуфтӣ: Ба пурсиши ту чу оям, чӣ оварам?
Раҳме биёр бар ману бар мустамандиям.
Хез, эй табиб, марҳаму дармон зиён макун,
К-ин дарди ӯст, доғ кунад судмандиям.
Аз ман бубаст чашм ба ҳангоми нозу гуфт:
Ҳорут, гӯ, биёву бубин чашмбандиям.
Бо лутфи табъ мардуми Шероз, эй Камол,
Бовар намекунанд, ки гӯӣ Хуҷандиям. (1, 406)

**Луғот:**

1.Афв- *а.*бахшидан, гузаштан аз гуноҳ.

2.Ғамза- *а.* имову ишорат ба чашму абрӯ; ноз, карашма.

3.Судмандӣ- фоидагирӣ, фоиданокӣ.

4.Лутф- *а.*1.*кит.*нармӣ, мулоимат, назокат; 2.меҳрубонӣ, марҳамат, илтифот. 3.карам, эҳсон, бахшиш.

Дар матлаи ғазал Шайх Камоли Хуҷандӣ бар дари маъшуқ сар ниҳоданро боиси сабаландӣ медонад. Худро сараввал ба саги он остон баробар меҳисобад, аммо аз ин худписандӣ маъзарат мехоҳад. Ин маънои сатҳии байт аст. Аммо тибқи истилоҳи ирфонӣ вожаи **сар** сифати иродати илоҳӣ буда, **дар** ба маънои мутовиат меояд. Агар хонандагони нуктасанҷ мушоҳида карда бошанд, образи **саг** дар ғазалиёти Хоҷа Камол аз фарти корбурд ба дараҷаи намод расидааст. Агар дар навбати аввал вафодории ин

ҳайвон боиси чунин амал шуда бошад, зимнан саргузашти саги асҳоби Каҳф, ки ҳамроҳи соҳиби худ ба шаш тан марди дигар пайваст ва ба онҳо ҳамроҳ шуду ба ғор даромад, мардон ҳарчанд онро аз худ ронданд, аз эшон ҷудо нашуд ва ҳатто ба забон омада, вафодории худро изҳор намуд, ба мартабаи ин ҳайвон мусоидат кардааст. Хусусиятҳои неки саги асҳоби Каҳф мазҳари талаб ва сулук дар масири ҳақиқат қаламдод шуда ба унвони мавҷуде, ки ба воситаи гавҳари ҳақиқат аз дараҷаи пасти ҳайвонӣ ба дараҷаи ёрони ихлосманду покбозони роҳи Ҳақ расидааст, мавриди таваҷҷуҳ ва иззат қарор гирифтааст (3, 69), ки дар ин байт онро мушоҳида мекунем:

**Сар бар дари туам, бинигар сарбаландиям,**
**Эй ман саги ту, афв кун ин худписандиям.**

Дар байти дуюм шоир бо роҳи ҳисомезӣ ва истифодаи истиораи мураккаб сухан аз чашму ғамза мегӯяд ва зоҳиран иброз медорад, ки ӯро аз маҳбубаш теғи ҳиндӣ ҳам, ки дар бурандагӣ шуҳрат дошт, ҷудо карда наметавонад. Муроди Камол аз ин байт дар асоси таъвили истилоҳоти ирфонӣ равшан мешавад. **Чашм** сифати сири басарии илоҳист, инчунин ин калима дар баъзе истилоҳот ба маънои тарки сатри маротиби олия истеъмол мешавад, ки аҳли камол онро пинҳон медоранд ва ҷуз Худои пок аз он хабар намеёбад. Ибораи **ҳиндуи ду чашм** киноя аз сиёҳии он аст, ки ҳиндувон бо сиёҳҷурдагии худ масал шуда буданд. Инчунин маҳорати теғсозиву теғзании онҳо достон шуда буд. Вожаи **сиёҳ** дар истилоҳ оламӣ ғайбро ифода мекунад. **Ғамза** низ чун бӯса ба маънои файзу ҷазабаи ботин меояд, ки нисбати солик воқеъ мешавад. Дар роҳи ишқ устувор будани шоир сароҳатан ишора шудааст:

**Гӯ, ҳиндуи ду чашми ту баркаш зи ғамза теғ,**
**Ман он наям, ки аз ту бурад теғи ҳиндиям.**

Шоир дар байти сеюм бо истифодаи санъати ташхис гуфтугӯи зулфу лабро тасвир карда, лабро ба хунӣ (қотил, хунрез) ва зулфро ба бандӣ (маҳбус) ташбеҳ додааст. Дар истилоҳоти ирфонӣ замони воқеъ гардидани амал **шаб** ба маънои олами ҷабарут ишора мекунад. Иҷрокунандаи амал, ки **зулф** аст, ғайби ҳувиятро ифода мекунад, ки касеро ба он роҳ нест. **Лаб** ифодакунандаи каломи маъшуқ буда, ҷонбахшии он сифати боқии абадист, ки фаноро ба он роҳ нест. Худи амал, ки **гуфтугӯ**ст, итоби муҳаббатомез аст:

**Хуш гуфт зулф бо лаби ҷонбахши ту шабе:**
**Хунӣ туӣ, чаро мани афтода бандиям?**

Дар байти чорум шоир итоби муҳаббатомези маҳбубро таъкид карда, аз ӯ хоҳиш менамояд, ки ҳангоми омадан бар ӯву бечорагиҳо ва дармондагиҳояш раҳму шафқате орад. Тибқи истилоҳ **сухан** ишорот ва интибоҳи илоҳиро гӯянд мутлақан. Сифати вижаи ошиқ мустамандӣ буда, **раҳму меҳрубонӣ** аз сифатҳои рабубият аст:

**Гуфтӣ: Ба пурсиши ту чу оям, чӣ оварам?**
**Раҳме биёр бар ману бар мустамандиям.**

Шоир дар байти панҷум масъалаи бемории худро матраҳ сохта, ба табиб итоб мекунад, ки аз сари болинаш дур шавад ва марҳаму дармонро беҳуда харҷ накунад, зеро ки дарди ӯ аз дардҳои дармонпазир нест. Вожаи калидии ин байт **дард** буда, тибқи истилоҳоти ирфонӣ ҳолатест, ки аз маҳбуб ба муҳиб асар мекунад, аммо ӯ тоқати бардошти онро надорад ва ин дард дарди ишқ аст, ки табибони олам аз илоҷи он оҷизанд:

**Хез, эй табиб, марҳаму дармон зиён макун,**
**К-ин дарди ӯст, доғ кунад судмандиям.**

Дар байти шашум лутфи сухани шоир дар корбурди калимаи **чашм** тазоҳур ёфтааст. Дар мисраи аввал **бастани чашм** ба маънои пӯшидани он ки киноя аз назар вогирифтан, нигоҳ накардан, рӯй гардондан аз сари ноз омада, дар мисраи дуюм **чашмбандӣ** ба маънои соҳирӣ ва ҷодугарӣ омадааст. Агар мо ин байтро тибқи истилоҳоти ирфонӣ шарҳ диҳем, калимаи **чашм** сифати сири басарии илоҳӣ буда, **ноз** қувват додани маъшуқ аст ошиқро. **Ҳорут** ва **Морут** ду фаришта буданд, ки аз сабаби ба сеҳру ҷоду машғул шудан ва онро ба мардум ёд доданашон Худо бар онҳо хашм гирифт ва дар чоҳи Бобул сарнагунашон овехт, ки онҳо то рӯзи қиёмат дар чунин ҳол хоҳанд монд. Аллоҳ таоло дар ояти 102-и сураи Бақара чунин мефармояд: "Ва низ он афсун, ки бар он ду фаришта – Ҳорут ва Морут дар Бобул нозил шуд, дар ҳоле, ки он ду ба ҳар кас, ки ҷодугарӣ меомӯхтанд, мегуфтанд: "Кори мо фитна аст, мабод кофир шавӣ" (2, 17):

**Аз ман бубаст чашм ба ҳангоми нозу гуфт:**
**Ҳорут, гӯ, биёву бубин чашмбандиям.**

Шоир дар матлаи ғазал бо овардани ҳусни тахаллус матлаби худро ҷамъбаст намуда, иброз медорад, ки аз сабаби он ки ман дорои табъи латиф ҳастам, мардуми Шероз ба хуҷандӣ буданам бовар намекунанд. Зеро дар он замон шерозиён дар лутфи сухан ва ороиши калом дар ҳафт иқлим шуҳрат ёфта буданд ва мардуми дигар манотиқро дар сухангустарӣ писанд намекарданд. Аммо Камоли Хуҷандӣ тавонист, ки онҳоро бо сеҳри каломи худ тасхир кунад:

**Бо лутфи табъ мардуми Шероз, эй Камол,**
**Бовар намекунанд, ки гӯӣ Хуҷандиям.**

دلا تحفهٔ جان به جانان رسان
نیاز گدا پیش سلطان رسان

زمین بوس موران سر زیر پای
به خاک جناب سلیمان رسان

شنیدم که چشمت مسلمان کش است
مرا پیش آن نامسلمان رسان

از آن زلف دلبند چاه ذقن
مرا مژدهٔ بند زندان رسان

حدیث سر ما و پای حبیب
چو از سر گرفتی به پایان رسان

ز اشک من این ماجرا گوش دار
یکایک به آن دُرّ غلطان رسان

ز سیلاب مژگان درود کمال
به جیحون خوارزم عمّان رسان

## ҒАЗАЛИ 8

Дило, туҳфаи ҷон ба ҷонон расон,
Ниёзи гадо пеши султон расон.
Заминбӯси мӯрони сарзерипой
Ба хоки ҷаноби Сулаймон расон.
Шунидам, ки чашмаш мусалмонкуш аст,
Маро пеши он номусалмон расон.
Аз он зулфи дилбанду чоҳи зақан
Маро муждаи банду зиндон расон.
Ҳадиси сари мову пои ҳабиб
Чу аз сар гирифтӣ, ба поён расон.
Зи ашки ман ин моҷаро гӯш дор,
Якояк ба он дурри ғалтон расон.
Зи селоби мижгон дуруди Камол
Ба Ҷайҳуну Хоразму Уммон расон. (1, 455)

**Луғот:**

1.Ниёз- 1.ҳоҷат, эҳтиёҷ. 2.майлу хоҳиш; илтимос, дархост. 3.*д.*чизе, ки касе дар роҳи Худо адо кардани онро ният мекунанд (*аз қабили* садақа, қурбонӣ, намоз *ва ғайра)* **назру ниёз.**

2.Ҷаноб- *а.*калимае, ки барои иззату эҳтиром ба касе гуфта мешавад, ҳазрат. 2.*кит.* остона.

3.Зақан- *а.*манаҳ, занах, занахдон.

4.Ҳадис- *а. кит.* 1.нав, тоза. 2.сухане, ки аз қавли касе нақл шудааст, нақл, ривоят. 3.суханоне, ки аз қавли Муҳаммади пайғамбар (с.) нақл шудаанд.

5.Ҳабиб- *а.*дӯстдошта, дӯстдор, маъшуқ; маҳбуб.

6.Дур(р) –*а.* марворид, гавҳар: а) сӯрох кардани марворид барои ба ришта кашидан; б) *киноя аз* сухани балеғи бикр гуфтан, каломи наву тоза гуфтан.

7.Дуруд- 1.салом, таҳният. 2.сано, ситоиш.

Дар матлаи ин ғазали мураддаф оҳанги мултамас ва хоҳиш мақоми хос дорад. Зоҳиран шоир дилро

мухотаби худ қарор дода аз ӯ хоҳиш менамояд, ки туҳфаи ҷонро ба ҷонон расонад ва хоҳиши гадоро ба султон арза кунад. Вожаи **ҷонон** тавре ки дар ғазали дигар ҳам дидем, дар истилоҳи ирфонӣ сифати қайюмист, ки қиёми ҳамаи мавҷудот ба вай аст, ки агар он дақиқа пайваста мавҷудотро набошад, ҳеч чиз бақо ва вуҷуд намеёбад. **Султон** ҷараёни аъмол ва аҳвол аст бар ошиқ, чунон ки илм ва иродоти илоҳӣ бошад. Он назру ниёзе, ки дар дили гадо (солик) фароҳам омадааст, ихлосу сидқ ва ишқу аҷз аст:

**Дило, туҳфаи ҷон ба ҷонон расон,**
**Ниёзи гадо пеши султон расон.**

Дар байти дуюми ин ғазал шоир бо истифода аз санъати талмеҳ мӯрон ва Сулаймонро ёдовар шуда, соликони роҳи Ҳақро ба мӯрон ва маҳбубро ба Сулаймон ташбеҳ додааст. Ин байт давоми мантиқии байти матлаъ аст, зеро шоир туҳфаи ҷони худро ба рони малахе, ки аз тарафи мӯр ба Сулаймон пешкаш шуда буд, баробар донистааст. Сулаймон хурдтарин фарзанди Ҳазрати Довуд (а) аст, ки номаш дар Қуръон ҳабдаҳ маротиба зикр шудааст. Аз он ҷумла, Худованд дар сураи Намл (Мӯрча) дар оятҳои 17-18 мефармояд: “Сипоҳиёни Сулаймон аз ҷинну одамӣ ва паранда гирд омаданд ва онҳо ба саф мерафтанд. То ба водии мӯрчагон расиданд. Мӯрчае гуфт: “Эй мӯрчагон, ба лонаҳои худ бираведн, то Сулаймону лашкариёнаш шуморо бехабар аз ҳам накӯбанд” (2, 379) . Ин хабарро бод ба гӯши Сулаймон расонид ва ӯ барои ба хонаҳояшон даромадани мӯрчагон фурсат дод. Аҷзи соликон бо чунин қиёс дар байт ифода шудааст:

**Заминбӯси мӯрони сарзерипой**
**Ба хоки ҷаноби Сулаймон расон.**

Баид нест, ки **дил**, ки мухотаби шоир аст, киноя аз ҳамон боди хабаррасон ва паёмовари Ҳазрати Сулаймон бошад. Дар байти сеюм масъалаи мураккаб матраҳ шудааст. **Чашм** дар истилоҳ сифати сири илоҳист. Инчунин он дар баъзе истилоҳот тарки сатри маротиби олия мебошад, ки аҳли камол онро пинҳон медоранд ва ҷуз Худойро субҳона бар он иттилоъ нест. **Кофар**, ки муродифи номусалмон аст, соҳиби мақоми аъмоли тафриқа мебошад:

**Шунидам, ки чашмаш мусалмонкуш аст,**
**Маро пеши он номусалмон расон.**

Дар байти чорум истилоҳоти **зулф** ва **чоҳи зақан** корбурд шудаанд, ки **зулф** ғайби ҳувият буда, касеро ба он роҳ нест. **Чоҳи зақан** мушкилоти маҳали мулоҳиза аст. **Зиндон** мушкилотест, ки дар сари роҳи ориф қарор дорад:

**Аз он зулфи дилбанду чоҳи зақан**
**Маро муждаи банду зиндон расон.**

Шоир дар байти панҷум аз дил хоҳиш мекунад, ки ривояти сари мову пои маҳбубро модоме ки оғоз намудӣ, онро то ба охир расон. Вожаи **сар** дар ин байт таҷнис аст. Зеро ин калимаро дар мисраи аввал метавон ба маънои аслиаш, ки узви маъруфи пайкари инсон аст, фаҳмид ва ба маънои истилоҳиаш, ки сифати иродати илоҳист, дарк намуд. Дар мисраи дуюм калимаи **сар** ба маънои оғоз, ибтидо меояд. Ибораи **сари мову пои ҳабиб** ифодаи сидқу ихлос ва аҷзу инкисор аст, ки бо ҳусни отифа инъикос ёфтааст:

**Ҳадиси сари мову пои ҳабиб**
**Чу аз сар гирифтӣ, ба поён расон.**

Дар байти шашум вожаи **ашк** ифодакунандаи муноҷоту истионатталабӣ буда, ибораи **дурри ғалтон** истиораи маҳбуб аст. Дар истилоҳоти сӯфия **гавҳар**, ки муродифи дур(р) аст, маонӣ ва сифотро ифода мекунад:

**Зи ашки ман ин моҷаро гӯш дор,**
**Якояк ба он дурри ғалтон расон.**

Дар мақтаи ғазал вожаҳои калидӣ **дуруд** ва **мижгон** буда, дар истилоҳи ирфонӣ **дуруд** ба маънои салом ва ҳамду сано низ меояд. **Мижгон** (мижа) эҳмоли аъмол аст мар соликро, сирран ва ҷаҳран ба ҳукм, ҳикмати илоҳӣ. **Ҷайҳун** номи қадимаи дарёи Амӯ буда, **Хоразм** номи шаҳрест дар ҳудуди имрӯзаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва **Уммон** исми дарёст, ки он дар осори баъзе шоирони ориф ба маънои маҷозӣ низ корбурд шудааст. Масалан, дар ин байти Мавлавӣ:

*Ин нону оби чарх чун сел бебақост,*
*Ман моҳиям, наҳангаму Уммонам орзуст.*

Муроди шоир аз овардани ин исмҳои макон, ки намунаҳои баҳру баранд, зикри ҳафт иқлими олам аст:

**Зи селоби мижгон дуруди Камол**
**Ба Ҷайҳуну Хоразму Уммон расон.**

گفتم ملکی یا بشری گفت که هر دو
کان نمکی یا شکری گفت که هر دو

گفتم به لطافت گلی ای سرو قباپوش
یا نیشکری یا گهری گفت که هر دو

گفتم به لب لعل و خط سبز روان بخش
آب خضری یا خضری گفت که هر دو

گفتم به جبینی که به آن روی توان دید
یا آینهٔ یا قمری گفت که هر دو

گفتم که به یک عشوه ربایی ز سرم عقل
یا هوش من از تن ببری گفت که هر دو

گفتم دل مایی که ندانم که کجایی
یا دیدهٔ اهل نظری گفت که هر دو

گفتم ز کمالی تو چنین بیخبری بس
یا خود ز جهان بیخبری گفت که هر دو

## ҒАЗАЛИ 9

Гуфтам: Малакӣ, ё башарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.
Кони намакӣ, ё шакарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам ба латофат гулӣ, эй сарви қабопӯш,
Ё найшакаре дар камарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам: Ба лаби лаълу хати сабзи равонбахш
Оби Хизирӣ, ё Хазарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам: Ба ҷабине, ки ба он рӯй тавон дид
Ё оинаӣ, ё қамарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам, ки ба як ишва рабоӣ зи сарам ақл,
Ё ҳуши ман аз тан бибарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам, ки дили моӣ, ки надонам, ки куҷоӣ,
Ё дидаи аҳли назарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам: Зи Камолӣ ту чунин бехабару бас,
Ё худ зи ҷаҳон бехабарӣ? Гуфт, ки ҳар ду. (1, 487)

**Луғот:**

1.Малак- *а.* 1.фаришта. 2.*маҷ.*зани хеле зебо.

2.Башар- *а.*инсон, одам; мардум, одамизод.

3.Латофат- *а.*1.латифӣ, назокат, нозукӣ, зарифӣ. 2.зебоӣ, раъноӣ.

4.Қабо- *а.*як навъ либоси рӯпӯши дарози пешкушодаи мардона; ҷома, либос.

5.Оби Хизир- *кит. оби зиндагӣ*- а) мувофиқи ривоёт чашмае, ки нӯшандаи оби он гӯё зиндагии абадӣ меёфтааст.

6.Хазар- 1.номи дигари баҳри Каспий, баҳри Хазар

7.Ҷабин- *а.*пешонӣ, ҷабҳа, носия.

8.Қамар- 1.моҳ, маҳ. 2.*маҷ.*маҳбубаи зебо, дилбари хушрӯй.

9.Ишва- *а.*рафтори дилрабоёнаи маъшуқа барои ҷазби дили ошиқ, карашма, ноз, ғамза.

Дар ин ғазали Шайх Камоли Хуҷандӣ санъатҳои бадеии ташбеҳу истиора, тазод, иҳом, таҷоҳули ориф,

маҷоз, киноя ва такрор корбурд шуда, бо муколама ифода ёфтаанд. Лутфи сухани Камол балоғати сухани ӯро таъмин намудааст. Дар матлаи ғазал худро ҳам фаришта ва ҳам инсон донистани маъшуқ киноя аз донистанашаванда ва зоҳиран шинохтанашаванда будани ӯст. Тавсифи кони намак, ки маҷозан малоҳати маъшуқ ва шакар ширинии ӯст, ишораест ба якрангу якнавохт набудани муомилаи маъшуқ ва бениҳоятии ӯ. Дар истилоҳоти ирфонӣ **гуфтугӯ** итоби муҳаббатомез аст, ки дар ин ғазал аз ҷониби маҳбуб ба вуҷуд омадааст:

**Гуфтам: Малакӣ, ё башарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.**
**Кони намакӣ, ё шакарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.**

Дар байти дуюм латофату малоҳати маъшуқ тасвир шудааст, ки латофат ҳам чун малоҳат бениҳоятии камолоти илоҳист, ки ҳеч кас ба ниҳояти он нарасад, то мутмаин шавад. **Гул** натиҷаи амал аст, ки дар дил пайдо шавад. **Сарви қабопӯш** киноя аз маъшуқ аст. **Найшакар,** ки дар ширинӣ миёни наботот назире надорад, истиора аз латофату малоҳати маҳбуб мебошад, ки дар итоби муҳаббатомези ӯ ифода ёфтааст:

**Гуфтам ба латофат гулӣ, эй сарви қабопӯш,**
**Ё найшакаре дар камарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.**

Дар байти сеюм тавсифҳои **лаби лаъл**, **хати сабз** ва **оби Хизир** корбурд шудаанд, ки тибқи истилоҳоти ирфонӣ **лаби лаъл** бутунии калом буда, **хати сабз** олами барзах аст ва **Оби Хизир** (Хизр) оби ҳаёт аст. Мувофиқи ривоёт чашмае, ки нӯшандаи оби он гӯё зиндагии абадӣ меёфтааст. Ҳамон обе, ки Искандар мехост онро нӯшад, аммо бенасиб монд. Хоҷаи Хизр аз он ошомид ва умри абадӣ ёфт. Ба қавли Соиб:

*Ман аз ин умри ду- серӯза ба танг омадаам,*
*Вой бар Хизр, ки зиндонии умри абад аст.*

Хоҷа Камол дар ин байт калимаи **Хазар**ро ба хотири санъати иштиқоқ мавриди корбурди худ қарор додааст. Инчунин **оби равон**, ки ба баҳри Хазар (Каспий) марбут аст, тибқи истилоҳ фараҳи дил аст:

**Гуфтам: Ба лаби лаълу хати сабзи равонбахш**
**Оби Хизирӣ, ё Хазарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.**

Дар байти чоруми ғазал вожаи **ҷабин** мавриди корбурди шоир қарор гирифтааст, ки он дар истилоҳоти ирфонӣ бо муродифи худ **пешонӣ** мустаъмал аст. **Пешонӣ** зуҳури асрори илоҳист. **Рӯй** тибқи истилоҳ миръоти таҷаллиёт мебошад. Инчунин дар истилоҳи дигар **рӯй** чунин шарҳ дода шудааст: маротиби таҷаллиётро гӯянд аз маонӣ ва нуре ва суре ва таҷаллӣ ба завқе мунтаҳо гардад ва ҳува лиқоъ маъ Аллоҳ субҳона. **Оина** дар ирфон мазҳари зоту сифот ва асмои Ҳақ таолост. **Моҳрӯӣ** таҷаллиёти суратеро гӯянд, ки соликро ба кайфияти он иттилоъ воқеъ мешавад:

**Гуфтам: Ба ҷабине, ки ба он рӯй тавон дид**
**Ё оинаӣ, ё қамарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.**

Дар байти панҷуми ғазал вожаи **ишва** ба маънои **нозу карашма** истеъмол шудааст, ки **ноз** мувофиқи истилоҳ ишора ба қувват додани маъшуқ аст ошиқро, **карашма** илтифот аст. Вожаи **ақл** тибқи истилоҳи ирфонӣ ҳолати тамйизро ифода мекунад миёни хайру шар(р) ва неку бад. Вақте ки ҳуш аз тан рафт, ориф ба ҳолати **беҳушӣ** гирифтор мешавад, ки он мақоми тамс буда, ӯ маҳви сифот шавад:

**Гуфтам, ки ба як ишва рабоӣ зи сарам ақл,**

**Ё ҳуши ман аз тан бибарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.**

Дар мисраи аввали байти шашум калимаи **дил**ро шоир чун истиораи маҳбуб мавриди истифода қарор додааст. Дар мисраи дуюм вожаи **дида** корбурд шудааст, ки онро дар истилоҳи ирфонӣ иттилои илоҳӣ гӯянд бар ҷамеи аҳвол аз хайру шар(р). **Аҳли назар** соликони роҳи Ҳақанд:

**Гуфтам, ки дили моӣ, ки надонам, ки куҷоӣ,**
**Ё дидаи аҳли назарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.**

Дар мақтаи ин ғазал вожаи **бехабарӣ** чун ифодакунандаи итоби муҳаббатомез мавриди истифодаи шоир қарор гирифта бо санъати таҷоҳули ориф тазвиҷ шудааст ва ҳолати рӯҳии Камолро ифода намудааст:

**Гуфтам: Зи Камолӣ ту чунин бехабару бас,**
**Ё худ зи ҷаҳон бехабарӣ? Гуфт, ки ҳар ду.**

یارب این درد دل از فرقت جانان تا کی
دردم از بار فراق و غم خوبان تا کی

نفسی جان به لب آمد ز غم هجر مرا
بر من این غصه و غم از غم هجران تا کی

خون نگردد دلم از دور فلک روزی شاد
زندگانی به من خسته پریشان تا کی

بهر دیدار پری روی تو اسرار نهاست
من سرگشته چنین بی سر و سامان تا کی

آخر ای بخت مرا راه به منزل بنما
که به جان آمدم این رنج بیابان تا کی

ای طبیب دل عشاق دوا ساز مرا
جانم آید به لب از حسرت جانان تا کی

دلبرا کار دل خستهٔ غمگین کمال
همچو خال سر زلف تو پریشان تا کی

## ҒАЗАЛИ 10

Ё Раб, ин дарди дилу фурқати ҷонон то кай?
Дар дилам бори фироқу ғами хубон то кай?
Ҳар нафас ҷон ба лаб омад зи ғами ҳаҷр маро,
Бар ман ин ғуссаи чарху ғами ҳиҷрон то кай?
Худ нагардад дилам аз даври фалак рӯзе шод,
Зиндагонӣ ба мани хаста бад-инсон то кай?
Ҳар касе дар пайи кореву сару сомонест,
Мани саргашта чунин бесарусомон то кай?
Охир, эй бахт, маро роҳ ба манзил бинамо,
Ки ба ҷон омадам, ин ранҷи биёбон то кай?
Эй табиби дили ушшоқ, даво соз маро,
Ҷонам ояд ба лаб аз ҳасрати ҷонон то кай?
Дилбаро, кори дили хастаи ғамгини Камол
Ҳамчу ҳоли сари зулфи ту парешон то кай? (1, 570)

**Луғот:**

1.Фурқат- *а. 1. кит.* ҷудоӣ, дурӣ, фироқ, ҳиҷрон.

2.Ҳаҷр- *а.* ҷудоӣ, дурӣ, фироқ (*аз ёр, маҳбуба).*

3.Ғусса- *а.*андуҳи гулӯгир, ки зоҳир намекунанд; ғами ниҳонӣ.

4.Ҳиҷрон- ҷудоӣ, дурӣ аз ёру дӯстон, махсусан аз маъшуқ.

5.Ушшоқ- *а.*1.*ҷ.* **ошиқ**. 2.номи яке аз мақомҳои мусиқии “Шашмақом”, савти калон.

Дар матлаи ин ғазал Шайх Камоли Хуҷандӣ ба Парвардигор муноҷот мекунад, ки ин дарди дил ва фурқат (дурӣ)-и ҷонон то кай идома меёбад ва дар дили ман бори фироқ (ҷудоӣ)-ю ғами хубон то кай боқӣ мемонад? Ин мазмуни зоҳирии байт аст. Аммо мувофиқи истилоҳоти ирфонӣ **дард** ҳолатест, ки аз маҳбуб торӣ шавад ва муҳиб (дилдода) тоқати бардошти онро надорад. **Фурқат** (фироқ)- ғайбатро гӯянд аз мақоми ваҳдат. **Ҷонон**, тавре ки дар ғазали

дигар қайд намудем, сифати қайюмиро гӯянд, ки қиёми ҷумла мавҷудот бад-ӯст, ки агар он дақиқа пайваста мавҷудотро намебуд, ҳеч чиз вуҷуди бақо намеёфт. **Ғам** банди эҳтимоми талаби маъшуқро гӯянд:

**Ё Раб, ин дарди дилу фурқати ҷонон то кай?**
**Дар дилам бори фироқу ғами хубон то кай?**

Дар байти дуюм маънои **ҳиҷрон** (ҳаҷр) тибқи истилоҳоти ирфонӣ илтифоти дарунӣ ва берунӣ ба ғайри Ҳақ аст:

**Ҳар нафас ҷон ба лаб омад зи ғами ҳаҷр маро,**
**Бар ман ин ғуссаи чарху ғами ҳиҷрон то кай?**

Дар байти сеюм низ бар замми мазмуни зоҳирӣ мазмуни ирфонӣ мавҷуд буда, тибқи истилоҳоти ирфонӣ **рӯз** татобеъи анворро гӯянд. **Зиндагӣ** қабул ва иқболро гӯянд ба ҳазрати Ҳақ субҳонаҳу ва ин зиндагӣ ба тадриҷ абадӣ шавад. Хастагии шоир вуҷуди амрист, ки бар хилофи иродати дили ӯст:

**Худ нагардад дилам аз даври фалак рӯзе шод,**
**Зиндагонӣ ба мани хаста бад-инсон то кай?**

Дар байти чоруми ғазал таъкид менамояд, ки ҳар касе дар пайи кореву сару сомоне буда, мани саргашта чунин бесарусомон то кай бошам? Он касон соликони муваффақи тариқи ишқанд, ки ба Ҳақ расидаанд. Кори онҳо машғулият ба ишқи ҷонон аст. Шоир худро дар ин ҷода, ки ба ҳафт шаҳри ишқ бояд барад (ва чунончи Шайх Аттор ба он манзил расида буд) саргаштаву бесарусомон мебинад, ки ин нишонаи фурӯтанӣ ва изҳори аҷзи ӯст:

**Ҳар касе дар пайи кореву сару сомонест,**

**Мани саргашта чунин бесарусомон то кай?**

Шоир дар байти панҷум аз бахту саодат имдод металабад, ки роҳи он манзилро, ки расидан ба Ҳақ аст, ба ӯ нишон диҳад. **Саодат** тибқи истилоҳи ирфонӣ хондани азалист. **Ранҷ** дар истилоҳ вуҷуди амрист, ки бар хилофи иродати дил бувад. **Биёбон** вақоеъи тариқ аст, ки пешорӯи солик қарор дорад:

**Охир, эй бахт, маро роҳ ба манзил бинамо,**
**Ки ба ҷон омадам, ин ранҷи биёбон то кай?**

Дар байти шашум **табиби дили ушшоқ** (ошиқон), ки мухотаби шоир аст, киноя аз муршид ва пир аст. Шоир аз ӯ даво металабад. Ва он **тандурустие**ро металабад, ки дар истилоҳи ирфонӣ барқарор мондани дилро гӯянд ва қувои даруну берун:

**Эй табиби дили ушшоқ, даво соз маро,**
**Ҷонам ояд ба лаб аз ҳасрати ҷонон то кай?**

Дар мақтаи ғазал вожаҳои калидии **дилбар** ва **зулф** мавриди корбурди шоир қарор гирифтаанд. **Дилбар**, ки мухотаб аст, дар истилоҳи ирфонӣ ба маънои сафои қобизе меояд ба андуҳ ва меҳнат дар дил. **Зулф** ғайби ҳувият аст, ки касеро ба он роҳ нест. Ҳамин парешонӣ боиси хастагии дили шоир шудааст:

**Дилбаро, кори дили хастаи ғамгини Камол**
**Ҳамчу ҳоли сари зулфи ту парешон то кай?**

*29 марти соли 2020*

## ПАЙНАВИШТ:


1. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Хуҷанд: Матбааи ҶДММ “Андеша”, 2011.- 632 с.
2. Қуръони маҷид. Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. Теҳрон –Эрон: “Замон”, 1380 / 2001.-606 с.
3. Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ. Душанбе: “Бухоро”, 2014.- 748 с.
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд). Машҳад-Душанбе, 2008.-950 / 945 с.
5. Фахриддин Иброҳими Ироқӣ. Рисолаи истилоҳот. Ба кӯшиши Муҳаммади Бедободӣ, (бидуни таърих).
6. Ҳофизи Шерозӣ. Девон, (бидуни макони нашр), соли 1299 ҳиҷрӣ.

## ТАФСИРИ ДАҲ ҒАЗАЛИ ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ БО ҚАЛАМИ ТОҶИБОЙ СУЛТОНӢ

Шарҳу шарҳнигорӣ ва маърифати адабӣ як ҷараёни пурвусъати маърифат ва аз суннатҳои деринаи адабиёти форсу тоҷик буда, пайдоиш, таҳаввул ва ташаккул, усулҳои шарҳу тафсир, мактабҳои шарҳнигории Шарқ ва масоили дигари марбут ба он дар таҳқиқоти ҷомеи адабиётшиноси тоҷик доктор Абдулманнони Насриддин муфассал ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст[1].

Адабиётшиноси мазкур муътақид аст, ки мафҳумҳои маърифат ва шарҳу тафсир баробари ба вуҷуд омадани адабиёти бадеӣ арзи ҳастӣ намуда, баъзе махсусиятҳои он дар осори донишмандони Юнони қадим, аз ҷумла осори Арастуи Стагирӣ ва мутафаккирони Шарқу Ғарб баён гардида бошад хам, омӯзиши амиқи он аз нимаи дуюми қарни X1X оғоз гардидааст. Дар китобхонаҳои бузурги олам ҳазорон шурӯҳи хаттии ношинохта маҳфузанд, ки ба риштаи таҳқиқ кашида шудани онҳо барои маърифати ростини адабиёт ва шинохти воқеии тафаккури адибони ҷудогона мусоидат менамояд.

Мутаассифона, дар замони мо баҳодиҳӣ ба кутуби шарҳ яксон набуда, муҳаққиқоне ҳастанд, ки шурӯҳи осори адабии гузаштаро нодида мегиранд ва ба арзишҳои он хати бултон мекашанд. Вале воқеият ин аст, ки шарҳнависӣ ба осори адабӣ дар гузашта яке аз шохаҳои бисёр пурбори адабиёти асримиёнагии тоҷику форс буд ва онҳое, ки ба кори шарҳнависӣ машғул буданд, махзанҳои бузургеро дар ин замина ба ёдгор гузоштаанд. Ба вуҷуд омадани шарҳҳои фаровоне бар

---

[1]Дар ин бора нигаред ба «Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик». Қисми 1.-Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2000. -254 саҳ.; -2001; Қисми 2.-Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001. -264 саҳ.

қасоиди Хоқонии Шарвонӣ ва Анварии Абевардӣ, маснавиҳои Низомии Ганҷавӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Саноии Ғазнавӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Шабистони хаёл»-и Фаттоҳии Нишопурӣ, қасидаҳои Урфии Шерозӣ, мактабҳои бедилхонӣ дар Мовароуннаҳр ва ғайра баёнгари ташаккулу таҳаввул ва рушди мактабҳои шарҳнигорӣ дар Хоразм, Лоҳур, Ҳинд ва Осиёи Сағир ва Мовароуннаҳр буда, муҳимтарин сарчашмаҳои маърифати осори адабӣ мебошанд.

Суннатҳои шарҳнигорӣ бар осори классикон дар замони мо низ идома дошта, шореҳони муосир бахусус ба шарҳу тавзеҳи ҷудогонаи осори Хоқонии Шарвонӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Боиси таъкид аст, ки роҷеъ ба шарҳу тафсири абёти алоҳидаи Камоли Хуҷандӣ нуқтаи назари маънишиносон ба таври ҷудогона баён гардида бошанд ҳам, асари алоҳидае то имрӯз дар ин замина дастрас нест. Вале бо назардошти бузургдошти зодрӯзи ин суханвари нодирагуфтор аз ҷониби бархе аз аҳли маърифат кӯшишҳое дар заминаи шарҳи абёти алоҳидаи шоир сурат гирифтаанд.

Чанд сол қабл ба истиқболи ҷашни 675-солагии Камоли Хуҷандӣ бо ибтикори шоир ва адабиётшинос Абдуҷаббори Суруш китоби «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» дар ду ҷилд таълиф гардида, нашри дуюми он соли 2015 (дар як муҷаллад) ба нашр расид, ки барои маърифатгарони шеъри Камол сарчашмаи арзишмандест.

Китобчаи ҳозир, ки дастраси хонандагони арҷманд карор дорад, дар заминаи шарҳи ғазалиёти алоҳидаи Камоли Хуҷандӣ ба миён омада, тавзеҳи бист ғазали шоирро дарбар гирифтааст, ки ба муносибати эълон гардидани 700-солагии бузургдошти Шайх Камол бо назардошти завқу салиқаи маърифатгарии ҳамзамонон

таълиф гардидааст. Гузашта аз ин, бо ҳиммати шоир, донишманд ва хаттоти моҳир Иброҳими Наққош чанде аз ин ғазалҳо хушнависӣ карда шуда, ба китоби ҳозир мулҳақ гардиданд, ки як навъ тадовуми суннати хаттотӣ ва хушнависӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Итминони комил дорем, ки ин ибтикорот аз ҷониби хонандагон истиқболи хушеро дар пай хоҳад дошт.

از تو یک ساعت جدای خوش نمی آید مرا
با دگر کس آشنای خوش نمی آید مرا

گویم روزی در سلطان وقت خویش باش
بعد سلطانی گدای خوش نمی آید مرا

چاکرانت را میگویم که خاک آن درم
با بزرگان خودستای خوش نمی آید مرا

گفتمش در آب عارض عکس جان با ما نما
گفت هردم خودنمای خوش نمی آید مرا

از لب لعلت پرهیزم به دور آن دو چشم
پیش مستان پارسای خوش نمی آید مرا

منکر زهدم به رویت تا نظر باز آمدم
پاکبازم من دغای خوش نمی آید مرا

صوفیان گویند چون ما غرق در رقص آ کمال
حالت وجد ریای خوش نمی آید مرا

## ҒАЗАЛИ 1

Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,
Бо дигар кас ошноӣ хуш намеояд маро.
Гӯиям: Рав з-ин дару султони вақти хеш бош,
Баъди султонӣ гадоӣ хуш намеояд маро.
Чокаронатро намегӯям, ки хоки он дарам,
Бо бузургон худситоӣ хуш намеояд маро.
Гуфтамаш: Дар оби ораз акси рӯятро намо,
Гуфт: Ҳар дам худнамоӣ хуш намеояд маро.
Аз лаби лаълат напарҳезам ба даври он ду чашм,
Пеши мастон порсоӣ хуш намеояд маро.
Мункири зуҳдам ба рӯят, то назарбоз омадам,
Покбозам ман, дағоӣ хуш намеояд маро.
Сӯфиён гӯянд: Чун мо хезу дар рақс о, Камол,
Ҳолату ваҷди риёӣ хуш намеояд маро.

Ғазали мазкур дар мавзӯи ишқ суруда шуда, аз ғазалҳои шево ва равони девони Шайх Камол маҳсуб мегардад. Таҳлили ғазал хонандаро бо ҷаҳони фикрии Камол, маънисозиҳои нотакрори ӯ аз наздик ошно месозад.

**Байти 1.**
**Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,**
**Бо дигар кас ошноӣ хуш намеояд маро.**

Ошиқ ба маъшуқ мегӯяд: Аз ту як соат ҷудоӣ маро хуш намеояд ва бидуни ту ҳам ошноӣ бо дигаре писанди хотири ман нест.

**Байти 2.**
**Гӯиям: Рав з-ин дару султони вақти хеш бош,**
**Баъди султонӣ гадоӣ хуш намеояд маро.**

Дар девони Камол маънии мазкур фаровон истифода шудааст.

**Султони вақти хеш будан** – киноя аз озод будан, ба касе вобастагӣ надоштан, вараста аз тааллуқоти чизе ё касе будан.

**Султонӣ** – подшоҳӣ. Камол дар байти мазкур дар даргоҳи маъшуқ буданро барои худ султонӣ ва баръакс, озод буданро айни гадоӣ медонад.

Аммо дар байти зер Камол худро гадои дари маъшуқ ҳисобида мегӯяд:

Ҳадди ҷавоби султон набвад, Камол, моро,
Дар ҳазрати салотин расми гадо суол аст.

Бояд гуфт, ки дар девони Камол калимаи «султон» наздик 50 маротиба ва «гадо» беш аз 100 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар бархе ғазалҳои Камол образҳои «султон», «гадо» ва «саг» дар канори ҳам истифода гардидаанд.

Дар баробари маъшуқ Камол хешро ҳамеша «гадо» мехонад, вале дар байти зерин, ки оҳанги иҷтимоӣ дорад, худро султон меҳисобад:

Дасти султонон намебӯсад Камол,
Нест султонро ба дарвеш эҳтиёҷ.

Дар байти зерин ҳамаи хубонро «гадо» ва маъшуқаи хешро «султон» меномад:

Хубони ҷаҳон ҷумла гадоянду ту султон,
Шоҳони замон ҷумла Аёзанду ту Маҳмуд.

Дар маҷмӯъ, дар ашъори ирфонии Камол аз «султон» - подшоҳи олами ҷон, яъне маъшуқаи азалӣ, зоти Ҳақ мурод аст. Чунончи:

Дило, тухфаи ҷон ба ҷонон расон,
Ниёзи гадо пеши султон расон.

**Маънии байт:** Ту маро мегӯӣ: Бирав ва аз пайи кори худ бош, дар сурате, ки ман худамро дар остонаи ту мисли султон меҳисобам. Аз ин рӯ, намехоҳам, ки аз дари ту биравам, ки мисли гадо буданам дар остонаи дари ту барои ман айни султонист.

**Байти 3.**
**Чокаронатро намегӯям, ки хоки он дарам,**
**Бо бузургон худситоӣ хуш намеояд маро.**

**Чокар** - ғулом, банда.
**Худситоӣ** – ситоиш кардани худ, худтаърифкунӣ.
**Хоки дар шудан** - қурбон кардани худ дар пешгоҳи дӯст.
**Маънии байт:** Ман ба ғуломони даргоҳи ту намегӯям, ки хоки дари маҳбуба ҳастам. Чокарони даргоҳи ту дар назари ман мартабаи бузургонро соҳиб ҳастанд, аз ин рӯ ин даъвои ман дар хузури онҳо худситоӣ мешавад.
**Ин** маъниро Камол дар мавридҳои дигар низ баён кардааст. Чунончи:

Гуфтамаш: Хоки раҳи туст Камол,
Гуфт: Бигзор худнамоиҳо.

**Байти 4.**
**Гуфтамаш: Дар оби ораз акси рӯятро намо,**
**Гуфт: Ҳар дам худнамоӣ хуш намеояд маро.**

**Ораз – ду бари рӯй, рухсора, рӯй.**
**Оби ораз** -ҳусни латиф, сафои рӯ, фурӯғи чеҳра, тароват ва тозагии чеҳра.

**Маънии байт:** Ба маъшуқа гуфтам, ки дар тароват ва зебоии чеҳраи худ акси зебои хешро бубин ва ё нишон бидеҳ. Ҷавоб дод, ки барои ман худнамоӣ кардан хуш намеояд. «Худнамоӣ» дар ин ҷо иҳом дорад: аввал «худро ба худ намудан», дуюм «худтаърифкунӣ, лофзанӣ».

**Байти 5.**
**Аз лаби лаълат напарҳезам ба даври он ду чашм,**
**Пеши мастон порсоӣ хуш намеояд маро.**

**Лаби лаъл** – лаби чун лаъл сурхранг.

**Даври чашм -** ду чашми пурхумори маъшуқа.

**Мастон** – киноя аз аз ошиқони солик, равандагони ҳақиқат. Ин ҷо киноя аз чашмони маъшуқа низ ҳаст.

**Порсоӣ** – парҳезгорӣ.

**Маънии байт:** Ба даври он ду чашми ту (қасам), ки ман аз лаби лаъли ту парҳез намекунам, зеро дар назди мастон порсоӣ кардан имкон надорад ва писанди хотири ман нест.

**Байти 6.**
**Мункири зуҳдам ба рӯят, то назарбоз омадам,**
**Покбозам ман, дағоӣ хуш намеояд маро.**

**Зуҳд** – гӯшанишинӣ, зоҳидӣ. **Назарбоз** – ошиқи соҳибназар, аҳли назар. **Покбоз** – касе, ки бе макру фанд қимор мебозад; касе, ки то охирин пули худ қимор мебозад. Дар ин ҷо ба маънои росткор, дурусткор, ҳалолкор. **Дағоӣ -**фиребгарӣ, каҷбозӣ, ҳилагарӣ, риёкорӣ.

**Маънии байт:** То замоне, ки ошиқи рӯйи ту гаштам, аз зуҳду гӯшанишинӣ мункир шудам ва рӯй гардонидам. Зеро ман покбоз ҳастам ва макру фиреб писандам нест.

**Байти 6.**
**Сӯфиён гӯянд: «Чун мо хезу дар рақс о, Камол»,**
**Ҳолату ваҷди риёӣ хуш намеояд маро.**

Маънӣ идомаи фикри болост.

**Сӯфӣ** - дарвеш, қаландар, солик; муршид, равандаи роҳи Ҳақ, марди худошинос. **Ваҷд** – ҳолати сӯфиёнаи иборат аз завқу шавқ, хушӣ, шефтагӣ.

**Рақс** - яке аз унсурҳои самоъи сӯфиёна аст, ки дар натиҷаи чарх задан ва ҳаракатҳои бехудона ба ҳолати ғайритабиӣ сӯфиёнро гирифтор месозад ва дар он ҳолат, ки ваҷд меноманд, алоқаи рӯҳонӣ байни вуҷуди солик ва вуҷуди мутлақ ба вуқӯъ мепайвандад (Фарҳанги Камоли Хуҷандӣ).

Шоир ба сӯфиёни худнамою назарфиреб ва соликони бедарди аз сӯзи дарун орӣ ишора кардааст, ки бо риёкорӣ тасаввуфро доми фиребу тазвир карда буданд. Дар ин бора ҷойи дигар мегӯяд:

Дилам аз суҳбати асҳоби тариқат бигирифт,
Раҳбаре, ку, ки расонад ба дари хамморам.

**Маънии байт:** Сӯфиёни риёкор мегӯянд, ки бархезу чун мо ба рақс ой, вале риёкорӣ маро хуш намеояд.

دوست میدارد دلم جور جفای دوست را
دوستتر از جان دهد سر در بلای دوست را

زحمت خود با طبیب مدعی خواهم نمود
تا بسازد چاره درد بی دوای دوست را

چون مراد دوست جان افشاندن است از دوستان
زودتر دریاب جان من رضای دوست را

در هوای او تواند داد عاشق سر به باد
لیک نتواند نهاد از سر هوای دوست را

گر بدل کردی به صد فردوس گرد کوی دوست
رایگان از دست دادی خاک پای دوست را

دست بوس دوست میخواهی بشو دست از دو کون
دست آلوده نشاید مرحبای دوست را

دوستیهای همه عالم بروب از دل کمال
پاک باید داشتن خلوت سرای دوست را

## ҒАЗАЛИ 2

Дӯст медорад дилам ҷавру ҷафои дӯстро,
Дӯсттар аз ҷону сар дарду балои дӯстро.
Заҳмати худ бо табиби муддаӣ хоҳам намуд,
То бисозад чора дарди бедавои дӯстро.
Чун муроди дӯст ҷон афшондан аст аз дӯстон,
Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро!
Дар ҳавои ӯ тавонад дод ошиқ сар ба бод,
Лек натвонад ниҳод аз сар ҳавои дӯстро.
Гар бадал кардӣ ба сад фирдавс гарди кӯи дӯст,
Ройгон аз даст додӣ хоки пои дӯстро.
Дастбӯси дӯст мехоҳӣ, бишӯ даст аз ду кавн,
Дастолуда нашояд марҳабои дӯстро.
Дӯстиҳои ҳама олам бирӯб аз дил, Камол,
Пок бояд доштан хилватсарои дӯстро.

**Байти 1.**
**Дӯст медорад дилам ҷавру ҷафои дӯстро,**
**Дӯсттар аз ҷону сар дарду балои дӯстро.**

Ғазали мазкур аз марғубтарин ғазалҳои орифонаи Камол аст. Дар байти нахуст вожаи «дӯст» чор маротиба омадааст, вале ин такрор фасоҳати каломро аз байн набурда,баръакс ба каломи шоир ҳусни бештаре бахшидааст. «Дӯст» дар шеъри Камол беш аз 300 маротиба омадааст ва бо маъниҳои ёр, рафиқ, ошно, маъшуқ, ошиқ, Ҳақ ва ғайра фаҳмида мешавад. Дар байти мазкур ба маънии маъшуқи азалист, ки ҳамаи ошиқон шефтаи ҷамоли ӯянд. Дар байти зерин «дӯст» ба маъноҳои ёр,рафиқ, Худо, ҳамдам ва маъшуқ истифода шудааст:

Нест маро дӯсттар аз дӯст, дӯст,
Ӯст маро дӯст, маро дӯст ӯст.

Дар ин байт вожаи «**дӯсттар**» ба маънии наздиктар, ҳамдаму мӯнистар, вожаи «**дӯст**»-и аввал ба маънии Ҳазрати Ҳақ ва «**дӯст**»-и охири мисраи аввал ба маънии ёр, рафиқ, дастгир, дар мисраи дуввум ба маъниҳои ҳамдам, ёр ва маъшуқ омадааст.

**Байти 2.**
**Заҳмати худ бо табиби муддаӣ хоҳам намуд,**
**То бисозад чора дарди бедавои дӯстро.**

Калимаи «табиб» дар шеъри Камол наздик дар шаст маврид ба маъниҳои пизишк, дорусоз, дармонсоз, шифодиҳанда, чорагару чорасоз ва киноя аз маъшуқа, ёр ба кор рафтааст. Чунончи:

Гар ёр табиби дарди ман нест,
Дардо, ки умеди зистан нест.

Бо истифодаи ин калима шоир ибораҳои табиби ишқ, табиби ошиқон, табиби шифобахш, табиби ҳозиқ, табиби муддаӣ ва ғайраро офаридааст. **Муддаӣ** – даъвогар.

**Дарди бедаво** – ишқ, яъне дарди бедармон, дарде, ки дармон намепазирад, дар ин ҷо дарди ишқи Ҳақ, ки дар олами имкон дармоне надорад. Дарди бедаво будани ишқро Мавлоно Румӣ чунин баён кардааст:

Эй ишқ, пеши ҳар касе ному лақаб дорӣ басе,
Ман дӯш номи дигарат кардам, ки «дарди бедаво».

**Маънии байт:** Ман аз азобҳое, ки дар роҳи ишқи дӯст кашидаам, бо табиби муддаӣ нақл хоҳам кард, то ин ки дарди бедавои гирифтории маро ба дӯст мушоҳида карда, чорае созад. Бояд гуфт, ки аслан ошиқи ҳақиқӣ намехоҳад, ки дарди ишқро ба табиб

баён созад, ки нолидан аз дарди ишқи маҳбуб худ бедардӣ, яъне ошиқи ҳақиқӣ набудан аст:

Ҳоли дарди худ муҳиб ҳаргиз нагӯяд бо табиб,
Сахт бедардӣ бувад нолидан аз дарди ҳабиб.

Вале дар ин ҷо табиб муддаӣ аст, яъне даъвои бебунёди табобат кардани дарди ошиқро дорад.

**Байти 3.**
**Чун муроди дӯст ҷон афшондан аст аз дӯстон,**
**Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро!**

***Ҷон афшондан*** - қурбон шудан, ҷонсупорӣ, ҷон супурдан. Ба маънои ирфонӣ фанои зоти поки Худо гаштан, ба мақоми баланди тасаввуфӣ – фано фӣ Аллоҳ расидан. Ҷойи дигар Камол мегӯяд:

Дорӣ, Камол, ҷоне, бар дӯст он барафшон,
Ошиқ ҷаве наярзад, гар ҷонфишон набошад.

**Маънои байт:** Дӯсти ҳақиқӣ, яъне Ҳақ аз дӯстон танҳо ҷонафшонӣ, яъне қурбон шудан ва садоқат мехоҳад. Бинобар ин, шоир бо хитоб ба ошиқ мегӯяд: Эй ҷони ман, зудтар ризои дӯстро дарёб ва худро дар ин роҳ қурбон соз, то ба мақсуд бирасӣ.

**Байти 4**.
**Дар ҳавои ӯ тавонад дод ошиқ сар ба бод,**
**Лек натвонад ниҳод аз сар ҳавои дӯстро.**

**Ҳаво** – орзу, майл, ҳавас, иштиёқ. «**Ҳаво»-**и дуюм ба маънои ишқ, муҳаббату дӯстӣ.

**Маънои байт:** Ошиқи ҳақиқӣ дар орзуи ишқи дӯсти ҳақиқӣ метавонад сари худро ба бод диҳад, аммо наметавонад аз сар ҳавои дӯст, яъне ҳаваси дидор ва

ишқу муҳаббати дӯстро берун андозад, зеро барои ошиқ давлати васли Ҳақ аз ҳама чиз боарзиштар аст:

Васли ӯ монда, чаро давлати дунё талабед?
Давлатеро, ки беҳ аз дунйиву уқбо талабед.

**Байти 5.**
**Гар бадал кардӣ ба сад фирдавс гарди кӯи дӯст,**
**Ройгон аз даст додӣ хоки пои дӯстро.**

**Маънии байт:** Хоки кӯи дӯст он қадар арзиши баланд дорад, ки агар ту гарде аз онро ба сад фирдавс иваз кардӣ, бидон, ки онро ройгон аз даст додаӣ.

Аз ибораи «хоки пои дӯст» мурод остони дӯст аст, ки агар ошиқ хаёли хоки пои дӯстро бар сар дошта бошад, соҳибкулоҳ, яъне подшоҳ аст:

Хаёли хоки пои ӯ гадоро
Агар дар сар бувад, соҳибкулоҳ аст.

**Байти 6.**
**Дастбӯси дӯст мехоҳӣ, бишӯ даст аз ду кавн,**
**Дастолуда нашояд марҳабои дӯстро.**

**Дастбӯсӣ кардан** *кинояаз* наздикӣ ҷустан, изҳори ихлосу иродат кардан ба касе.

*Дарюзаи дастбӯс кардам,*
*Дастам бигирифту бар даҳон зад.*

**Даст аз ду кавн шустан** дар *истилоҳи аҳли тасаввуф* тарк намудани ду олам ба хотири пайвастан ба Ҳақ аст.

**Дастолуда** – касе, ки ба дунё ва лаззатҳои он дилбастагӣ дорад; *маҷ.* нопок, гунаҳкор.

**Маънии байт:** Агар мехоҳӣ мӯниси дӯст бошӣ, аз ҳар ду олам даст бишӯй, зеро касе, ки ба дунё ва

лаззатҳои он дилбастагӣ дорад, шоистаи қабули даргоҳи дӯст намебошад.

**Байти 7.**
**Дӯстиҳои ҳама олам бирӯб аз дил, Камол,**
**Пок бояд доштан хилватсарои дӯстро.**

**Дӯстиҳои олам** – дилбастагӣ ва муҳаббат ба алоиқи дунё. **Хилватсарои дӯст** – дил.

**Пок доштани хилватсаро -** дилро аз ҳирсу оз, бухлу кина ва дигар ғаразҳои олами имкон пок сохтан ва ба он сафо бахшидан.

**Маънии байт:** Камол, дӯстиҳои тамоми оламро аз дил бирӯб, яъне дилатро мусаффо гардон ва ҳавасҳоро аз дил берун андоз. Дили ту он гоҳ метавонад софу покиза бошад, ки дар он ба ҷуз муҳаббати Ҳақ чизе мавҷуд набошад.

گر به جُستن یافتی گشتی یار ما
غیرِ جویای نبودی کارِ ما

گر شدی دیدارِ او دیدن بخواب خواب جُستی دیدهٔ بیدار ما
گر به داغش سینه زخمی یافتی یافتی مرهم دل افگارِ ما
کس دوای ما و دردِ ما نیافت چند می جوید طبیب آزارِ ما
جان و سر در حلقهٔ سودای او گر به هیچ ارزد زهی بازارِ ما
هر حکایت کز لبِ او میکنم بوی جان می‌آید از گفتارِ ما

یار چون بشنید گفتارِ کمال
گفت مولانای و عطارِ ما

## ҒАЗАЛИ 3

Гар ба ҷустан ёфт гаштӣ ёри мо,
Ғайри ҷӯёӣ набудӣ кори мо.
Гар шудӣ дидори ӯ дидан ба хоб,
Хоб ҷустӣ дидаи бедори мо.
Гар ба доғаш сина захме ёфтӣ,
Ёфтӣ марҳам дили афгори мо.
Кас давои мову дарди мо наёфт,
Чанд меҷӯяд табиб озори мо?!
Ҷону сар дар ҳалқаи савдои ӯ
Гар ба ҳеч арзад, зиҳӣ бозори мо!
Ҳар ҳикоят, к-аз лаби ӯ мекунам,
Бӯи ҷон меояд аз гуфтори мо.
Ёр чун бишнид гуфтори Камол,
Гуфт: Мавлоноиву Аттори мо.

**Байти 1.**
**Гар ба ҷустан ёфт гаштӣ ёри мо,**
**Ғайри ҷӯёӣ набудӣ кори мо.**

Мавзӯи ғазали мазкур ишқӣ буда, аз шумори ғазалҳои ирфонии Шайх Камол аст, ки дар ҳамоҳангии андешаи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва Шайх Аттор суруда шудааст ва Шайх Камол дар мақтаъ низ ба ин матлаб ишораи равшан намудааст.

Дар ғазали мазкур як даста калимаҳо бо ҳам иртиботи маъноӣ доранд. Аз ҷумла, *ёфтан - ҷустан, хоб-бедорӣ, доғ-захм-марҳам, сина-афгор, даво- табиб, дард-озор, савдо- бозор, ҷон-сар, ҳикоят-гуфтор- лаб, ёр-Камол, Мавлоно-Аттор.*

Дар байни калимаҳои овардашуда, ки бори маънӣ мекашанд, ягон мафҳуми душвор вуҷуд надорад ва дар атрофи ҳамин калимаҳо Шайх Камол маънисозӣ кардааст.

Мурод аз «ёр» маъшуқи ҳақиқӣ ва азалӣ аст, ки ошиқ ҳамеша ҷӯёи вай аст, вале танҳо бо ҷустан ин ёрро ёфтан имкон надорад. Шайх Камол мегӯяд: "Агар ёрро ба ҷустан дарёфтан мумкин буд, мо ба ғайр аз ҷустан дигар коре намекардем". Ба андешаи орифон барои дидани ӯ нахуст мебояд зангори дилро аз гарди «мо сиво» тоза кунад.

Камолуддини Хоразмӣ дар мавриди мушоҳидаи ҷамоли бечуни Ҳақ мегӯяд: "Агар мушоҳидаи ҷамоли бокамоли подшоҳи ҳақиқӣ ва маҳбуби аслиро, ки ҳафтод ҳазор ҳиҷоби нуру зулмат фурӯ гузоштааст, ба ҳақиқат талаб мекунӣ ва таманнои лиқои ӯ дорӣ, оинаи дилро, ки ба зангори тааллуқоти "мо сиво" тира кардаӣ, ба зикри Ҳақ мусайқал ва мусаффо соз" (Камолуддини Хоразмӣ. "Ҷавоҳир-ул-асрор". Теҳрон, 1387. саҳ. 181). Ин маъниро Шайх Аттор дар "Мантиқ-ут-тайр" чунин баён кардааст:

*Гар ту медорӣ ҷамоли ёр дӯст,*
*Дил бидон, к-ойинаи дидори ӯст.*
*Дил ба даст овар, ҷамоли ӯ бубин,*
*Оина кун ҷон, ҷалоли ӯ бубин.*
*Гар туро пайдо шавад як фатҳи боб,*
*Дар даруни зарра бинӣ офтоб.*
*Соя дар хуршед гум бинӣ мудом,*
*Худ ҳама хуршед бинӣ, вассалом.*[2]

**Байти 2.**
**Гар шудӣ дидори ӯ дидан ба хоб,**
**Хоб ҷустӣ дидаи бедори мо.**

[2] **(Аттори Нишопурӣ. "Мантиқ-ут-тайр". Ба эҳтимоми С. Гавҳарин, саҳ. 63).**

Дар луғатҳо хоб маҷозан ифодагари ғафлат, бехабарӣ аст. Аз тарафи дигар, барои бархе аз авлиёуллоҳ ҳақиқати илоҳӣ дар хоб зоҳир мегардид.

Маънии байт: «Агар дидани дидоди дӯст ҳатто ба хоб ҳам ба мо муяссар мегардид, ин дидаи бедори мо ба ғайр аз хоб чизи дидгареро таманно намекард». Дар ин байт таносуби калом байни калимаҳои «дидор», «дидан», «хоб» ва «бедорӣ» барқарор аст.

**Байти 3.**
**Гар ба доғаш сина захме ёфтӣ,**
**Ёфтӣ марҳам дили афгори мо.**

**Доғ** – нишонаҳое сиёҳтоб дар пӯсти рӯи инсон, ки бо иллате пайдо мешаванд, дар ин ҷо киноя аз оташи савдо ва сӯзу гудози ишқ.

**Захм ёфтани сина** – захмӣ гаштан, маҷрӯҳ шудан, ҷароҳат бардоштани дил аз тири ишқ мебошад, зеро сина ба маънои ниҳод, замир, қалб ва маъвои дил аст ва ишқ дар дил ҷойгир мешавад.

**Марҳам ёфтан** – даво ёфтан; шифо ёфтан, сиҳатманд шудан. Шоир мегӯяд: «Синаи мо холӣ аз дарди ишқ аст ва агар тири ишқи ӯ ба дили мо роҳ меёфт ва дили моро захмӣ мекард, ин айни шифо ёфтани дили мо мебуд. Пас маълум мегардад, ки Камол дили холӣ аз ишқро дил намешиносад ва таъкид мекунад, ки «ишқ бар тинати дилҳо намак аст». Камол ҷойи дигар мегӯяд:

Дил мекашад ба доғи ту ҳар лаҳза синаро,
Доғе бикаш ба сина ғуломи каминаро.

Гузашта аз ин, Шайх Камол дилеро, ки аз ишқ холӣ аст, фигор медонад. Ҷойи дигар Шайх Камол таъкид мекунад, ки ишқ ҳамчун доғи сӯзанда ҳеч дармоне надорад ва дили ошиқро то абад месӯзонад:

*Камол, ин догро сурат набандад марҳаму дармон,*
*Чу ин доғ аз азал омад, бисӯзад то абад моро.*

Аз нигоҳи Камол доғи ишқ нишонаи давлат ва шавқу иштиёқи ошиқ ба васли маъшуқ аст:
*Доғи ишқат бар рухи ҷонон нишони давлат аст,*
*Ҳар кӣ маҳрум аст аз ин давлат, сазои меҳнат аст.*

**Байти 4.**
**Кас давои мову дарди мо наёфт,**
**Чанд меҷӯяд табиб озори мо?!**

Ҳеч касе давои дарди моро наёфт ва табиби зоҳирбин низ, ки дар илоҷи дарди мо дармонда аст, бо кӯшишҳои бесуд моро гирифтори озор кардааст. Дар шинохти табибони дунявӣ ва ухравӣ Мавлоно Румӣ зимни муқоиса мегӯяд:

Он табибони табиат дигаранд,
Ки ба дил аз роҳи набзе бингаранд.
Он табибонро бувад бавле далел,
В-ин далели мо бувад ваҳйи ҷалил. (дафтари 3)

Барои шинохти дарди ошиқ табибе дигар мебояд, ки ба гуфти Мавлоно:

Ин табибонро ба ҷон банда шавед,
То ба мушку анбар оканда шавед

Бояд гуфт, ки масъалаи дарди ишқ ва табиб дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ баҳсҳои аҷибе дар пай дорад.
Камол дарди ишқ кашиданро беҳтар аз дармони табиб медонад ва ҷойи дигар мегӯяд:

Ҳазор дард кашем аз ту беҳ, ки нози табиб,
Ки дарди дӯст беҳ аз шарбати ҳазор Масеҳ.

Вале ошиқ нолидан аз дард ва ҷаври маъшуқро сахт бедардӣ медонад:

Ҳоли дарди худ муҳиб ҳаргиз нагӯяд бо табиб,
Сахт бедардӣ бувад нолидан аз ҷаври ҳабиб.

Аз ин рӯ, аз табиб илтиҷо мекунад, ки дарди ӯро зуд дармон накунад, беҳтар он аст, ки табиб ошиқи беморро дер-дер пурсад, зеро ин дард дарди ширин аст:

Дарди дилам табиб, гӯ, зуд макун муолаҷат,
Пурсиши дер-дери ту беҳ зи шифои оҷилам.

Бедаво будани дарди ишқ, дарди ширин будани он дар таълимоти Мавлоно Ҷалолуддин ва Шайх Аттори Нишопурӣ низ ба гунаҳои мухталиф инъикос ёфтааст.

Камол ҷойи дигар бо ибораи «ин навъи бемор**ӣ**», маҳз ба дарди ишқ ишора мекунад, ки табобати онро табибони ҷисмонӣ бо ҳикмат наметавонанд, анҷом диҳанд:

Ба наздики табиб аҳволи дарди хеш мегуфтам,
Вале ӯ чораи ин навъи беморӣ намедонад.

Вале дар ин шеър табиби ошиқ маъшуқа аст, ки дар байти аввали ҳамин ғазал бо ибораи «ёри мо» баён ёфта, танҳо ӯ метавонад ошиқро аз беморӣ раҳоӣ бахшад. Камол дар мавридҳои дигар низ ёрро табиби дарди худ хондааст:

Гар ёр табиби дарди ман нест,
Дардо, ки умеди зистан нест.

**Байти 5.**
**Ҷону сар дар ҳалқаи савдои ӯ**
**Гар ба ҳеч арзад, зиҳӣ бозори мо!**

**Савдо** – яке аз аносири чаҳоргонаи бадан (сафро, балғам, хун, савдо) буда, дар ин ҷо ба маънои гирифторӣ ба ишқу муҳаббат аст.

**Бозор** – баёнгари иштиёқ ва савдои ишқ аст.

**Ҳеч** – нестӣ, адам ва дар истилоҳи ирфонӣ «фано шудан дар ҳастии мутлақ барои расидан ба асли худ ва бақои абадӣ» мебошад, ки ҷавҳари таълимоти Шайх Аттор ва Мавлоно Ҷалолуддини Румиро ташкил додааст.

Азбаски ғазали мазкур дар пайравии андешаҳои Шайх Аттор ва Мавлоно баён гардидааст, ин ҷо ишора ба ҳамин таълимот аст.

**Маънии байт:** Агар ман дар савдои ишқу муҳаббати маъшуқи азалӣ ба мартабаи нестӣ (ҳеч) расидам, ин камоли мақсуди ман аст.

**Байти 6.**
**Ҳар ҳикоят, к-аз лаби ӯ мекунам,**
**Бӯи ҷон меояд аз гуфтори мо.**

**Ҳикоят** – қисса, нақл, ривоят, достон. ***Ҷон*** – киноя *аз* лаби маъшуқа ба ваҷҳи он ки лаб аз нигоҳи аҳли ирфон мурод аз таҷаллии сифати сухани Ҳақ аст ва сухани Худо ба солик ба ҳукми ҷон аст (Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ).

**Бӯи ҷон омадан** хабари ҷонбахш, муждаи зиндагӣ, хабари васл омадан.

**Маънии байт:** Ман ҳар сухане, ки мегӯям, каломи худи ман нест, балки таровиши калом аз лаби ҷонбахши ӯст. Аз ин рӯ, аз гуфтори ман роиҳаи хабари ҷонбахши васл меояд.

**Байти 7.**
**Ёр чун бишнид гуфтори Камол,**
**Гуфт: Мавлоноиву Аттори мо.**

Байти мазкур баёнгари таваҷҷуҳ ва иродати Шайх Камол ба орифони бузург Аттори Нишопурӣ ва Мавлоно мебошад. Дар байти мазкур шоир ба таври равшан ишора мекунад, ки аз тарзи сухани ин ду бузурги олами ирфон баҳра бардоштааст.

Сӯфиён маст шуданд аз суханони ту, Камол,
Ки дар анфоси ту бӯйи сухани Аттор аст.

**Маънии байт:** Чун маъшуқа гуфтори мо, яъне маро (ё ин ғазалро) бишнид, гуфт: Ту Мавлоно ва Аттори мо ҳастӣ. Яъне, дар ин байт Камол ишора бар он дорад, ки дар ғазалсароӣ пайрави Мавлоно ва Аттор аст ва каломаш бо каломи Мавлоно ва Аттор баробар аст.

بجهانی نیرز مقصود ست رای روشن پیدا
دریغا تشنه لب خواهیم مردن بر لب دریا

کسی کز طلعت خورشید جز گرمی نمی بیند
دلا معذور میدارش که دارد چشم نابینا

به بوی وصل جان می خور غم هجران که خوش باشد
کشیدن زحمت خار از برای حسرات خرما

جناب عشق بس عالیست موسی همتی باید
که نتوان بر چنین طوری شدن بی همت والا

چو با خود همسفر یابی درین ره بارها آفتی
که بارت آبگینه ست رهت پر خار پر خارا

گرت دانستن علم حروفست آرزو صوفی
نخست افعال نیکو کن چه سود از خواندن اسما

ز چشم زلف او عاشق کجا یابد حضور دل
که در هر گوشهٔ فتنه ست در هر حلقهٔ غوغا

ز خورشید جمال او شب زنده دلان روشن
به دور قد او بگرفت کار عاشقان بالا

مگو کار باب دل رفتند شهر عشق شد خالی
جهان پر شمس تبریز ست مردی کو چو مولانا

به کنج ایمنی نتوان نشست از چشم زلف وی
که در هر جا تنی شورست در هر خانهٔ یغما

به نااهل ار نشان دادی کمال از خاک درگاهش
کشیدی کحل بینایی ولی در دیدهٔ اعما

# ҒАЗАЛИ 4

Ҷаҳоне пур зи мақсуд асту роҳе равшану пайдо,
Дареғо ташналаб хоҳем мурдан бар лаби дарё.
Касе, к-аз талъати хуршед ҷуз гармӣ намебинад,
Дило, маъзур медораш, ки дорад чашми нобино.
Ба бӯи васли ҷон мехӯр ғами ҳиҷрон, ки хуш бошад,
Кашидан заҳмати хор аз барои роҳати хурмо.
Зи хуршеди ҷамоли ӯ шаби зиндадилон равшан,
Ба даври қадди ӯ бигрифт кори ошиқон боло.
Магӯ, к-арбоби дил рафтанду шаҳри ишқ шуд холӣ,
Ҷаҳон пур Шамси Табрез аст, марде ку чу Мавлоно.
Ба кунҷи эманӣ натвон нишаст аз чашму зулфи ӯ,
Ки дар ҳар гӯшае шӯр асту дар ҳар хонае ғавғо.
Ба ноаҳл ар нишон додӣ, Камол, аз хоки даргоҳаш,
Кашидӣ кӯҳли биноӣ, вале дар дидаи аъмо.

**Байти 1.**

**Лаби дарё** – яъне дарёи мақсуд**.** Агар ба чашми ҳақиқат бингарӣ дар дунё барои амалӣ сохтани орзую ниятҳоят роҳҳои равшану ошкор зиёданд, ҷаҳон барои ба амал баровардани мақсуди дили ту тамоми васоилро фароҳам овардааст, танҳо мебояд ин васоилро шинохт ва ба мақсуди хеш дастрасӣ пайдо кард. Вале инсон бинобар нашинохтани асли воқеаҳо дар канори манзили мақсуд ҳайрону музтарибаҳвол аст, мисоли он ташналаб аст, ки барои рафъи аташ аз канори рӯди хушобе мегузарад, вале ҳатто аз сабзаҳои канори дарё ҳам, ки нишонаи мавҷудияти об аст, пай намебарад, ки дар ин ҷо оби хушгуворе ҳаст. Ин байт ишора ба баёни машраби пайравони ваҳдати вуҷуд аст, ки холиқ ва маъшуқи азалиро дар ҳама ҷо ҳозиру нозир мебинанд, вале онҳое, ки аз ин машраб бебаҳраанд, дар канори дарёи мақсуд ташнакоманд.

**Байти 2.**

**Касе, к-аз талъати хуршед ҷуз гармӣ намебинад,**
**Дило, маъзур медораш, ки дорад чашми нобино.**

Ин байт тақвиятбахши байти болост. Офтоб дар баробари он ки манбаи гармӣ аст, инчунин тимсоли нуру покиву сафо, равшанию оламоройӣ, рахшандагӣ, зебоӣ ва сифатҳои дигаре низ ҳаст. Аммо чунин сифатҳои офтобро на ҳама дида ва эҳсос карда метавонанд. Масалан, баъзе инсонҳо аз тамоми авсофи офтоб танҳо гармии онро дар вуҷуди хеш эҳсос мекунанду халос. Инчунин касон маъзур ҳастанд, зеро дидаи нобино доранд ва наметавонанд ба дарки ҳақоиқи ботинии офтоб пай баранд. Ҳосили байт: Он касе, ки аз Офтоб ба ғайр аз гармӣ чизи дигаре, масалан равшании ӯро эҳсос намекунад, маъзур аст, зеро ӯ кӯр аст ва қобилияти дарки равшаниро надорад.

**Ба бӯи васли ҷон мехӯр ғами ҳиҷрон, ки хуш бошад,**
**Кашидан заҳмати хор аз барои роҳати хурмо.**

«Васли ҷон» - ро метавон ба ду маънӣ фаҳмид:

1) Висоли ёр ва маъшуқаи заминӣ, ки дар ин сурат метавон барои байт маънии ишқи заминиро баён намуд;

2) Ба маънии ирфонӣ, ки пайвастани рӯҳ ба асли хешро ифода мекунад.

Яъне, ба хотири дарёфтани давлати васли ҷонон таҳаммул кардан ва ғами ҷудоӣ кашидан бисёр ширин аст, зеро ҷудоӣ ва ҳиҷрон дар пай висолро дорад. Ончунон ки барои хӯрдани хурмои ширин мебояд заҳмати хорро таҳаммул кард, ҳамин тавр ошиқ мебояд лаззати ғами ҳиҷронро ба хотири висол бо хушнудӣ бипазирад.

Мурод аз «хор» душман ва рақиб аст.

Камол дар ҷойи дигар лаззат бурдан аз ҷаври душманонро чунин баён кардааст:

Мову ҷаври душманон бурдан, ки дорад лаззате,
Ҳар чи баҳри дӯст бар ҷон аз дилозорон расад.

**Зи хуршеди ҷамоли ӯ шаби зиндадилон равшан,**
**Ба даври қадди ӯ бигрифт кори ошиқон боло.**

**Зиндадилон** – дар ин байт ба маънои ошиқон ва дилбастагони маъшуқ буда, дар шеъри Камол се маънӣ дорад:

**1)** равшанзамирон, бедордилон.

**2)** шабзиндадорон, онон, ки ба дуову ниёиши шабона машғуланд.

Шаби қадр аст, марав, эй дили ҳақдида, ба хоб,
Ки сари зиндадилон ҳайф бувад бар болин.

**3)** мурод аз риндон, аҳли тасаввуф, сӯфиёни бедордил.

Хоҳӣ, ки пеши зиндадилон муҳтарам шавӣ,
Дар майкада муҷовири байтулҳаром бош!

Муқобили **«мурдадилон»-** онҳое, ки дар дилашон аз партави асрор нуре нест. Зеро онҳое, ки дар хобанд, аз асрори хастӣ бехабаранд:

Хуфтаи субҳи азал рафт паси пардаи хоб,
То шабонгоҳи азал зиндадилон бедоранд.

Хулоса, аз анвори хуршеди талъати маъшуқ дили зиндадилон равшан аст ва онҳое, ки ҷилваи қадди ӯро мушоҳида мекунанд, ҳамеша дар масаррат ва шодӣ ба сар мебаранд.

**Магӯ, к-арбоби дил рафтанду шаҳри ишқ шуд холӣ,**
**Ҷаҳон пур Шамси Табрез аст, марде ку чу Мавлоно.**

Шоир онҳоеро, ки дар байти боло «зиндадилон» меномад, дар ин байт «арбоби дил» хондааст. Яъне, ту гумон мабар, ки аҳли дил ҳама рафтаанд ва шаҳри ишқ аз ҳузури онҳо холӣ шудааст. Агар ба дидаи тафаҳҳус бингарӣ чунин инсонҳо зиёданд, танҳо мебояд вуҷуди онҳоро бо чашми дил мушоҳида кард ва ононро шинохт. Магар дунё аз вуҷуди онҳое, ки мисли Шамси Табрезӣ ҳастанд, холист? Аммо марде мисли Мавлоно Ҷалолуддин мебояд, ки ҳақиқати вуҷуди Шамсро бишносад. Ин ҷо ишора ба бархӯрди Мавлоно бо Шамси Табрезӣ аст, зеро Шамси Табрезӣ, ки худ дарвеши шӯридаи бесару сомоне буд, таваҷҷуҳи Мавлоноро аз баҳсу дарс ва беҳосилии илме, ки аз қилу қоли мадраса ҳосил мешуд, ба сӯи кашфу завқ кашонид. Дар робита ба ин масъала бояд гуфт, ки худи Шамс низ дар талаби марде мисли Мавлоно буд ва ҳамеша толиби чун ӯе буд, ончунонки то замони бархӯрд бо Мавлоно боре рӯй ба ҷониби Офаридгор дошт ва гуфт:

«Худовандо! Мехоҳам, ки аз мастурони маҳбуби худ якеро ба ман бинмойӣ». Хитоби иззат даррасид: «Ончунон шоҳиди мастур ва вуҷуди пурҷуди мағфур, ки истидъо мекунӣ, ҳамоно, ки фарзанди дилбанди султонулуламо Баҳоувалади Балхӣ аст».

Гуфт: «Худоё, дидори мубораки ӯро ба ман бинмой!». Ҷавоб омад, ки: «Шукрона чӣ медиҳӣ?». Фармуд, ки: «Сарро!».

Илҳом омад, ки: «Ба иқлими Рум рав, то ба мақсуд ва матлуби ҳақиқӣ бирасӣ». Шамс камари ихлос дар миёни ҷон баста, ба сидқи тамом ва ишқи азим ҷониби мулки Рум равона шуд».

**Ба кунҷи эманӣ натвон нишаст аз чашму зулфи ӯ,**
**Ки дар ҳар гӯшае шӯр асту дар ҳар хонае ғавғо.**

Ин байтро метавон аз ду дидгоҳ таҳлил кард: **Маънии аввал:** Агар мухотаби шоир маъшуқаи заминист, пас мегӯяд: Аз ҷилваҳои маъшуқ ва зебоии чашму зулфи дилкаши ӯ касе наметавонад дар кунҷе орому қарор дошта бошад, зеро ҳусни маъшуқа дар ҳар гӯшае шӯр ва дар ҳар хонае ғавғо афкандааст. Яъне васфи ҷамоли шӯрангези ӯро метавон дар ҳар кӯҷо шунид. Камол дар ғазалиёти хеш на танҳо аз чашму зулфи маъшуқа, балки аз лабу даҳону дилу рӯй, рухсор ва ғайра низ сухан гуфтааст:

Рӯйи гандумгун намуду ҷони мо як ҷав фурӯхт,
Аз чӣ шуд ёр инчунин гандумнамои ҷавфурӯш?

**Маънии дуюм:** «Чашм»-у «зулф» иборат аз таҷаллии зоти Ҳақ аст, ки дар камоли ҳар зарра ҷой дорад ва дар тамоми заррот партав афкандааст.

Камол чашму зулфу холу хатро дар шеъри худ зиёд истифода намудааст. Чунончи:

Ду чашму ду абрӯву зулфат гувост,
Ки нақши ту дар нарди хубӣ шаш аст.

**Ба ноаҳл ар нишон додӣ, Камол, аз хоки даргоҳаш,**
**Кашидӣ кӯҳли бинойӣ, вале дар дидаи аъмо.**

**Ноаҳл** – маруми паст, пастҳиммат. Дар шеъри Камол ин мафҳум зиёд истифода мегардад:

Нест моро сари Тӯбову таманнои биҳишт,
Шеваи мардуми ноаҳл бувад ҳиммати паст.

Низ:

Пеши ноаҳлон чӣ ҳосил зикри пурдонӣ, Камол,

Донаи гавҳар чӣ резӣ мурғи арзанхорaро.

**Аъмо** – нобино, кӯр. *«Хоки даргоҳаш»*- хоки даргоҳи дӯст, асрори Ҳақ. Ба ноаҳл ифшо кардани асрори ҳақиқат ба он монанд аст, ки дар дидаи аъмо сурма кашида шавад, яъне ин кори беҳуда аст, зеро ба гуфти Мавлонои Румӣ на ҳар касе маҳрами ин асрор аст:

Маҳрами ин ҳуш ҷуз беҳуш нест,
Мар забонро муштарӣ ҷуз гӯш нест.

Пайвандҳои рӯҳонии андешаҳои Мавлоно ва Камоли Хуҷандиро дар ҳамин маънӣ равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Румӣ аз кушодани асрор дар назди ноаҳлон ба хотири налағзидани хотири онон парҳез мекунад, зеро асрори ҳамчун теғи пӯлод тез барои онҳое, ки сипари фаҳму идрок ва омодагӣ надоранд, зиёновар аст:

Шарҳи инро гуфтаме ман аз маре,
Лек тарсам то налағзад хотире.
Нуктаҳо чун теғи пӯлод аст тез,
Гар надорӣ ту сипар вопас гурез.
Пеши ин алмос бе испар маё,
К-аз буридан теғро набвад ҳаё (1, 690-693)

علم و تقوی سربسر دعویست معنی دیگرست
مرد معنی دیگر و میدان دعوی دیگرست

عاشق ار آمد به کوشش دنیی و عقبی نخواست — جانب طور آمدن مقصود موسی دیگرست

حسن مهرویان چه می ماند به روی یار ما — پرتو مه دیگر و نور تجلی دیگرست

از درش تا روضه فرق است از زمین تا آسمان — خاک این کو دیگر و فردوس اعلی دیگرست

گرچه پرهیز از بهشت و حور هست از شرع دور — در روایت دیدم این فتوی است تقوی دیگرست

چشم بر فردا منه چون زاهدان دیدار را — بر کشا امروز چشمی کار اعمی دیگرست

گر دلت بشکست دلبر مستی افزون کن کمال
کز شکست جام مجنون قصد لیلی دیگرست

## ҒАЗАЛИ 5

Илми тақво сар ба сар даъвист, маъно дигар аст,
Марди маънӣ дигару майдони даъво дигар аст.
Ошиқ ар омад ба кӯяш, дунйиву уқбо нахост.
Ҷониби Тур омадан мақсуди Мӯсо дигар аст.
Ҳусни маҳрӯён чӣ мемонад ба рӯи ёри мо,
Партави маҳ дигару нури таҷалло дигар аст.
Аз дараш то равза фарқ аст аз замин то осмон,
Хоки ин кӯ дигару фирдавси аъло дигар аст.
Гарчи парҳез аз биҳишту ҳур ҳаст аз шаръ дур,
Дар ривоят дидам ин фатвост, тақво дигар аст.
Чашм бар фардо манеҳ чун зоҳид он дидорро,
Баркушо имрӯз чашме, кори аъмо дигар аст.
Гар дилат бишкаст дилбар, мастӣ афзун кун Камол,
К-аз шикасти ҷоми Маҷнун қасди Лайло дигар аст.

**Байти 1.**
**Илми тақво сар ба сар даъвист, маъно дигар аст,**
**Марди маънӣ дигару майдони даъво дигар аст.**

Байт дар баҳси сурату маънист. **Тақво** гӯшанишинӣ ба хотири риёзат ва ибодат. Шоир мегӯяд: Онҳое, ки зоҳиран ба ибодату гӯшанишинӣ машғуланд, ин кори онҳо танҳо риёкорӣ кардан ва зуҳди беҳосил фурӯхтан аст, зеро асли маънии тақво дигар аст. **Марди маънӣ** – марди маънишинос, хирадманд, сохибназар, донандаи роз, аҳли тасаввуф. Камол дар ҷойҳои дигар низ аз баҳси сурату ботин сухан ба миён меорад ва таъкид мекунад, ки «Ту то суратпарастӣ аҳли маъниро чӣ медонӣ// Ба чашми аҳли маънӣ метавон дид аҳли маъноро». Яъне, аҳли маъниро бо зоҳирпарастӣ ва зоҳирбинӣ маърифат кардан имкон надорад. **Майдони даъво** – маконе, ки ҳар солике метавонад иддаои хешро ба субут расонад, имтиҳонгоҳ. **Маънии байт:** Яъне, инсон набояд бо амалҳои зоҳирӣ хешро маҳрами роз

нишон диҳад, зоҳирпарастӣ ва нишон додани тақводории зоҳирӣ иддао асту бас, боқӣ чизе нест, мардони ин роҳ аз рохи ботин ба асли ҳақикат роҳ мечӯянд ва майдони даъвии онҳо низ ба ҷой овардани ибодати зоҳирӣ намебошад. Чунончи, Мавлоно мегӯяд:

Ин ҷаҳон маҳдуду он худ беҳад аст,
Нақшу сурат пеши он маънӣ садд аст.

**Байти 2.**
**Ошиқ ар омад ба кӯяш дунйиву уқбо нахост.**
**Ҷониби Тур омадан мақсуди Мӯсо дигар аст.**

**Дунйӣ** – дунёи зоҳир мурод аст. **Уқбо** – охират. **Тур** – кӯҳест, ки Мӯсо ба он ҷо ба дидори Ҳақ шитофта буд. Ин ҷо аз «Тур» зоҳири ашё мурод аст. Достони ба кӯҳи Тур ба дидори Худованд шитофтани Мӯсо маъруф аст, ки Мӯсо мехост он ҷо бо Худо мулоқот кунад. Вале тоби анвори Илоҳиро дар кӯҳи мазкур таҳаммул накард ва беҳуш афтод.

**Маънии байт:** Воқеан, ошиқи ҳақиқӣ агар рӯй ба даргоҳи Ҳақ оварад, на ба умеди подош аст, балки мақсуди ӯ дигар аст. Чунончи, ба кӯҳи Тур омадани Мӯсо ба хотири Тур набуд, ба хотири дидор буд.

**Байти 3.**
**Ҳусни маҳрӯён чӣ мемонад ба рӯи ёри мо,**
**Партави маҳ дигару нури таҷалло дигар аст.**

Дар абёти боло байни мафҳумҳои «маъно» ва «тақво» ва «дунё» ва «уқбо» муқоиса сурат гирифта буд, дар байти мазкур ин муқоиса байни «маҳрӯён» ва «ёри мо», «партави маҳ» ва «нури таҷалло» идома меёбад, ки яке ҷанбаи зоҳирӣ ва дигаре ҷанбаи маънавӣ доранд.

**Маҳрӯён** – хубон, зеборухон, маъшуқ. **Ёр** – мурод Ҳақ аст. **Таҷалло** – ошкор шудан, ҷилва кардан. «Таҷалло» ин ҷо ба маънии ирфонист, таҷаллии нури Ҳақ аст. Чунонки дар достони таҷаллии нури Ҳақ ба кӯҳи Тур омадааст: «Ҳақ гуфт: Ба кӯҳ нигар агар он тоби таҷаллии маро дошта бошад, пас ту ҳам метавонӣ бубинӣ…».

**Маънии байт:** Ёри мо беназиру бемонанд аст ва рӯйи ӯро бо ҳусни маҳрӯён-(и заминӣ) қиёс кардан наметавон. Инчунин, партави маҳ танҳо инъикоси анвори офтоб аст, вале нури таҷалло асли кавну макон (олам) аст.

**Байти 4.**
**Аз дараш то равза фарқ аст аз замин то осмон,**
**Хоки ин кӯ дигару фирдавси аъло дигар аст.**

**Равза -** боғ, сабзазор. Дар шеъри Камол ба маънои боғи биҳишт, фиравси аъло, бӯстони ҷаннат низ фаровон ба кор рафтааст.**Фирдавс** – номи яке аз боғҳои биҳишт аст. **Фирдавси аъло низ** биҳишти барин, ҷаннат, боғи биҳишт гуфтан аст. **Дараш** – дари дӯст (яъне Ҳақ).

**Маънои байт:** Аз даргоҳи дӯст то боғи биҳишт фарқ аз замин то осмон аст, зеро хоки кӯи ӯ аз фирдавси аъло тафовут дорад, яъне беҳтар аст. Камол дар ҷойҳои дигар низ хоки кӯи дӯстро аз равзаи фирдавс боло гузоштааст:

Бигзашт Камол аз Ираму равзаи фирдавс,
То роҳи гузар ёфт ба хоки саре кӯе.

Шоир гоҳо ҳиммати аҳли дил, яъне ҳиммати соҳибдилонро болотар аз фирдавси барин ҳисобида, дар хитоб ба носеҳ мегӯяд:

Носеҳо, даъват макун моро ба фирдавси барин,
К-остони ҳиммати соҳибдилон з-он бартар аст.

**Байти 5.**
**Гарчи парҳез аз биҳишту ҳур ҳаст аз шаръ дур,**
**Дар ривоят дидам ин фатвост, тақво дигар аст.**

**Фатво** – ҳукми шаръ, ки оид ба ягон масъалаи динӣ аз тарафи муфтӣ, фақеҳ, қозӣ дода мешавад. Маҷозан ба маънии иҷозат низ меояд.**Тақво** – худотарсӣ. **Парҳез** – дурӣ ҷустан аз касе ё чизе. **Ҳур** – дӯшизаи биҳиштӣ. **Ривоят -** ҳадис, ҳикояҳои динӣ.

**Маънии байт:** Агарчи парҳез кардан аз биҳишт ва ҳурон аз тариқи шариат дур аст, вале ман дар ривоят (дар китобҳо) дидам, ки ин масъала танҳо фатво аст, асли тақво(худотарсӣ) чизи дигар аст.

**Байти 6.**
**Чашм бар фардо манеҳ чун зоҳид он дидорро,**
**Баркушо имрӯз чашме, кори аъмо дигар аст.**

**Маънии байт:** Ин байт дар мазаммати зоҳид аст, ки кори беҳуда мекунад ва мехоҳад бо зуҳди риёӣ ба дидори Ҳақ бирасад. Шоир мегӯяд: Мисли зоҳид ба умеди дидори фардо чашм дар роҳ мабош. Чашми зоҳирро не, чашми хақиқатбинатро бикшо, ки аъмо (зоҳид) наметавонад ҳақиқатро мушоҳида намояд. Низ метавонад буд, ки шоир мегӯяд: Ту имрӯз чашми ҳақиқатбинро кушо, ки бечашм нигаристан, ҳақиқатро пеши чашми ту боз мекунад (вале ин маънӣ дур аз зеҳн аст).

**Байти 7.**
**Гар дилат бишкаст дилбар, мастӣ афзун кун Камол,**
**К-аз шикасти ҷоми Маҷнун қасди Лайло дигар аст.**

**Маънии байт:**

Маънии байти мазкур дар ривояте нуҳуфта аст: «Лайлӣ дар биёбон ба мискинон шири шутур тақсим мекард. Ҳар касе бо навбат ба назди Лайлӣ меомаданд ва Лайлӣ ба косаи онҳо шир мерехт. Чун навбат ба Маҷнун расид, Лайлӣ ба сӯи Маҷнун нигоҳе афканд ва косаи ӯро аз дасташ гирифта ба замин зад, коса пора гардид. Ҳамагон маҳзун шуданд, вале Маҷнун бо шодии афзун рӯ ба саҳро овард. Аз ӯ пурсиданд:

- Лайлӣ косаи туро шикаст, ту чаро ин қадар хурсанд хастӣ?

Маҷнун ҷавоб дод:

- Аз миёни тамоми мискинон Лайлӣ танҳо косаи маро шикаст, ки ин далели таваҷҷуҳи ӯ ба ман аст:

Агар бо дигаронаш буд майле,
Чаро ҷоми маро бишкаст Лайлӣ?»

**Маънии байт:** Агар дилбар дилатро шикаст, шикастадил нашав, балки шавқу шӯри мастиро зиёда кун. Зеро дилбар (Лайло) агар косаи Маҷнунро шикаст, мақсади дигар дорад.

من باده میخورم چه کنم گو حرام باش
زاهد برو تو در پی ناموس نام باش

خواهی که برخوری دو سه روزی ز عمر خویش — ترک صلاح گیر خراب مدام باش
بگذار راه کعبه و بتخانه قبله ساز — از ننگ نام بگذر با چنگ و جام باش
زاهد ریا و فسق نهانی نه کار تست — ای ناتمام در همه کاری تمام باش
خواهی که پیش زنده دلان محترم شوی — در میکده مجاور بیت الحرام باش
ما تنگیم معرفت خاص و عام را — تو در پی شناختن خاص و عام باش

شیراز جای مردم صاحب کمال نیست
هان ای کمال عازم دار السلام باش

## ҒАЗАЛИ 6

Ман бода мехурам, чӣ кунам, гӯ, ҳаром бош,
Зоҳид, бирав ту, дар пайи номусу ном бош.
Хоҳӣ, ки бар хурӣ ду-се рӯзе зи умри хеш,
Тарки салоҳ гиру хароби мудом бош!
Бигзор роҳи Каъбаву бутхона қибла соз,
Аз нангу ном бигзару бо чангу ҷом бош.
Зуҳди риёву фисқи ниҳонӣ на кори туст,
Эй нотамом, дар ҳама коре тамом бош!
Хоҳӣ, ки пеши зиндадилон муҳтарам шавӣ,
Дар майкада муҷовири байтулҳаром бош.
Мо нангарем маърифати хосу омро,
Ту дар пайи шинохтани хосу ом бош.
Шероз ҷойи мардуми соҳибкамол нест,
Ҳон, эй Камол, озими Доруссалом бош.

Ин ғазалро мураттибони «Девони Камоли Хуҷандӣ» (Камоли Хуҷандӣ. Девон. Хуҷанд, 2011) аз нусхаи Азизи Давлатободӣ баргузида, бори аввал ба хати кириллӣ ба нашр расиданашро дар поварақӣ зикр кардаанд. Ғазали мазкур аз ҷиҳати истифодаи калимоти зоҳид, зуҳд, майкада, бутхона ва ғайра, ки аз серистеъмолтарин калимоту истилоҳоти шеърии шуарои бузурги ҳамзамони Камоли Хуҷандӣ (мисли Ҳофизи Шерозӣ) низ ҳастанд, баёнгари равияи хоси шеъри садаҳои 13-14 мебошад. Ин калимот баробари маънои аслии худ мафоҳими тасаввуфиро низ ифода мекунанд ва Камол бо воситаи ин мафоҳим аҳдофи шоирӣ ва андешаҳои ирфонии хешро баён доштааст. Тасвири ду шахсияти шеърӣ – зоҳид ва ринд; тасвири ду ҷаҳон - ҷаҳони пок ва ҷаҳони олуда; ду ҷаҳонбинӣ – дунявӣ ва орифона, ки ифодагари олами зоҳиру ботин ҳастанд, аз муҳимтарин хасоиси ғазали мазкур мебошад. Дар маҷмӯъ, дар ин ғазал бозтоби машраби маломатии риндиро метавон ба мушоҳида гирифт.

Қаҳрамонони ғазали мазкур зоҳид ва шахси шоиранд, вале дар абёти шумораҳои 2, 3 ва 5 шоир мақоми ровиро мегирад ва симои ринду маломатиро ба каси дигар медиҳад, ки ҳамақидаю ҳамнафаси ӯст.

**Байти 1.**
**Ман бода мехурам, чӣ кунам, гӯ, ҳаром бош,**
**Зоҳид, бирав ту, дар пайи номусу ном бош.**

Ин байт дар партави маслаки маломатии риндӣ гуфта шудааст, зеро **ринд** шахси озодманиш, назарбаланд, олуфтаву бовиқор аст, ки бештар ба айшу тараб машғул гардида, пойбанди хурофот ва расму одот нест. Дар луғат «ринд» чунин тавсиф шудааст: «Ринд… мункаре, ки инкори ӯ аз умури шаръия аз зиракӣ бошад, на аз ҷаҳл». Дар байти мазкур тимсоли «ринд», ки шахси худи шоир аст, бо «зоҳид» муқобил гузошта шудааст. Чунин муқобилгузорӣ дар ғазалиёти дигари Камол низ зиёд ба мушоҳида мерасад:

Ҳалол бод майи хулду ҳур зоҳидро,
Ки вогузошт ба риндон шаробу шоҳидро.

Низ:

Ба масҷид ҳафтае аз ту куҷо як саҷдаи лоиқ,
Ки дар одинаӣ зоҳид, ба шаш рӯзи дигар фосиқ.

Хулоса, Камол дар ин байт хешро бо зоҳиди риёкор муқобил мегузорад ва дар баробари он ки зоҳид мехоҳад бо ин амалҳои риёкорона хешро аҳли тақво ва порсоӣ нишон диҳад, эътироз мекунад ва ҳамин эътирози ӯ дар сурати хешро ринду майхора нишон додан баён шудааст. Вале ин маънои онро надорад, ки шоир ошкоро май хӯрданро талқин мекарда бошад,

балки рамз ва як навъ эътироз аст. Камол ҷойи дигар мегӯяд:

Ба овози рубобу най бинӯшем ошкоро май,
Ба шаҳр овозаи риндию майхорӣ барандозем.

Низ:

Камол, бо рухи соқӣ макун зи май парҳез,
Чу ёр қалбшинос аст, зоҳидӣ мафурӯш.

**Байти 2.**
**Хоҳӣ, ки бар хурӣ ду-се рӯзе зи умри хеш,**
**Тарки салоҳ гиру хароби мудом бош!**

Дар байти аввал шоир зоҳидро мухотаб қарор дода буд, аммо дар ин ҷо мухотаб каси дигар аст, ки дар ибтидо ишора кардем. Шоир ба ӯ мегӯяд: Агар мехоҳӣ, ки аз ин умри ду-се рӯзаи хеш баҳрае бардорӣ, салоҳро вогузор гузор ва роҳи мастию парешониро пеша кун. Ин андеша аз таълимоти маломатиён маншаъ мегирад, зеро маломатиён мекӯшиданд, ки зоҳири хешро таслими ботин насозанд ва розашон назди халқ ошкор нагардад. Аз ин сабаб, хешро зоҳиран муқобили баъзе асосҳои дин нишон медоданд. Дар мавриди ошкор накардани асрор Камол ҷое мефармояд:

Рози маъшуқ ҳадисест ниҳон доштанӣ,
Эй сабо, пеши кас аз қиссаи мо дамназанӣ.

**Байти 3.**
**Бигзор роҳи Каъбаву бутхона қибла соз,**
**Аз нангу ном бигзару бо чангу ҷом бош.**

Роҳи Каъбаро раҳо кардану бутхонаро қибла сохтан аслан амали бидъатомез аст, вале ин ҷо ҳамчун

кирдори зоҳирии маломатиён зикр шудааст. Аз тарафи дигар раҳо кардани ному нанг ва чангу ҷом ихтиёр кардан низ чунин аст, зеро мурод аз «чангу ҷом» омода кардани асбоби шодию нишот, яъне мусиқию шаробу кабоб, рақсу бозӣ ва ғайра аст. Агар дар байти аввал Камол зоҳидро «дар пайи номусу ном бош» - мегӯяд, дар байти мавриди таҳлил меъёри покию озодагиро барои шахси ринд тариқи «аз ному нанг гузаштан» муқаррар кардааст.

**Байти 4.**
**Зуҳди риёву фисқи ниҳонӣ на кори туст?**
**Эй нотамом, дар ҳама коре тамом бош!**

Аслан мисраи аввали байти мазкур оҳанги саволӣ дорад. Ин ҷо мухотаб зоҳид аст: Яъне, эй зоҳид, кори ту ҳамеша риёкорона гӯшанишинӣ кардан ва пинҳонӣ фисқ варзидан аст, ки чеҳраи туро ҳамчун шахси дурӯя ва риёкор ҷилва медиҳад. Нотамом – яъне хом. Камол ҷойи дигар мегӯяд:

Зоҳид шудаст дар тамаъи бодаи биҳишт,
Танҳо на хидматаш, ки тамаъ низ хом шуд.

Пас маънии байт: Эй нокомил ва хом, инсон бояд дар ҳама коре соҳиби якандешӣ ва якмаромӣ бошад, ту ҳам кӯшиш кун, то ин ки яке аз ин роҳҳоро интихоб кунӣ, то риёкор набошӣ. Камол ҷойи дигар дар мавриди тарки риё мегӯяд:

*Чандон ки бозҷуст дар аъмоли худ, Камол*
*Мақбултар зи тарки риё тоате наёфт.*

**Байти 5.**
**Хоҳӣ, ки пеши зиндадилон муҳтарам шавӣ,**
**Дар майкада муҷовири байтулҳаром бош.**

Ин ҷо андешаҳои ирфонии шоир равшантар зуҳур кардааст. «Зиндадилон» - яъне, аҳли асрор ва соҳиби асрор ва ин ҷо мурод риндони бодапарастанд, ки баръакси аҳли зуҳд маҳрами асроранд. Камол ҷойи дигар дар ин маънӣ мегӯяд:

Ҳадиси ишқ магӯ ҷуз ба ринди бодапараст,
Ки аҳли зуҳд надонанд сирри ин асрор.

Пас, байти фавқ аз забони худи шоир баён мешавад, ки хитобан ба қаҳрамони лирикӣ мегӯяд: Агар мехоҳӣ, ки дар назди аҳли асрор маснади иззат дарёбӣ, агарчи дар майкада нишастаӣ, хешро дар канори Каъба тасаввур кун. Аз дидгоҳи Камол оне, ки фориғ аз зуҳду риё, кибру ғурур ва дигар хисоли нописанду мазмума аст, ба мақоми тавҳид мерасад, ки дар он ҳараму майхона дар ваҳдатанд. Камол дар ҷойи дигар ба ҳамин мазмуни байти боло мегӯяд:

Дӯш аз дари майхона бидидем ҳарамро,
Май нӯшу бибин фусҳати майдони карамро.

Ин ҷо ақидаи Камол аз маслаки ваҳдати вуҷуд маншаъ мегирад, ки бар асоси он партави зоти Ҳақро метавон дар ҳама ҷо мушоҳида намуд:

Ҷӯямат гаҳ ба дари Каъбаву гаҳ бар дари дайр,
Чун гадои ту шудам, аз ту шуд ин дарбадарӣ.

**Байти 6.**
**Мо нангарем маърифати хосу омро,**
**Ту дар пайи шинохтани хосу ом бош.**

Барои мо риндон шинохти хосу ом муҳим нест, зеро дар назари мо тамоми олами моддӣ ҳамчун сарчашмаи

воҳид ҷилва мекунад. Зоҳидо, ин ту ҳастӣ, ки одамонро ба хосу ом ҷудо мекунӣ, зеро аҳли риё ҳастӣ.

**Байти мақтаъ.**
**Шероз ҷойи мардуми соҳибкамол нест,**
**Ҳон, эй Камол, озими Доруссалом бош.**

Ҳарчанд дар ҳеч кадом аз сарчашмаҳои дастрас дар мавриди истиқомати Хоҷа Камол дар Шероз ва ё лоақал дар мавриди ҳангоми сафарҳо аз ин сарзамин убур намуданаш ишорае нарафтааст, чунин менамояд, ки ӯ ба Шероз рафтааст, чунонки мегӯяд: Шероз макони суханвари соҳибкамоле чун ту нест, аз ин рӯ, зуд бош ва озими Доруссалом шав. «Доруссалом»- дар ФЗТ ба ду маънӣ омадааст: 1. Ҷаннат, биҳишт. 2. Лақаби ифтихории Бағдод. «Доруссалом» - номи яке аз дарвозаҳои Маккаи мукаррама ва инчунин номи яке аз дарвозаҳои биҳишт ҳам ҳаст. Ва агар мурод аз «Доруссалом» зиёрати шаҳрҳои муқаддас ҳам бошад, аҷаб нест, ки шоир ба ҳамин мақсад аз зодгоҳи хеш берун омада буд. «Соҳибкамол» - низ ба ду маънӣ бояд фаҳмида шавад: яке ишора ба худи Камоли Хуҷандист, ки дар мақоми ифтихория худро соҳибэҳтиром хондааст. чунонки дар ҷойи дигар хешро «олимақом» мегӯяд:

*То гаштаӣ муқим бар он остон, Камол,*
*Кас нест дар ҷаҳон зи ту олимақомтар.*

Ва дуюм ишора ба инсонҳои барӯманду соҳибмаърифат аст.

Масъалаи муайян кардани ин ки дар Шероз Камол чанд муддат таваққуф кард, оё бо Ҳофиз дидорбинӣ кард ё не, барои мо номаълум аст. Дар ин маврид дар сарчашмаҳо низ ахбори дақиқ мавҷуд нестанд ва аксаран такрори ҳам ҳастанд. Бинобар ин, ҳарчанд

таъин кардани масъалаи «Оё Камол дар Шероз истиқомат кардааст ё не?», ҷавоби мушаххас ва аниқ надорад, боз ҳам байти болоӣ хонандаро ба эҳтимолияти ба Шероз рафтани Камол бовар мебахшад.

Нуктаи дигаре, ки фарзияи будубоши Камолро дар Шероз тақвият мебахшад, он аст, ки яке аз қадимитарин нусхаҳои девони Камол, ки соли 1422 мелодӣ (825 ҳ) аз тарафи Дарвеш Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алӣ ас-Сироҷӣ пас аз 22 соли вафоти Шайх Камол сурат гирифтааст, дар Шероз мураттаб гардидааст.

Азбаски ғазали мавриди таҳлили мо дар нусхаҳои дар замони шӯравӣ бо хати кириллӣ омодашудаи Камоли Хуҷандӣ мавҷуд нест, шояд аз ҳамин ҷиҳат камолшиносони ватанӣ дар мавриди муносибати Камол ба Шероз ишораи сареҳ накардаанд. Пас, агар ин фарзияро бипазирем, саҳифаи тозае дар зиндагиномаи Камол афзуда хоҳад шуд.

Гузашта аз он ки «Оё Камол воқеан дар Шероз муддате қарор дошт, ё не?» шояд ин нукта ҳам мавриди назар бошад, ки (агар мурод аз «Доруссалом» Бағдодро бипазирем) Бағдод аз шаҳрҳои мадании ҳамон замон буд, аз ин хотир, Камол на Шероз, балки Бағдодро ҷойи «мардуми соҳибкамол» хондааст. Камол дар чанд маврид аз Шероз дар ғазалҳояш ёд кардааст. Чунончи:

*Дар шакар рез(?) фикри хеш Камол,*
*Қанди ҳар як сухан мукаррар соз.*
*То биёяд ба чошнигирӣ,*
*Шаккар аз Мисру Саъдӣ аз Шероз.*

Зимнан бояд қайд намуд, ки мисраи аввали абёти мазкур дар тамоми нусхаҳои кириллӣ ба ҳамин сурат омадааст, ки лутфи зиёд надорад. Дар шакар рехтани фикр – на танҳо маънӣ надорад, балки хандаовар низ

ҳаст. Магар фикри шоир холӣ аз ширинӣ буд ва маъонии латиф надошт, ки онро бо шакар меомехт? Ба гумони қавӣ бояд мисраи аввал **«Дар шакаррези фикри хеш Камол...»** хонда шавад, ки лутфе азим дорад. Ибораи «шакаррези фикр» - ба маънои «афкори ширину рангин» чи зебо ва шоирона аст!

Камол дар байти дигаре ҳам аз Шероз ва орзуи сафари ин шаҳри ормонии хеш сухан ба миён овардааст:

**Аз баҳри хотири дили табрезиён Камол,**
**Бо сорбон магӯй, ки Шерозам орзуст.**

Дар маънии ин байт адабиётшиноси фақид, устод Аълохон Афсаҳзод менависад:

«Ба назар чунин мерасад, ки Камол аз Сарой аввал ба Шероз рафтанӣ будааст, вале кашиши дидори дӯстони табрезияш ва яқинан аҳли хонаводааш ӯро аз сафари Шероз нигоҳ дошта, ба Табрез меорад. Ин байт гумони моро қавӣ месозад...» (А. Афсаҳзод. Камоли Хуҷандӣ- устоди ғазал. Душанбе: Деваштич, 2005. – саҳ. 38). Дар баробари фарзияи устод Афсаҳзод метавон назароти дигарро низ баён намуд:

Шояд ин байтро Камол дар ҳангоме гуфта бошад, ки корвони табрезиён озими ҳаракат буд ва шоир, ки низ бо нияти сафари Шероз бо он корвон пайваста буд, ба Шероз мерафт, вале ба эҳтироми табрезиён намехост ин асрорро ошкор кунад.

Азбаски аксари муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ ва адабии асрҳои 15-19 дар бораи зиндагиномаи воқеии Камоли Хуҷандӣ маълумоти такрори ҳам ва гоҳо начандон саҳеҳро зикр кардаанд, имкон дорад масъалаи ба Шероз рафтани Камол низ бо сабабҳои мухталиф аз дидгоҳи онон пӯшида монда бошад. Боқӣ Худо донотар аст...

طبیب عشق بخون گو بساز شربت عاشق / که نیست در خور بیمار جز غذای موافق

از آن متاع که عاشق به یار خویش فرستد / مراست جانی و آن نیز نیست تحفهٔ لایق

رقیب سعی نماید چو غمزهٔ تو بخونم / بود موافق غماز فکر رای منافق

دلم به زلف تو چون پی برد به سر میانت / که کس به ذهن پریشان نکرد فهم دقایق

بزم خیال تجرد ولی ز زلف بتانم / در آمدست به گردن هزار گونه علایق

اگر دهان تو گویند هست نیست ز تنگی / نه کاذبند درین نکته عاشقان نه صادق

کمال روی تو دید ز شوق بر سخن آمد / شود هر آینه طوطی ز عکس آینه ناطق

## ҒАЗАЛИ 7

Табиби ишқ ба хун гӯ бисоз шарбати ошиқ,
Ки нест дархури бемор ҷуз ғизои мувофиқ.
Аз он матоъ, ки ошиқ ба ёри хеш фиристад,
Марост ҷоневу он нест туҳфаи лоиқ.
Рақиб саъй намояд чу ғамзаи ту ба хунам,
Бувад мувофиқи ғаммоз фикру ройи мунофиқ.
Дилам ба зулфи ту чун пай барад ба сирри миёнат,
Ки кас ба фикри парешон накард фаҳми дақоиқ.
Пазам хаёли таҷарруд, вале зи зулфи бутонам
Даромадаст ба гардан ҳазор гуна алоиқ.
Агар даҳони ту гӯянд ҳасту нест зи тангӣ,
На козибанд дар ин нукта ошиқону на содиқ.
Камол рӯи ту диду зи шавқ дар сухан омад,
Шавад ҳар оина тутӣ зи акси оина нотиқ.

Ғазали мазкур аз ашъори ошиқонаи Камол аст ва тибқи гуфтаи худи шоир миқдоран аз ҳафт байт иборат аст. Азбаски аксари ғазалҳои Камол иборат аз ҳафт байт мебошанд, шоир дар ин маврид мегӯяд:

*Пора созанд аҳли маънӣ ҷомаҳо бар тан, Камол,*
*Гар бихонад ҳафт байти ту ғазалхоне дуруст.*

**Шарҳи байти аввал:** «Табиб» - касе, ки аз илми тиб огоҳ аст, табобаткунанда ва дармонбахши бемориҳо. Аз дидгоҳи аҳли ирфон «ишқ» беморӣ аст, ки аз тамоми бемориҳои дигар фарқ мекунад. Зеро бемории ишқ аз навъи бемориҳои ҷисмонӣ нест. Ишқи ирфонӣ рӯҳро чунон латифу ҳассос мекунад, ки метавонад асрори раббониро нишон диҳад. Вале донишмандони Юнони қадим Ҷолинус ва Арасту, инчунин Ибни Сино бар он ақида буданд, ки бемории ишқ бемории рӯҳӣ ва димоғӣ, ё асабӣ аст. Аммо орифон ишқро дарди бедаво ва табобатнопазир хондаанд.

Камол мегӯяд: Табиби ишқро бигӯ, ки аз хун шарбат омода кунад, зеро барои ошиқ аз ин ғизои мувофиқтаре нест. Ин матлаб пайванди андешаҳои Камолро бо Мансури Ҳаллоҷ низ шояд фарогир бошад: Замоне, ки Мансури Ҳаллоҷро ба дор мекашиданд, дастҳои ӯро буриданд. Чун хуни бисёре аз ӯ рафт, дастҳо ба рӯй мемолид ва соидро хунолуд кард. Пурсиданд: Чаро чунин мекунӣ? Гуфт: Вузӯ мекунам. Гуфтанд: Чӣ вузӯ? Гуфт: Дар ишқ ду раъкат намоз аст, ки вузӯи он ҷуз ба хун раво набошад. Камол дар девони хеш аз Мансур зиёд ёд кардааст:

*Асрори «аналҳақ» сухани нек баланд аст,*
*Маънии чунин ҷуз ба сари дор наёбӣ.*

*Ба маориҷи «аналҳақ» нарасӣ ба пои минбар,*
*Ки сарест ҷойи ин сар, ки сазои дор бошад.*

Пас, дар байти боло «бемор» ошиқ аст, ки илоҷи ӯ ҷуз дар роҳи ишқ сар бохтан чизе нест.

**Байти дуюм:** Маъмулан ошиқони дунёӣ ба хотири изҳори муҳаббати худ ба маъшуқони хеш чизе аз ҷинси матоъи дунёӣ ҷиҳати туҳфа пешкаш мекунанд. Маро дар бисот ба ҷуз ҷон чизи дигаре нест, аммо ҳамин ҷон ҳам лоиқи он нест, ки тариқи туҳфа ба маъшуқи ҳақиқии хеш бибахшам.

Ин байт ҳамандешии Камолро бо Ҳофиз нишон медиҳад. Ҳофиз ҳам ҷонро барои туҳфа кардан ба маъшуқа ҳақиру ноарзанда меҳисобад ва мегӯяд:

*Ҷон нақди муҳаққар аст, Ҳофиз,*
*Аз баҳри нисор хуш набошад.*

**Байти сеюм:** Ончунонки ғамзаи ту (маъшуқа) барои рехтани хунам равона карда шудааст, рақиб низ барои

рехтани хунам саъй намудааст, аммо ин қасд аз он қасд тафовут дорад. Ниҳояти ғамзаи ту, ки рехтани хуни ман аст, бо фикру ройи он мунофиқ (рақиб) танҳо зоҳиран шабеҳ ҳастанд. Ва агар мурод аз «ғаммоз» ғамзаи маъшуқро, ки низ ошиққуш аст, бидонем, раво бошад. Ҳофиз мегӯяд:

Куштаи ғамзаи ту шуд Ҳофизи ношунида панд,
Теғ сазост он киро фаҳми сухан намекунад.

**Байти чорум.** *«Зулф»* - ҳалқаи мӯй, гесӯ. Ин ҷо киноя аз ороиши зоҳирии арӯс аст, ки ошиқро ба доми худ кашида гирифтору парешон менамояд. Камол ҷойи дигар ҳам ба «зулф»-у «хол», ки баёнгари алоиқи зоҳирӣ аст, ишора менамояд: «Дил зи зулфу холи хубон тираву ошуфта аст…» «Миён»- дарун, дохил.

Азбаски дилам гирифтори зулфи парешони ту аст, ба асли асрори ботинии ту роҳ наёфтааст. Дуруст аст, ки инсоне, ки хотираш гирифтори тааллуқе бошад, чӣ гуна метавонад, ба идроки ҳақоиқ даст ёбад? Албатта, наметавонад. Дар ин байт миёни «зулф» ва «парешонии фикр» таносуби калом барқарор аст.

**Байти панҷум.** Ин байт идомаи байти болост: «Таҷарруд» - гӯшанишинӣ, тарки дунё. «Алоиқ»- ҷамъи алоқа, пайвастагӣ, робита, гирифторӣ. Ман дар сар хаёли онро дорам, ки аз гарди тааллуқ даст афшонда, тарки дунё намоям, вале чӣ кунам, ки аз ҳалқаи зулфи бутон ҳазор гуна алоиқ бар гардан дорам, яъне бастаи алоиқи бешумори дунё гардидаам.

**Байти шашум. «**Козиб» - дурӯғгӯй ва «содиқ» акси он бошад. Ин ду лафз дар ашъори шуарои зиёде дар канори ҳам истифода шудаанд. Чунончи, Анварӣ гӯяд:

Як олиму сад ҳазор ҷоҳил,
Як содиқу сад ҳазор козиб.

Ин байтро ба ду маънӣ фаҳмидан мумкин аст. **Маънии аввал:** Агар даҳони туро ошиқон бинобар тангии он ҳасте нестнамо гӯянд, на дурӯғ гуфтанд ва на рост, зеро даҳони ту вуҷуд дорад, вале бинобар тангӣ қариб, ки ба назар намерасад. **Маънии дуюм:** Агар даҳони туро ошиқон бинобар тангии он «нест» мегӯянд, онҳо на козибанд, рост мегӯянд, вале бар қавли худ устувору содиқ нестанд, чаро ки даҳони ту вуҷуд дорад. Ин байт дар сифати зебоии маъшуқи азалист аст, ки ҷилвааш дар ҳама мазоҳир ҳувайдост, вале дар айни замон нонамоён аст. Камол дар бораи ин пайдову ниҳон ҷойи дигар мегӯяд:

То даҳонат ҳаст пайдо, к-аз назарҳо шуд ниҳон,
Хурдабинон васфи он пайдову пинҳон гуфтаанд.
(198).

Низ:

Ҳеч ақли хурдабин нақши даҳонат дарнаёфт,
Дар миёни мо касе рамзи миёнат дарнаёфт. (178)

**Байти мақтаъ.** Камол (мурод ошиқ аст) чун рӯйи зебои туро дид, аз шавқу иштиёқ дар сухан омад. Ҳоли ӯ дар ин маврид монанди он тӯтиест, ки акси хешро дар оина дида, ба такаллум даромадааст. Рамз ин ҷост, ки барои сухан омӯхтан ва ба гап даровардани тӯтӣ, ӯро дар баробари оинае қарор медиҳанд, то ин ки акси хешро ҳамҷинси хеш пидошта, аз сари шавқ ба сухан медарояд. Ба гумони қавӣ Ҳазрати Камол ин ҷо аз мақоми ҳайрат сухан мегӯяд, зеро дар тариқати аҳли ирфон ин мақоми худшиносии ориф аст. Халлоқулмаонӣ Хоқонии Шарвонӣ дар ин маврид мегӯяд:

Чу тӯтӣ к-ойина бинад шиноси худ, бияфтад пай
Чу худ дар худ шавад ҳайрон, кунад ҳайрат

сухандонаш.

Хулоса, ғазали мазкур намунае аз ғазалҳои ирфонии Шайх Камол аст, ки дар тайи он бо омехтагии ҳақиқату маҷоз мароҳили расидан ба хилватсарои ҳақиқат баён шудааст.

## ҒАЗАЛИ 8

Дили ҳар кӣ бемори ӯ шуд, хуш аст,
Зи шодист пур, гарчи ғамгинваш аст.
Равад ҷон чу пайкон ба дунболи тир,
Чу ёбад нишоне, к-аз он таркаш аст.
Бисоти шаҳон зери по афканад,
Зи хоки дарат ҳар киро мафраш аст.
Сазовори оҳам ман аз рӯ-т дур,
Гунаҳкор шоистаи оташ аст.
Ду чашму ду абрӯ, ду зулфат гувост,
Ки нақши ту дар нарди хубӣ шаш аст.
Бувад донакаш ҳар куҷо мӯр ҳаст,
Аз он мӯри хатти лабат дилкаш аст.
Бар он лаб маёзор мӯре, Камол,
«Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст».

Ғазали мазкур аз ғазалҳои ошиқонаи Шайх Камол аст, ки дар он сифоти маъшуқаи азалӣ баён гардидааст. Маълум аст, ки Камол ин ғазалро бо баҳрабардорӣ аз Фирдавсӣ ва Саъдии Шерозӣ суруда, дар мақтаи ғазал як мисраи Фирдавсиро, ки Саъдӣ тазмин намудааст, истифода бурдааст.

**Байти якум.**
**Дили ҳар кӣ бемори ӯ шуд, хуш аст,**
**Зи шодист пур, гарчи ғамгинваш аст**.

**Бемори ӯ шуд** – яъне, гирифтори дарди ишқ гардидан.

**Маънии байт:** Ҳар касе, ки дилаш гирифтори бемории ишқи ҷонон гардид, агарчи зоҳиран ғамгин менамояд, аслан аз шодию фараҳ лабрез аст. Зеро ишқ ба ҳар диле, ки роҳ ёфт, ҳарчанд ошиқро гирифтори дарду ранҷи зиёд мегардонад, дар ҳақиқат мисли ганҷинае он дилро равшанӣ мебахшад.

**Байти дуюм.**
**Равад ҷон чу пайкон ба дунболи тир,**
**Чу ёбад нишоне, к-аз он таркаш аст.**

**Пайкон** – қитъаи оҳани нӯги тир, нӯги тези тир. **Таркаш-** тирдон, тиркаш, халта ё киссаи чармине, ки дар қадим ба он тири камон мениҳоданд ва дар миён мебастанд. Дар байти мазкур байни калимаҳои «пайкон», «тир», «нишон»,, «таркаш» таносуби калом барқарор аст. Хеле аҷиб аст, ки ҳадафи тир гардидан аслан айни ҳалокат аст, вале ошиқ аз ин хатар парҳез намекунад.

**Маънии байт:** Ҳар балое, ки аз ҷониби маъшуқ меояд, барои ошиқ айни роҳат мебошад. Аз ин лиҳоз, ошиқ мегӯяд: Ҷони ман дар ҳар куҷо, ки нишони тири таркаши муҳаббати маъшуқаро дарёбад, монанди пайкон ба сӯи он ҳаракат мекунад.

**Байти сеюм.**
**Бисоти шаҳон зери по афканад,**
**Зи хоки дарат ҳар киро мафраш аст.**

**Бисот** –дар ин ҷо ба маънои дороӣ, боигарӣ. **Бисоти шаҳон зери по афкандан** – киноя аз бениёзӣ аз тааллуқот.

**Мафраш** – чизи густурданӣ аз қабили палос, гилем, фарш ва ғайра.

**Маънии байт:** Ҳар касе, ки аз хоки дари ту баҳраёб аст, барои ӯ ҳатто дороӣ ва боигарии даргоҳи шоҳон арзиш надорад. Яъне, шоир дар ин байт хоки кӯи маъшуқро аз ҳама дороӣ ва мукнат боло мегузорад.

**Байти чорум.**
**Сазовори оҳам ман аз рӯ-т дур,**
**Гунаҳкор шоистаи оташ аст.**

**Оҳ** – калимаи нидо, нафаси баланд, ки аз шодӣ ва ё ғам бароварда мешавад. Дар ин ҷо киноя аз дарду афсӯс, изҳори таасссуф, ҳасрат. **Оташ -** дар ин ҷо киноя аз ҷаҳаннам аст.

**Маънии байт:** Ман, агар аз рӯи хуби ту дур ҳастам, сазовори ҳама гуна афсӯсу надомат, дард ва оҳи сӯзони ҳаҷр ҳастам, зеро гунаҳкорам ва гунаҳкор шоистаи оташи дӯзах аст.

**Байти панҷум.**
**Ду чашму ду абрӯ, ду зулфат гувост,**
**Ки нақши ту дар нарди хубӣ шаш аст.**

**Нард** – бозии монанд ба шоҳмот аст, ки бо сӣ муҳраи сиёҳу сафед ва ду тос бозӣ карда мешавад. **Нақш** – дар ин ҷо ба маънои тарҳ, симо. **Дар нарди хубӣ шаш будан** – киноя аз соҳибҷамолӣ ва дар камоли зебоӣ қарор доштани маъшуқ аст. Ду чашм, ду абрӯ ва ду зулфи маъшуқа, ки дар маҷмӯъ шашро ташкил медиҳад, баёнгари камоли зебоии ӯст, зеро дар бозии нард низ соҳиби ду шаш гардидан нишони муваффақият аст.

**Маънии байт:** Ду чашм, ду абрӯ ва ду зулфи ту, ки дугона афтодаанд, баёнгари он аст, ки ту дар зебоӣ ва соҳибҷамолӣ беназир ҳастӣ.

**Байти шашум.**
**Бувад донакаш ҳар куҷо мӯр ҳаст,**
**Аз он мӯри хатти лабат дилкаш аст.**

**Донакаш** – кашандаи дона, мӯр, маҷозан хурдӣ дар назар аст**. Дилкаш** – ҷаззоб, зебо. **Мӯри хатти лаб** – киноя аз мӯйҳои нозуки гирди лаби маъшуқ, ки ба чашм чандон намоён нестанд ва ба қатори мӯрчагон монанданд, хат.

**Маънии байт:** Мӯри донакаш ҳам аз сабаби он ки хурд асту боз ҳам донакашӣ мекунад, писанди ҳамагон аст. Мӯйҳои нозуки гирди лаби ту низ, ки қатори мӯрчагонро ба хотир меоварад, хеле ҷаззоб ва зебост.

**Байти ҳафтум:**
**Бар он лаб маёзор мӯре, Камол,**
**«Ки ҷон дораду ҷони ширин, хуш аст».**

**Маёзор мӯре** – яъне дар пайи озори касе мабош. Мисраи охирини байти мазкур тазмин аз байти зерини Фирдавсӣ аст, ба сурати зер: «Маёзор мӯре, ки донакаш аст// Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст». Байти мазкурро Саъдии Шерозӣ дар қитъае тариқи тазмин истифода карда, мегӯяд:

«Чӣ хуш гуфт Фирдавсии покзод,
Ки раҳмат бар он турбати пок бод:
«Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст».

**Ҷон доштан, ҷони ширин** – дар ин ҷо ба маънои соҳиби иззати нафс ва маъшуқа будан аст.

**Маънии байт:**

Дар робита ба маънии байти шашуми ғазали мазкур Камол маънии мисраи Фирдавсиро тамоман тобиши дигар додааст. Агар мо байтро бо ҳамон маъние, ки Фирдавсӣ ва ё Саъдӣ дар назар доштаанд, маънидод кунем, таносуби маънии абёти ғазал гусаста хоҳад гашт. Пас, дар байти мазкур мисраи «Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст» ба худи шоир оид аст: Яъне, Камол мисли мӯри донакаши ҳақир аст, ӯро озор мадеҳ, ки ӯ аз он ки мисли ту ҷони ширине (маъшуқа) дорад, саодатманд аст.

Худро дар баробари маъшуқа мӯри ҳақир шумурдани Камол дар байти зер низ дида мешавад:

*Мекашам ҷони муҳаққар пеши мӯрони дарат,*
*Афв фармо, з-он ки бошад туҳфаи мӯрон ҳақир.*

Дар ҳамин байт низ маҳорати маънисозию дидгоҳи борикбини Камол ба хубӣ эҳсос мегардад.

Маънии дигари мутаводили байти мазкур ҳамон аст, ки оҳанги тарбиявӣ дорад. Шоир хешро мухотаб қарор медиҳад ва мегӯяд, ба эҳтироми он лабҳои зебои маъшуқ, мӯреро озор мадеҳ.

## ҒАЗАЛИ 9

Рӯзгорест, ки ҳечаш назаре бо мо нест
В-ин шаби фурқати моро саҳаре пайдо нест.
Бо ту сӯзи дили ушшоқ магар дарнагирифт,
З-он ки ҳечат ба ҷигарсӯхтагон парво нест.
Муфтии шаръ, ки аз рӯи ту манъам фармуд,
Зоҳир он аст, ки дар илми назар доно нест.
Эй, ки гӯӣ, ҳаваси ишқ бурун кун зи димоғ,
Ба чӣ кор оядам он сар, ки дар ӯ савдо нест!?
Як нафас ҳаст ҳанӯз  аз асари ҷон боқӣ,
Ин гуноҳ аз қибали бахти бад аст, аз мо нест,
Ақл дид он қаду мегуфт ба овози баланд:
Алҳақ, инсоф, ки болотар аз ин боло нест.
Парда баргир, ки бинад рухат имрӯз Камол,
Ки чу кӯтаҳназарон мунтазири фардо нест.

**Байти аввал.**
**Рӯзгорест, ки ҳечаш назаре бо мо нест**
**В-ин шаби фурқати моро саҳаре пайдо нест**.

**Маънии байт:** Хеле муддат аст, ки маъшуқа ба сӯи мо нигоҳе намекунад ва аз ин сабаб шоми фироқи моро равшании саҳар пайдо нест.

**Байти дуюм.**
**Бо ту сӯзи дили ушшоқ магар дарнагирифт,**
**З-он ки ҳечат ба ҷигарсӯхтагон парво нест.**

**Ушшоқ** – ҷамъи ошиқ. **Ҷигарсӯхтагон** – киноя аз ошиқон. **Маънии байт:** Чунин менамояд, ки сӯзи дили ошиқон ба ту таъсире накардааст, зеро ту нисбат ба ошиқони ҷигарсӯхтаи худ парвое надорӣ.

**Байти сеюм.**
**Муфтии шаръ, ки аз рӯи ту манъам фармуд,**

**Зоҳир он аст, ки дар илми назар доно нест.**

**Муфтии шаръ -** касе, ки аз рӯи шариат оид ба масъалае фатво медиҳад ва ҳукм мефармояд, назоратгари риояи аҳкоми дин, фатводиҳанда. **Манъ фармудан -** боздоштан аз коре ё чизе.

**Илми назар** илми мунозира, ки дар он одоби баҳс баён карда шавад ва ба маънии илми ақлӣ, чунончи мантиқ ва ҳикмат...(аз «Ғиёс-ул-луғот»). Дар ин ҷо *киноя аз* нигаристан, назар бастан ба касе аз шавқи ошиқӣ.

**Маънои байт:** Фатводиҳандаи аҳкоми шаръӣ, ки маро аз дидани рӯи ту манъ фармуд, касест, ки дили огоҳ надорад ва дар дили ӯ барои муҳаббат ҷой нест.

**Байти чорум.**
**Эй, ки гӯӣ, ҳаваси ишқ бурун кун зи димоғ,**
**Ба чӣ кор оядам он сар, ки дар ӯ савдо нест!?**

**Ҳавас** – орзу, хоҳиш, майл, шавқу иштиёқ.

**Аз димоғ бурун кардан -** аз хиёл берун кардан, аз сар дур кардан, фаромӯш кардан. Савдо – дар ин ҷо ба маънои ишқ, меҳр, дӯстӣ, муҳаббат.

**Маънии байт:** Зоҳиран ин ҷо мухотаб хамон муфтӣ ва ё носеҳ аст, ки шоир хитобан ба ӯ мегӯяд: Аз он ки ту маро мегӯӣ, ки ҳаваси ишқро аз сар берун кунам, барои ман арзише надорад, зеро он саре, ки дар он савдои ишқ ҷой надорад, сар нест ва ба чизе намеарзад.

**Байти панҷум.**
**Як нафас ҳаст ҳанӯз аз асари ҷон боқӣ,**
**Ин гуноҳ аз қибали бахти бад аст, аз мо нест,**

**Як нафас** – як дам, як лаҳза. Дар вуҷуди ман ҳанӯз як даме аз нишони ҷон боқист, ки баёнгари дар роҳи ишқ ҳанӯз сарсупурда набудани ман аст.

**Байти шашум.**
**Ақл дид он қаду мегуфт ба овози баланд:**
**Алҳақ, инсоф, ки болотар аз ин боло нест.**

**Ақл** – хирад, ҳуш, зеҳн; нируест аз нафси инсон, ки ба воситаи он тамйизи дақоиқи ашё кунанд ва онро «нафси нотиқа» низ гӯянд. **Болотар** – яъне, баландтар. **Боло** – қад. Болотар аз ин боло нест – яъне баландтар аз қомати маъшуқа қомате нест.

**Маънии байт:** Дар баробари зебоии қомати мавзуну зебои маъшука ақл хам хира монд ва эътироф кард, ки баландтар аз қади зебои маъшуқ қомате нест.

**Байти ҳафтум.**
**Парда баргир, ки бинад рухат имрӯз Камол,**
**Ки чу кӯтаҳназарон мунтазири фардо нест.**

**Парда** – ҳиҷоб, рӯпӯш, чашмбанд, пардае, ки бо он занон чеҳраи худро мепӯшанд, фаранҷӣ.

**Кӯтаҳназар** – кӯтаҳбинон, касоне, ки назару ҳиммати баланд надоранд, касоне, ки вусъати маърифаташон тангу кӯтоҳ аст; *киноя аз* зоҳидон, ки мунтазири биҳишту охиратанд.

**Маънии байт:** Қаҳрамони лирикӣ дар хитоб ба маъшуқа мегӯяд: пардаи рухсори хешро баргир то ошиқи ту, ки мисли зоҳидони кӯтаҳназар мунтазири фардо нест, аз зебоии рухсори ту бархурдор гардад.

## ҒАЗАЛИ ДАҲУМ

Рози маъшуқ ҳадисест ниҳондоштанӣ,
Эй сабо, пеши кас аз қиссаи мо дам назанӣ?!
Шамъ мехост, ки ронад сухан аз хилвати роз,
Нек будаш, ки баромад ба даҳон сӯхтанӣ.
Воизо, наъраи мастона куҷову ту куҷо?!
Ошиқаш ношуда, гармӣ макун, эй ношуданӣ!
Шишаи ринд тавон зери қадам зуд шикаст,
Қадам он бошаду мардӣ, ки хумораш шиканӣ.
Пераҳан гар танат озурд, чӣ пӯшӣ онро?
Айби Юсуф натавон кард ба нозукбаданӣ.
Ғунча пеши даҳанат лаб ба ҳадисе накушуд,
Расми хиҷлатзадагон аст, бале, камсуханӣ.
Гуфта будӣ сарат аз теғ раҳонем, Камол,
Зинда кардам зи сар ин ваъда, ки дар по фиканӣ.

**Байти якум.**
**Рози маъшуқ ҳадисест ниҳондоштанӣ,**
**Эй сабо, пеши кас аз қиссаи мо дам назанӣ?!**

**Роз** – сир, асрор. **Сабо** – боде, ки аз самти шарқ мевазад, боди барин, боди форам, боди баҳорӣ.

**Рози маъшуқ** – *мурод аз* асрори ишқи ирфонӣ ба Худованд.

**Маънии байт:** Асрори ишқ суханест, ки бояд пинҳон дошта шавад, аз ин рӯ, ту эй боди сабо, мабод, ки қиссаи моро назди дигаре интиқол диҳӣ ва баён созӣ. Дар мавриди ифшо накардани асрори ишқ суханварон зиёд ибрози андеша намудаанд. Ҳофиз мегӯяд:

Сухани ишқ на он аст, ки ояд ба забон,
Соқиё, май деҳу кӯтоҳ кун ин гуфтушунуфт.

Низ Мавлонорост:

Ҳар киро асрори кор омӯхтанд,
Муҳр карданду даҳонаш дӯхтанд.

Мансури Ҳаллоҷ, ки сухани ишқро ошкор кард, боиси ба дор кашида шудани ӯ гардид.

**Байти дуюм.**
**Шамъ мехост, ки ронад сухан аз хилвати роз,**
**Нек будаш, ки баромад ба даҳон сӯхтанӣ.**

**Хилвати роз** – *киноя аз* рози ниҳон, асрори пинҳон.

**Сӯхтанӣ** – навъе аз беморӣ, ки онро ба воситаи сӯзондан бо оҳани тафсон муолаҷа мекарданд; доғӣ низ гӯянд. Инчунин аз «сӯхтанӣ» мурод оташ низ ҳаст.

**Маънии байт:** Шамъ мехост, ки аз асрори ниҳони ишқ сухан гӯяд, хуб шуд, ки ба даҳонаш сӯхтанӣ баромад.

**Байти сеюм.**
**Воизо, наъраи мастона куҷову ту куҷо?!**
**Ошиқаш нашуда, гармӣ макун, эй ношуданӣ!**

**Воиз** – ваъзкунанда, панду насиҳатдиҳанда, насиҳатгар, насиҳатгӯ. **Наъраи мастона** – фарёди бехудонаи маствор, бонги хеле баланд, фарёду хурӯши гӯшхарош. Дар ин ҷо ба хурӯш омадан, дар самоъ рафтан, изҳори шавқу ҷунуни ошиқона намудан.

**Гармӣ кардан** – мағрурӣ кардан, худнамоӣ кардан; *киноя аз* беқарорӣ кардан.

**Ношуданӣ** – ноқис, нотамом, хом; камақл, аҳмақ, нокомил.

**Маънии байт:** Эй воиз, ту куҷову изҳори шавқу шӯри ошиқона куҷо? Эй нокомил ва ноқис, беҳуда

худнамоӣ макун, ки ту ҳанӯз ошиқ нашудаӣ ва чӣ будани шавқу шӯри ишқро намедонӣ.

**Байти чорум.**
**Шишаи ринд тавон зери қадам зуд шикаст,**
**Қадам он бошаду мардӣ, ки хумораш шиканӣ.**

**Ринд** – зирак, бебок, беқайд, густох, лоуболӣ, озодандеш. **Шишаи ринд** – шишаи шароб, ҳар зарфи шишагин монанди пиёла, зарфи шароб ва ғ. **Шишаи дили касе зери қадам шикастан -** *киноя аз* озурда сохтани дили касе, дилозорӣ кардан. **Қадам** – андозаи по аз сарангушт то пошна. Қадами дуюм ба маънои кор, амал. **Хумор шикастан** – рафъи хумор кардан, бартараф кардани ҳолати ногувори баъди мастӣ бо се пиёла май, ки саҳаргаҳ менӯшанд, сабӯҳӣ кардан.

**Маънии байт:** Шоир бо ишора ба воиз (носеҳ), ки дар байти боло зикр гардид, мегӯяд: Шишаи шароби ринди шаробиро шикастан кори душвор нест, вале мардӣ ва амали хуб он аст, ки битавонӣ ҳоҷати ӯро барорӣ ва он риндро хушҳол созӣ.

**Байти панҷум.**
**Тераҳан гар танат озурд, чӣ пӯшӣ онро?**
**Айби Юсуф натавон кард ба нозукбаданӣ.**

**Пероҳан – либос, пӯшиш.** Дар истилоҳи ирфонӣ ҳиҷобест, ки дар миёни солик ва маъшуқи маънавӣ бошад.

**Чӣ пӯшӣ онро** – ба ду маънӣ фаҳмида мешавад: а) Чаро он пероҳанро ба бар мекунӣ? б) Чаро озурдагии баданро ифшо намекунӣ ва пинҳон медорӣ?

**Юсуф** – писари Яъқуб, ки дар ҳусн ягонаи замон буда, дар шеър тимсоли покӣ ва зебоист.

**Нозукбадан** – дар ин ҷо ба маънои зебо.

**Маънии байт:** Агар пероҳан тани туро озор дод, чаро онро ба бар мекунӣ? Ту мисли Юсуф зебо ҳастӣ ва барои ин авсоф туро айб кардан нашояд.

**Байти шашум.**
**Ғунча пеши даҳанат лаб ба ҳадисе накушуд,**
**Расми хиҷлатзадагон аст, бале, камсуханӣ.**

**Маънии байт:** Ғунча бо дидани даҳони танги ту аз хиҷолат аз сухан гуфтан даст кашид, зеро касе, ки хиҷолатзада мегардад, камсухан мешавад.

**Байти ҳафтум.**
**Гуфта будӣ сарат аз теғ раҳонем, Камол,**
**Зинда кардам зи сар ин ваъда, ки дар по фиканӣ.**

**Сар** – дар мисраи аввал ба маънои узви инсон, дар мисраи дуюм ба маънои ибтидо, оғоз, аввал омадааст.

**Дар по фиканӣ** – дар поят афканӣ, яъне ман сари худро қурбони ту мекунам.

**Маънии байт:** Шоир дар мурочиат ба маъшуқа мегӯяд: «Ту гуфта будӣ, ки саратро аз теғ мераҳонам. Ман ин ваъдаи туро аз сар гирифтам, яъне ба ёди ту овардам, то ин ки сари маро бар пои худ афканӣ».

## МУНДАРИҶА

**Тафсири даҳ ғазали Шайх Камоли Хуҷандӣ бо қалами Равшани Ҳамроҳ**
**Ғазали 1:** Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро
**Ғазали 2:** Дил муқими кӯи ҷонон асту тан ин ҷо ғариб
**Ғазали 3:** Ҷоно, ба ҷуз лабони ту оби ҳаёт нест
**Ғазали 4:** Нест ғайр аз ту дастгир, эй дӯст!
**Ғазали 5:** Раҳ кушуданд, бор барбандед
**Ғазали 6:** Андалебе мезанад бар гул навое, бишнавед
**Ғазали 7:** Сар бар дари туам, бинигар сарбаландиям
**Ғазали 8:** Дило, туҳфаи ҷон ба ҷонон расон
**Ғазали 9:** Гуфтам: Малакӣ, ё башарӣ? Гуфт, ки ҳар ду
**Ғазали 10:** Ё Раб, ин дарди дилу фурқати ҷонон то кай?
**Тафсири даҳ ғазали Шайх Камолихуҷандӣ бо қалами Тоҷибой Султонӣ**
**Ғазали 1:** Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро
**Ғазали 2:** Дӯст медорад дилам ҷавру ҷафои дӯстро
**Ғазали 3:** Гар ба ҷустан ёфт гаштӣ ёри мо
**Ғазали 4:** Ҷаҳоне пур зи мақсуд асту роҳе равшану пайдо
**Ғазали 5:** Илми тақво сар ба сар даъвист, маъно дигар аст
**Ғазали 6:** Ман бода мехурам, чӣ кунам, гӯ, ҳаром бош
**Ғазали 7:** Табиби ишқ ба хун гӯ бисоз шарбати ошиқ
**Ғазали 8:** Дили ҳар кӣ бемори ӯ шуд, хуш аст
**Ғазали 9:** Рӯзгорест, ки ҳечаш назаре бо мо нест
**Ғазали 10:** Рози маъшуқ ҳадисест ниҳондоштанӣ

**ШАРҲИ БИСТ ҒАЗАЛИ**
**КАМОЛИ ХУҶАНДӢ**

Муфассирон:
**Равшани ҲАМРОҲ ва Тоҷибой СУЛТОНӢ**

Хаттот:
**Иброҳими НАҚҚОШ**

Муҳаррир:
**Ҳамза БОҚИЕВ**

Мусаҳҳеҳ:
**Миҷгона АЮБЗОДА**

Ба матбаа 10.04.2020 супурда шуд. Ба чоп 15.04.2020 имзо шуд. Андозаи 60X84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ. Адади нашр 200. Супориши № 13.
Нархи шартномавӣ.